ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №11 (263) 4 декабри 2017, душанбе (оғози нашр: соли 1994)

## СОРБОН ЛАТИФОВ - ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН ВА БИНОӢ РАҲИМОВ - ЧЕМПИОНИ ОСИЁ




Сорбон ЛАТИФОВ

Раҳимов БИНОӢ

*Аз 9-уми ноябр то 12-уми ноябри соли ҷорӣ мусобиқаи ҷаҳонии самбо байни 93 давлати дунё дар шаҳри Сочии Русия баргузор гардид. Дар ин сабқати ҷаҳонӣ варзишгари тоҷик Сорбон Латифов, донишҷӯи соли 3-юми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иштирок намуда, дар вазни 62 кило дар риштаи самбои размӣ қувваозмоӣ карда, сазовори ҷойи 3-юм ва барандаи медали биринҷӣ гардид.*

*Дар ин мусобиқаи қаҳрамонии ҷаҳон паҳлавонон ва чемпионҳои мамлакатҳои пешрафтаи Аврупо, аз қабили Руминия, Гурҷистон, Италия, Хорватия, Белорус ва ғайра иштирок доштанд.*

*Инчунин, таърихи 12-уми ноябри соли ҷорӣ донишҷӯи соли 3-юми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Раҳимов Биноӣ низ дар мусобиқаи байналмилалии варзишӣ, ки миёни давлатҳои Осиё дар Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, аз риштаи варзиши Тхэквондо иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид.*

*Ҳарду варзишгарро бо самимияти беандоза ректори донишгоҳ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло, донишҷӯён ва омӯзгорон дар саҳни донишгоҳ пешвоз гирифтанд ва аз тарафи садорати донишгоҳ ба Сорбон Латифов ва Раҳимов Биноӣ ба маблағи 3000 сомониғӣ қадрдонӣ карда шуданд.*

*Маъмурият, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ Сорбон ва Биноиро ба хотири боло бардоштани парчами миллат дар арсаи ҷаҳон ва муаррифии Тоҷикистону донишгоҳ табрику таҳният гуфта, ба онҳо зиндагии ростинро таманно доранд.*

### ДИРАФШИ КОВАЁНӢ

("ШОҲНОМА" ВА ПАРЧАМИ МИЛЛИИ ИРОНИТАБОРОН )



### ТАЪЙИНОТИ МИЛЛӢ ВА САРҚОНУНҲО




### ХУШБАХТИРО ДАР ЧӢ МЕБИНЕД?



### ДУ КАШФИЁТИ ҶАҲОНИИ ХИМИКИ ҶАВОНИ ТОҶИК



### РУШДИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА АНДРАГОГИКА



### ОЛИМ, ТАШКИЛОТЧӢ ВА МАРДИ НАКӮКОР



### МУНОСИБАТ БА ИЛМ БОЯД ҶИДДӢ БОШАД!



*Аз дарахтон хондаам ман буду ҳам нобуди мо:*
*Аз яке гаҳвора созанд, аз дигар тобути мо!*



# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ



Таърихи 16.11.2017 дар толори фарҳангии донишгоҳ бо ташаббуси факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло иштирок намуда, чорабиниро оғоз бахшид. Зимни суханронӣ ҳозиринро ба ин рӯзи саид табрик намуда, ба онҳо оромиву осудагии ватанро орзу намуд.

Сипас, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ Бадалов Исфандиёр дар мавзӯи "Ҳаёт ва фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон" ва Комилов Насим, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ дар мавзӯи "25-солагии Иҷлосияи тақдирсоз аз инсони озод то истиқлолияти миллат" маърӯза намуданд. Дар қисмати фарҳангӣ донишҷӯёни факулта бо суруду таронаҳо баромад намуданд. Чорабинӣ дар сатҳи баланд гузаронида шуд.

# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ

Рӯзи 15.11.2017 бо ташаббуси факултаи филологияи рус бахшида ба Рӯзи Президент ва 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Президенти мо-Пешвои мо" баргузор гардид. Конфронсро декани факулта номзади илмҳои педагогӣ Шарипова Одинамо ҳусни оғоз бахшид ва ҳамагонро ба ин ду санаи таърихӣ шодбош гуфт. Дар кори конфронс ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Худойдодова Шарофат, раиси Шӯрои занон дотсент Раҳимова Савронбӣ, мудирони кафедраҳо Бобоқулов Ҷумахон ва Асоева Комила иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карданд. Конфронс дар сатҳи хуб гузашт.

# КОНФРОНС БАХШИДА БА ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Таърихи 10.11.2017 дар факултаи филологияи тоҷик ва журналистика конфронс бахшида ба Рӯзи Президент ва 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Декани факулта Зулфиев Гадомад конфронсро оғоз бахшида, ҳозиринро ба ин рӯз табрику таҳният намуд.

Дар кори конфронс мудирони кафедраҳо ва омӯзгорону донишҷӯён фаъолона иштирок намуданд. Конфронс дар сатҳи баланд гузаронида шуд.

# РӮЗИ ПАРЧАМ ДАР ФАКУЛТАИ ОМӮЗГОРӢ



Санаи 23.11.2017 дар факултаи омӯзгорӣ чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Парчами миллӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ декани факулта номзади илмҳои педагогӣ Лоиқов Парвиз, ҷонишини декан оид ба тарбия Шарипов Бахтовар, раиси созмони ҷавонони факулта Қосимов Пулод ва омӯзгорону донишҷӯёни факулта иштирок доштанд.

Донишҷӯёни курси 1-уми факулта дар мавзӯъҳои "Парчамнишони давлатдорист!" маърӯза намуданд. Дар охири миёни иштирокчиён викторина гузаронида шуда, фаъолон бо ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд.

# МАҲФИЛИ "ОЛАМИ ИҚТИСОД"

Рӯзи 27.11.2017 дар факултаи молиявию иқтисодӣ маҳфили "Олами иқтисод" бо роҳбарии омӯзгорон Каримов Фарух ва Давлатов Гулаҳмад гузаронида шуд. Маърузачиён Гадоева Судоба дар мавзӯи Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар рушди иқтисоди оилавӣ" ва Кабиров Аслиддин донишҷӯи соли 4-уми факулта дар мавзӯи "Қарзи бонки Эсхата барои қонеъ гадонидани эҳтиёҷоти оилавии шаҳрвандон дар шаҳри Кӯлоб" баромад намуданд. Дар охир маърӯзачиён бо ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд.



# ДАРСИ КУШОД ДАР ФАКУЛТАИ ФИЛОЛОГИЯИ РУС

Таърихи 18.11.2017 дар факултаи филологияи рус дарси кушоди муаллимаи калон Сайдамирова К.Ҷ. дар мавзӯи "Лексика современного языка с точки зрения сферы её употребления. (Общеупотребительная и необщеупотребительная)" гузаронида шуд. Дар дарс мудирони кафедраҳо ва дигар омӯзгорон ширкат варзиданд. Дарс бо тарзу усулҳои нави замонавӣ гузаронида шуда, донишҷӯён фаъолона иштирок намуданд. Дар дарс аз технологияҳои инноватсионӣ васеъ истифода бурда шуд, ки ин хеле олӣ буд.



# ФИРӮЗ БА РӮЙХАТИ 10 ОЛИМИ ҶАВОНИ ВАРЗИДАИ ҶУМҲУРӢ ШОМИЛ ШУД!

Фирӯз Сайфуддинов, сардори маркази истеъдодҳои ҷавон аз тарафи Маркази миллии патенту иттилоот ба рӯйхати 10 олими варзидаи ихтироъкори ҷумҳурӣ шомил гардид.

Рӯзи 4-уми ноябр дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фестивали ҷумҳуриявии мусиқии касбии наврасону ҷавонон таҳти унвони "Тараннуми ҷавонӣ ба саодат" гузаронида шуд ва мувофиқи барнома дастовардҳои Фирӯз ва дигар олимони ҷавон дар даромадгоҳи бинои донишкада ба намоиш гузошта шуданд.

Дар қисмати аввали фестивалозмун муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон С.Фаттоҳзода Фирӯзро бо диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ намуд.

# МАҲФИЛИ ЗАРИФОН

Таърихи 11.11.2017 дар толори фарҳанги донишгоҳ бо ташаббуси шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ "Маҳфили зарифон" миёни факултаи иқтисод ва идора ва факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ баргузор гардид. Маҳфил аз ҷунин шартҳо иборат буд: саломнома, суруди якка, рақс, саҳнача, тақлид ва суолу ҷавоб. Донишҷӯён санъату маҳорати худро дар сатҳи баланд бахри ҳакамон ва ҳозирин нишон доданд. Ҳангоми ҷамъбаст факултаи иқтисод ва идора бо гирифтани 147 хол ба даври минбаъда роҳ ёфт.

# МАҲФИЛ АМАЛ МЕКУНАД!

Таърихи 15.11.2017 дар шуъбаи рӯзноманигории факултаи филологияи тоҷик ва журналистика дарси кушоди ассистенти кафедраи журналистика Алишери Абдулмаҷид дар мавзӯи "Иҷлосияи тақдирсоз" гузаронида шуд. Маърӯзачиён Набиев Самариддин дар мавзӯи "Ҳаёт ва фаолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон" ва Муродов Ҷамил дар мавзӯи "Иҷлосияи тақдирсоз ва корнамоиҳои Пешвои миллат" баромад намуданд.

Дар ин рӯз маҳфили "Адабиётшиносони ҷавон"-и кафедраи адабиёти тоҷик бо методикаи таълими он низ бо роҳбарии Қосимова Зулфия гузаронида шуд. Маърӯзачиён Абдуллоҳ Гурбатӣ дар мавзӯи "Шуҳрати оламгири Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ" ва Ҷалолова Фотима дар мавзӯи "Тазкира ва тазкиранависӣ" баромад намуданд.

# ДАРСИ КУШОД

Рӯзи 20.11.2017 дар факултаи филологияи тоҷик ва журналистика дарси кушоди номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Ашӯрова Нодира дар мавзӯи "Шукуфоии адабиёт дар аҳди Сомониён" гузаронида шуд. Донишҷӯён Лоиқова Шаҳноза, Холова Муниса, Ҳикматуллозода Бадриддин ва Мадоминов Юсуфҷон дар дарс фаъолияти хуб нишон доданд. Дарс бо тарзу усулҳои нав гузаронида шуда, намунаи беҳтарини дарси кушод буд. Дар охир донишҷӯёни фаъол бо ифтихорномаи садорати факулта сарфароз гардонида шуданд.

# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-АМАЛӢ

Таърихи 21.11.2017 бо ташаббуси кафедраи илмҳои компютерии факултаи физика ва математика конфронси илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ дар шароити муосир" бахшида ба Рӯзи Парчами миллӣ ва Соли ҷавонон баргузор гардид.

Бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло баромад намуд. Инчунин, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия Худойдодова Шарофат низ суханронӣ намуданд.

Сипас, Умедаи Талаб, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ дар мавзӯи "Таҳияи маводи электронии таълимӣ-тақозои замон", Убайдулло Сулаймонов, магистранти соли 2-юми ихтисоси информатика дар мавзӯи "Афзалияти ташкили ҳукумати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ", Исмоили Исуф, донишҷӯи соли 2-юми ихтисоси информатика дар мавзӯи "Тахтаи электронӣ, имкониятҳо ва зарурати истифодаи он", Авалоб Бахтиёр, донишҷӯи ихтисоси информатика дар мавзӯи "Талабот ва ҳадафҳои истифодабарии пули электронӣ" маърӯзаҳои худро пешниҳод намуданд.

*Масъулони гуша: Гулафзо ДАВЛАТОВА, Манучеҳр ЛАТИФОВ ва Муҳаммад ХОҶАЕВ*

*Ҳайрони дилам, чаро насозадам гӯш,*
*В-аз ҳарфи насиҳатам наоядаш хуш!*



# ДИРАФШИ КОВАЁНӢ

## ("ШОҲНОМА" ВА ПАРЧАМИ МИЛЛИИ ИРОНИТАБОРОН )



*Зафар МИРЗОЁН,*
*мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа*

Парчам, дирафш (арабиаш байрақ, ливо) дар ҳама давру замон рамзи давлати миллӣ донista шудааст.

Пайдоиши парчамҳо реша дар гузаштаҳои дури фароторихӣ доранд. Илми парчамшиносӣ, ки моли аврупоиҳо буда "вексюкология" унвон дорад, пайдоиши парчамҳои нахустинро дар садсолаи IX пеш аз мелоди Масеҳ гуморидаанд. Торихнигорони аврупоӣ, чун ҳамеша пайдоиши ҳар он чиро ки ба фарҳангу тамаддун пайвастагӣ дорад, дар торихи Руму Юнони бостон ҷуста, нақши Ирони Бузургро мехоҳанд ҳеҷ нишон бидиҳанд. Дар мавриди пайдоиши парчам низ парчамшиносон (вексюкологҳои) русиву аврупоӣ таваҷҷӯҳи алоқамандонро ба Юнони бостон ҷалб карда, нахустин парчами аз матоъ таҳия шударо ба сарлашкари юнониён, Фемистокл, ба соли 480 пеш аз мелод нисбат доданӣ мешаванд. Воқеан, асри V пеш аз мелод замоне буд, ки Рум ба императории Ирони Бузург боҷ мепардохт. Дар нигари торихнигорони урус, то соли 480 лашкардорон аз қабзаи алафи хушк, ё думи бофтаи асп парчам таҳия мекардаанд. Аммо китобхондагон огоҳанд, ки пайдоиши парчам реша дар торихи беш аз чаҳор ҳазорсолаи давлатдории иронитаборон дорад. Бигзор достони "Коваи оҳангар" и Ҳаким Фирдавсиро устураву афсона донista, оғози парчамдориро аз он замон нашуморанд. Лек дар осори гузаштаи дури тоҷикон аз арҷгузорӣ ба дирафши коваёнӣ, аз рангҳои дирафш суханҳои ҷолиб гуфта шудааст. Аз ҷумла дар модари китобҳои ҷаҳон, "Авасто", пиромуни рамзҳои дар рангҳо нуҳуфта, ба гунаи зер матне ҷой дорад: Ранги сафед вижаи табақаи аввал, ё рӯҳониён ва ранги сурх намояндаи табақаи дуввум, ё ҷанговарон ва ранги сабз (бунафш), ё обӣ нишони табақаи севвум, ё кишоварзон - пешаварон мешавад. (ба ишораи банди 126 дар яшти даҳум.) (Ҳошими Разӣ, "Торихи мутолиоти динҳои Ирон", Т.,1371 (1993), саҳ.55)

Дирафши коваёнӣ ҳамеша рамзи шаъну шарафи миллияти иронитаборон ва парчамбардор будан мояи ифтихори радони сарбаланди корзорҳо будааст. Дар аҳди бостон аз даст додани дирафши миллӣ нангбору бешарафӣ арзёбӣ мегаштааст. Муноддии аслу насаби ориёӣ дар "Шоҳнома" и беҳамтои худ лаҳзаҳои ҷолиби пурэҳсоси арҷгузорӣ ва ҷоннисории радону диловарсаронро, ба ҳангоми наҷоти парчами миллӣ, бо як маҳорати устодона бозтоб намудааст. Ва яке аз он саҳнаҳоро, ки ниҳоят рӯҳангезу ҳассос аст, ба таври фишурда дар ин ҷо бозгӯ менамоем:

Ба ҳангоми набарди хунин бо туркони Чин, родмарди озодае бо номи Гиромӣ мебинад, ки парчамбардор кушта шуда, "дирафши ҳумоюн пур аз хоку хун" нагун аст, худро дар яки он ба корзор расонда, дирафшро бармеафрозад ва бо як даст шамшеру дигар дирафш, бо туркон меразмад:

***Ба як даст шамшеру дигар дирафш,***
***Бигирад бад-он ҷо***
***дирафши бунафш***
*("Шоҳнома", ҷ. VI, с. 109).*

Душманон ҳамла оварда, дар набарди нобаробар дасти Гиромиро бо шамшер мебурранд. Аммо Гиромӣ бо дандон дирафшро дошта, ба размi диловаронааш идома медиҳад:

***Гиромӣ ба дандон бигирад дирафш,***
***Бидорад ба дандон***
***дирафши бунафш***
*("Шоҳнома", ҷ. VI, с. 123).*

Туркон ба ғазаб омада, аз дур вайро бо тир меафкананд. Ин лаҳзаро родмарди озода, Настӯҳ пури Зарир дида аспашро ба пеш меронад ва шаст тан аз душманони дар гирди дирафш гирд омадаро кушта, дирафшро аз замин бармедорад. Ҷолиб он аст, ки чунин саҳнаи пурэҳсоси офаридаи Ҳакими Тусро синамогарони шӯравиву аврупоӣ, пас аз 1000 сол дар бозтоби саҳнаҳои қаҳрамониҳои Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ (солҳои 1941 - 1945), борҳо такрор кардаанд.

Бузургону сипаҳбадони гузаштаи мо, ҳар кадоме дирафшҳои вижае доштанд, ки рӯяшон намодҳое тарсим гашта, аз рӯи онҳо тафовути як сипоҳ аз сипоҳи дигар муайян мегардид. Чунин дирафшҳои вижаро, пас аз солиёни дароз дар Аврупо ба унвони "штандарт" ҷорӣ намуда буданд. Дар номаи бостони Ҳаким Фирноне дар оғози ин навиштор ишора гардид, ба бори нахуст торихи пайдоиши дирафши коваёнӣ дар "Шоҳнома" и Ҳаким Фирдавсӣ бозтоб гардидааст, Кова пешбанди чармини оҳангарии худро ба найза баста, бармеошӯбад ва он дирафши қиёми мардум мегардад. Ба ҳангоме ки Кова ба назди Фаридун меравад ва шоҳ пӯстини ба найза барбастаро мебинад, бо гавҳари дурахшон ва дебои (матоъи нафиси) Рум онро меорояд. Аз ситораи он дирафш рангҳои сурху зарду бунафш ҷило медиҳад:

***Биёрост онро бо дебои Рум,***
***Зи гавҳар бар ӯ пайкару зар-ш бум.***
. . . . . . . . . . .
***Фурӯ ҳишт з - ӯ сурху***
***зарду бунафш,***
***Ҳаме хондаш "Коваёни дирафш."***
*("Шоҳнома", ҷ. I, с. 100)*



давсӣ дирафшҳои сипаҳбадону гурдон, ба сурати зер бозтоб шудаанд: Дирафши Рустам - аждаҳопайкар, дирафши Тӯс - пилпайкар, дирафши Гев - гургпайкар, дирафши Гударз - шерпайкар, дирафши Исфандиёр - ҳумопайкар, дирафши Фарибурз - говмешпайкар, дирафши Гуроза - гӯрпайкар, дирафши Фарҳоди Қубод - оҳӯпайкар, дирафши Ашкаш - пайкарпаланг, дирафши Занга - пайкарҳумо ва ғайра.

Дар бораи рангҳои парчамҳо ва умуман рамзи рангҳо, донишиёни мағрибиву машриқӣ нигоҳҳои гуногун дошта, ҳар кадоме аз зовияи биниши мардуми худ фалсафаи рангҳоро бозгӯ кардаанд. Воқеан, дар торихи фалсафаи ҷаҳонӣ файласуфон тобиши рангҳоро ба гунаи худ дарёфтаанд. Масалан, модигароиҳо (материалистҳо) бар он боваранд, ки ранги сурх далолат ба хун ва мубориза баҳри озодиро дорад, ранги сафед бознамоёнгари барфу покизагӣ аст, ранги зард ишора ба биёбону бодияҳо дорад ва ғайра.

Метафизикҳо бар он гумонанд, ки рангҳо дорои рамзҳои ба ҳам зидду нақиз мебошанд. Чунончи, ранги сиёҳ баёнгари азодорӣ ва ҳамзамон муносиботи таносулӣ мебошад, ранги сафед ифодагари иффату беолоишӣ ва ҳамзамон марг, ранги сурх ба ишқ ва нафрат, зард ба садоқату самимият ва ҳамзамон ба хиёнат ишора мекунад.

Шумори зиёди халқиятҳои рӯи замин рангҳои вижаеро пазируфта, онҳоро рамзи миллату давлати худ гуморидаанд. Чуноне ки давлати Фаронса рангҳои сурху сафеду обӣ, Италия - сабзу сафеду сурх, Австрия ва Канада - сурху сафеду сурх, Русия - сафеду обиву сурх, Нидерланд - сурху сафеду обӣ ва монади он.

Дар "Авасто", ҷуз аз бастагии рангҳо ба табақаҳои ҷомеа, ки дар боло гуфта шуд, рангҳои писандидаи ориёиҳо бо диди вижае бозгӯ шудааст. Аз ҷумла оварда шудааст, ки сурх - нерӯмандӣ, мардонагӣ, ҷасорат; зард - бузургӣ, шукӯҳ, сарватмандӣ; сабз (бунафш) - озодӣ, тандурустӣ, умед ба оянда; сафед - покӣ, хирад, андешаи некро далолат мекунанд.

Ба нигар мерасад, сухангустарӣ дар ростои рангҳои парчамҳо, бедуни ёдкарди алоҳидаи рангҳову кайфиятҳои дирафши коваёнӣ пурра нахоҳад буд. Чуноне дар оғози ин навиштор ишора гардид, ба бори нахуст торихи

Пас аз он ҳар шоҳе, ки бар тахти каёнӣ нишаст, ба он чарм гавҳари нав ба нав баровехт. Баъдҳо дирафши коваёнӣ дебову аз парниён сохта шуда, мояи ифтихори озодагон гардидааст:

***Зи дебои пурмояву парниён,***
***Бар он гуна гашт ахтари коваён***
*("Шоҳнома", ҷ. I, с. 102).*

Расми дигаре, ки дар он замони бостон ривоҷ доштааст, ба мерос гузоштани дирафши шоҳону сипаҳсолорон ва ба рағми пайгирӣ аз корномаҳои онҳо, ғолибан шоҳ дирафши меросиро бо тантана ба сипаҳбади шоиста месупоридааст. Ҷолиб ин аст, ки дар маросими супоридани дирафш, чун имрӯз расми бӯсидани он ривоҷ доштааст. Ончуноне ки шоҳ Ҳурмуз дирафши аждаҳопайкари Рустамро пеш аз супоридан ба Баҳроми Чӯбин, бо як шукӯҳи вижа мебӯсад:

***Биёвард пас шаҳриёрӣ дирафш,***
***Куҷо пайкари аждаҳо буд бунафш,***
***Чу бибсуд, хандон***
***ба Баҳром бидод,***
***Фаровон бар ӯ офарин кард ёд.***
….. ….. ….
***Дирафши вай аст он***
***чи дорӣ ба даст,***
***Ки пирӯз бодиву хусравпараст.***
***Зи майдон биёмад ба ҷойи нишаст,***
***Сипаҳбад дирафши***
***Таҳамтан ба даст***
*("Шоҳнома", ҷ. VIII, с. 490).*

Ин нукта дархӯри таваҷҷӯҳ аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" и беҳамто, парчами душманони Ирон, лашкари туркону тозиён, аз ҷумла Сова ва Афросиёбро, бо ранги сиёҳ ба тасвир оварда, сар ба зер афкандани дирафши сиёҳро рамзи мағлуб сохтани душман бозтоб намудааст. Бад - он гуна, ки Бежан дар набарди хунин турконро мағлуб карда, парчами сиёҳашонро сар ба зер меафканад:

***Ки Бежан ба пирӯзӣ омад чу шер,***
***Дирафши сияҳро сар оварда зер***
*("Шоҳнома", ҷ. V, с. 74).*

Торихи парчамдорӣ баёнгари он аст, ки ниёкони сарбаланди мо шаъну шарафи дирафши коваёниро чи дар дохили кишвар, чи дар набардҳои сарнавиштсоз нигаҳбонӣ кардаанд. Акнун, ки давлати худро аз нав барқарор кардаем ва дирафши коваёнӣ дубора барафрошта аст, моро мебояд ба арзишҳои миллии худ арҷгузорӣ карда, барои ба абад болидаву парафшон будани дирафши миллӣ, тану ҷон дареғ надорем.

## Шеъри рӯз



*Ҷӯлидаи НИШОПУРӢ*

***Ман аз ақраб наметарсам, вале аз неш метарсам,***
***Надорам шиква аз бегонагон, аз хеш метарсам.***
***Надорам ваҳшате аз шеру бабру ҳамлаи гургон,***
***Аз он гурге, ки мепӯшад либоси меш метарсам.***
***Маро бо ҷавфурӯшони сари бозор коре нест,***
***Ман аз гандумфурӯшони执 иродаткеш метарсам.***
***Надорам ваҳшат аз ҷангу нифоқу қатлу хунрезӣ,***
***Ман аз ин оташафрӯзони сулҳандеш метарсам.***
***Ба шайхе гуфт шахсе аз чӣ метарсӣ зи май, гуфто:***
***Зи май хӯрдан надорам бим аз мастеш метарсам.***
***Маро ба хонақоҳу хирқаву кашкӯл коре нест,***
***Ман аз аъмоли зишти халқи нодарвеш метарсам.***
***Чи хуш гуфт ин сухан марди сухансанҷе, ки мегӯяд:***
***Маро аз марг боке нест, аз сахтеш метарсам.***
***Мани Ҷӯлидаро набвад ҳаросе аз сухан гуфтан,***
***Валекин аз забони хеш беш аз беш метарсам.***

# ЧОР ҲИКМАТ

### ҲИКМАТИ ЯКУМ

Мӯрчаяк аз қатраи асале, ки бар замин чакида буд, чашид. Баъдан роҳашро давом дод, аммо мазаи асал, ки барояш хеле ҷолиб омада буд, ӯро аз роҳаш боздошт, то баргашт ва як ҷуръаи дигаре нӯшид... Боз ҳам азми рафтан кард, аммо эҳсос кард, ки хӯрдан аз лаби асал кифоят намекунад ва мазаи воқеъӣ ва ҳақиқиро намедиҳад, пас, бар он шуд, то худро дар даруни асал бияндозад, то ҳарчи бештар ва бештар лаззат бибарад....

Мӯрча дар асал ғуттавар шуд. Аз сари нафс ғофил аз оқибати кор монд ва дигар натавонист аз он қатра хориҷ шавад чун пойҳояш дар асал часпида буд ва тавони ҳаракат кардан надошт... ва дар ин ҳолат монд ва дар ниҳоят мурд.

**Мантиқ: Дунё низ монанди қатраи асал аст. Пас, ҳар кас ба нӯшидани миқдори ками он қаноат кард, наҷот ёфт ва он кас, ки дар ширинии он ғарқ шуд, ҳалок гардид.**

### ҲИКМАТИ ДУЮМ

Рӯзе подшоҳ Султон Салим дар бозор чарх мезад. Чашмаш ба кабкфурӯше мерасад. Наздаш меравад. Қимати кабкҳоро мебинад. Нархи кабкҳо 1 танга тилло, аммо боз дар қафаси алоҳида кабке ҳаст, ки қиматашро 100 танга тилло мегӯяд.

Султон Салим мепурсад:

- Чаро дигар кабкҳо 1 танга тилло, аммо ин кабки дар қафас буда 100 танга тилло?

Кабкфурӯш мегӯяд:

- Ин кабке, ки 100 танга тилло арзиш дорад, чунон садое дорад, ки дигар кабкҳоро наздаш ҷамъ мекунад ва барои дастгир кардани дигар кабкҳо бароям кӯмаки зиёде мешавад.

Султон Салим 100 танга тилло дода, кабкро мехарад. Султон Салим кабкро гирифта, сарашро аз тан ҷудо мекунаду мегӯяд:

- Оқибати қавмфурӯшӣ ҳамин аст.

**Мантиқ: Ягон баҳона хоиниро намебахшад. Хоин бояд ҷазо бубинад, то дарс ба дигарон шавад. Яке аз бузургонамон фармудааст: "Душмани худатро бубахш, аммо душмани ватану миллататро асло".**

### ҲИКМАТИ СЕЮМ

Он наққошии медод (қалам) воқеан хуб аз об даромада буд. Паргор наметавонист аз таҳсини он худдорӣ кунад.

- Медодҷон! Ҳиҷ бад нест, ту завқи наққошият хуб аст, бораკалло!

Паргор нигоҳи дигаре ба наққошӣ андохт:

- Дурусташро бихоҳӣ, аз назари теорӣ хеле қавӣ нестӣ, ҳисобҳоят як хӯрде ғалат аз об даромада, ҳоло бигзор бо ҳам имтиҳон кунем. Ва медод ба раҳнамоии паргор шурӯъ кард ба гардидан рӯи коғаз. Вале ҳар чи гашт, натиҷаи тозае ба даст наёвард, боз ҳамон як доира буд...

### ҲИКМАТИ ЧОРУМ

Як пирамард, як пиразан, як ҷавонписар ва як ҷавондухтар дар як купеи қатора бо ҳам буданд. Қатора ба нақб дохил мегардад ва ҳама ҷоро торикӣ фаро мегирад. Ногаҳон садои бӯса ва ба дунболаш садои шаппотӣ баланд мешавад. Қатора аз нақб берун гардид. Ҳама дар ҷойҳои худ нишаста буданд.

Пиразан бо худаш мегуяд:

- Аҷаб духтари матин ва боҳаёе. Ҳарчанд ҷавон аст ва дилаш мехоҳад, аммо намегузорад, ки касе ӯро бибӯсад, бо ин шаппотии обдор монеъ шуданаш ҳаминро мефаҳмонад.

Духтар бо худ мегӯяд:

- Аҷаб кампири боимоне. Ҳарчанд назари касе ӯро намегирад, боз ҳам намехоҳад касе аз ӯ суистифода кунад.

Пирамард бо худ мегӯяд:

- Аҷаб бадбахтие, бӯсаро дигар кас карду роҳат бурд, шаппотиро бошад ман дар бехи гӯш хӯрдам.

Ҷавонписар бо худ мегӯяд:

- Чӣ қадар хушҳолӣ мебахшад ин кор: вақте кафи дастатро мебӯсӣ ва ба бехи гӯши нафаре мешаппонӣ.

*"Аз ҳар зовия"*

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

# ЧӢ ТАВР СИФАТИ ТАЪЛИМРО БЕҲТАР КАРДАН МУМКИН АСТ!



*Сайвалӣ ГАДОЕВ,*
*мушовири ректор оид ба таълим*

Пешравии ҷомеа аз соҳаи маориф вобастагии зиёд дорад. Маҳз ба ҳамин хотир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро соҳаи ҳаётан муҳим, афзалиятнок ва сарнавиштсоз арзёбӣ намуда, барои рушди густурда ва ба сатҳи кишварҳои мутараққии ҷаҳон расонидани он чораҳои судманд меандешанд.

Фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон", санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳои соҳавӣ, ки тамоми самту мундариҷаи ҷараён ва сифати таълимро инъикос менамоянд, нигаронида шудааст.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муассисаи таълимӣ буда, барои хоҷагии халқу соҳаи маориф мутахассисон тайёр менамояд. Барои он ки донишҷӯён донишҳои мукаммал гиранд ва мутахассиси варзида шаванд, ҳуҷҷатҳои таълимӣ таҳия гардида, ҳайати профессорону омӯзгорон барои амалӣ гардидани ин санадҳо ҷалб карда мешаванд. Аз ҷумла, Стандартҳои давлатии таълимӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобу васоитҳои таълимӣ чоп шудаанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои номбурда, кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ нақшаҳои кории худро таҳия месозанд. Дар донишгоҳ барои 45 ихтисос Стандартҳои давлатии таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ таҳия гардида, тасдиқ худро ёфтаанд. Донишгоҳ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот (бакалавр, магистратура ва доктарантура (PhD) шароити хуби таълимӣ муҳайё кардааст.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар рушди илм ва таълиму тарбияи мутахассисони соҳибмаърифату баландихтисос диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар ин замина соли 2017 дар фаъолияти донишгоҳ як қатор дигаргуниҳо ба вуқӯъ омаданд, ки беҳтар гардидани раванди таълиму тарбияи кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои нави ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат ва ҷаҳони муосир аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Дар донишгоҳ аз рӯи 45 ихтисос мутахассисон тайёр карда мешаванд, ки ба ин кор чунин баззаи моддӣ-техникӣ вуҷуд дорад: миқдори компютерҳои истифодашаванда -570 адад; синфхонаҳое, ки ба тахтаҳои электронӣ насб шудаанд - 44 адад; фонди аудиторӣ 207 синфхона; шумораи омӯзгорони унвони илмидошта- 136 нафар; миқдори синфхонаҳои электронӣ - 44 адад; миқдори синфхонаҳои компютерӣ - 13 адад; миқдори умумии китобҳои китобхона - 278881 нусха; аз ҷумла, таълимӣ - 90495 адад; бадеӣ - 35840 адад; ҷои хоб дар хобгоҳҳо зиёда аз 400 ҷой; ошхонаҳои хизматрасон 10 адад; ҷойҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ - 2.

Илова ба ин солҳои охир дар самти таҳкими пояи моддию техникӣ ва беҳбудии шароити корӣ, таъмини синфхонаҳо бо лавозимоти зарурӣ ва тармиму таъмири биноҳо як қатор чорабиниҳо андешида ва амалӣ шудаанд. Дар биноҳои таълимии донишгоҳ синфхонаҳо аз нав таъмир ва таҷҳизонида шудаанд. Синфхонаҳои асосӣ бо тахтаҳои электронӣ ва факултетҳо бо воситаҳои техникии таълим таъмин гаштаанд.

Ҳамаи ин муҳайёсозии шароитҳои таълим ҳайати профессорону омӯзгоронро вазифадор менамояд, ки вазифаи хизматии худро дар назди халқу ватани худ софдилона адо намоянд.

Роҳбарияти донишгоҳ дар масъалаи иҷтимоию иқтисодӣ (паст будани ҳаҷми маош, стипендия ва сатҳи зиндагии омӯзгору донишҷӯ; набудани шароити зист дар хона ё хобгоҳ; набудани ғамхорӣ аз тарафи волидон ва ғайра) чораҳои қатъӣ андешида истодааст. Ҳар сол пайваста 1-2 маротиба музди маоши омӯзгорон ва 2-3 маротиба мукофотпулӣ пешниҳод мегардад. Дар қиёс бо дигар муассисаҳои таълимӣ ин беҳтарин аст.



Маълум аст, ки шафофияти қабули донишҷӯёнро Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад ва ҳар гуна камбудии қабули донишҷӯёнро ба онҳо ҳавола мекунем. Пас камбудии дигар дар чист?

Дар кори таълим ду субъекти асосӣ мавҷуд аст: донишҷӯ ва омӯзгор. Донишҷӯро сохтори бонуфузи кишвар қабул мекунад ва тайёр кардани мутахассис ба дӯши муассисаи таълимӣ аст. Омӯзгор фишанги асосии он мебошад. Хулоса ва натиҷаҳое, ки гурӯҳҳои кории санҷиши таълиму тарбия баровардаанд, камбудии асосиро дар бесалоҳиятии омӯзгор мебинанд. Касби омузгорӣ шарафнок аст ва шахсе, ки ин касбро интихоб намудааст, бояд фидоӣ бошад.

Равандҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ, хатарҳои иқтисодиву экологӣ моро водор месозанд, ки пеш аз ҳама ба ақлу дониш ва фарҳангу тафаккури созанда такя намоем. Аз ин рӯ, мутобиқ сохтани раванди таълим ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ва пайванди илм бо истеҳсолот яке аз вазифаҳои муҳими донишгоҳ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин, раёсати донишгоҳ дар бораи таҳияи адабиёти таълимӣ, истифодаи усулҳои наву самараноки таълим, тақвияти ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии кишвар ва берун аз он тадбирҳои ҷиддӣ андешида, аз пайи амалӣ намудани онҳо мебошад. Ҳамзамон, ба масъалаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҳайати устодону профессорон, баланд бардоштани маънавиёт, сатҳи дониш, одоб, талқини ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ дар байни донишҷӯён бо масъулияти баланд кор зарур аст.

Бояд зикр намуд, ки мушоҳида ва таҳлилҳои чор соли охир имконият доданд, ки омилҳои ба сифати таълим таъсиркунандаро муайян созем ва барои баландбардории сатҳи дониш корҳои зеринро ба анҷом расонем:

- ҷорӣ намудани технологияи муосири таълим;
- интихоби мазмуни мувофиқ ва оптималии стандартҳою нақшаҳои таълимӣ;
- таҳлили барномаҳои самараноки омӯзиш, баланбардории маърифати касбии устод;
- бедор намудани ҳавасмандӣ ва рағбати донишҷӯ ба омӯзиш;
- назорати қатъии сифати таҳсилот;
- пурзӯр намудани фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён.

Баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот бомаврид ва мақсаднок истифода намудани методҳои самараноки таълим хело муҳим мебошад.

Оид ба иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба намудани низоми миллии таҳсилоти олии касбии бисёрзинагӣ ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ тибқи фармоиши ректори донишгоҳ ҳамаи ихтисосҳои роҷеъ ба донишгоҳ ба низоми кредитӣ таҳсилот гузаронида шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар байни бархе аз одамон гуфтугузор меравад, ки гӯё таҳсилот аз рӯи дараҷаи бакалавр ин маълумоти олии нопурра аст. Ин фаҳмиши тамоман ғалат мебошад. Инро Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007, №650 тасдиқ мекунад, яъне дар банди якуми ин қарор низомномаи бакалавр тасдиқ карда шуда, дар банди дувуми қарор дипломи намунаи давлатии дараҷаи "бакалавр" ба дипломи намунаи давлатии дараҷаи "мутахассис" баробарарзиш дониста шудааст.

Мақсади асосии роҳбарияти донишгоҳ ҷустуҷӯ намудани роҳҳои баланд бароштани сатҳу сифати таълим мебошад. Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи омӯзгорон ба гирифтани донишҳои навтарини касбӣ, ба онҳо расонидани ёрии методӣ, омӯхтани технологияи муосири таҳсилот дар низоми кредитии таълим омӯзгорон дар курси такмили ихтисос иштирок намуда, оид ба ҳосил намудани таҷрибаи ташкили раванди таълим дар мувофиқа бо тамоюлҳои муосири инкишофи таҳсилот, омӯхтани таҷрибаи ватанию хориҷӣ мувофиқи талаботи низоми кредитии таҳсилот малакаю маҳорати касбиашонро бояд сайқал диҳанд.

Бо ин мақсад бояд дар донишгоҳ ба таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва низоми далелорӣ - рейтингии баҳогузорӣ, банақшагирӣ ва идораи сифати тайёр намудани мутахассисон семинар гузаронида шавад. Дар раванди он шунавандагон оид ба таҷҳизонидани раванди таълим бо маводи таълимӣ-методӣ, ахборотӣ, тартиб додани маҷмӯи таълимӣ - методӣ оид ба тамоми фанҳои нақшаҳои таълимӣ, баландбардории сифати тайёр намудани мутахассисон тавассути ташкил ва таъмини мунтазами кори мустақилонаи донишҷӯён, пурзӯркунии баҳогузории беғаразона, водоркунии донишҷӯён ба давомоти хуб ва сари вақт сабқгардонии машғулиятҳое, ки дар онҳо иштирок надоштанд, шинос шаванд.

Заминаи асосии пешрафти ҷомеъа илму маориф мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 90% заминаро барои рушди ҷомеа пешрафти илму техника таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, дар нақша - чорабиниҳо ба рушди илму технологияи нави таълим афзалият дода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки танҳо ба таври мунтазам баланд бардоштани донишҳои тахассусии ҳайати профессорону устодон метавонад ба талаботи замонавии баланд бардоштани сифати таълим дар донишгоҳ мусоидат намояд. Баҳри амалӣ гардонидани чунин вазифаи муҳим бо фармоиши ректори донишгоҳ курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ таъсис дода шавад.

Ба андешаи мо роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар донишгоҳ инҳо мебошанд:

- кам кардани миқдори қабул аз рӯи ихтисосҳо;
- қабули донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳо вобаста кадрҳои лаёқатманде, ки таълими фанҳоро ба роҳ мемонанд, иҷро карда шавад. Барои ин дурнамои қабулро вобаста ба имконият бояд тартиб дод;
- марказонидани ҳамаи шаклҳои назорат (рейтингҳо, имтиҳонҳои ҷамбастӣ ва имтиҳонҳои хатмкунӣ) ва назорати ҷиддӣ аз болои кори ин Марказ;
- риояи пурраи низомномаи низоми таҳсилоти кредитӣ ва тақсимоти сарбории омӯзгорон тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти омӯзгорон (вазифаҳои худро омӯзгор ба пурраги иҷро намекунад - аз фанҳои ғайри ихтисос дарс гуфтани омӯзгор; ба талабот ҷавобгӯ набудани дарси омӯзгор; дониши казоӣ надоштани омӯзгор; бо донишҷӯ дуруст муносибат накардани омӯзгор; холисона баҳо нагузоштани омӯзгор; бе тайёрӣ ба дарс омадани омӯзгор; ба дарси хушсифат ҳавасманд набудани омӯзгор; талаботи ягона надоштани омӯзгор нисбати донишҷӯён; риояи накардани меъёри баҳогузорӣ аз ҷониби омӯзгор ва ғайра).

Бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти донишҷӯён (донишҷӯ вазифаи худро оид ба донишандӯзӣ ба пурраги иҷро намекунад - ба иҷрои вазифаҳои хонагӣ эътибори дуруст намедиҳад; тайёр набудани донишҷӯ ба дарс; мутолиа накардани адабиёти дарсию бадеӣ; дарсшикании зиёд; беинтизомӣ аз ҷониби донишҷӯ; бо роҳҳои ғайримаъмулӣ соҳиби баҳо гаштан ва ғайра).

Дуруст ба роҳ мондани идоракунии таҳсилот (дар идоракунии раванди таълим хусусан дуруст фаъолият накардани кафедраҳо; камбудӣ дар таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ; дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани корҳои мустақилона ва аҳамияти ҷиддӣ надодан ба корҳои беруназдсинфӣ; сифати пасти маводи ба донишҷӯ пешниҳодшаванда ва ғайра).

Мустаҳкам намудани пояи сусти таълимию методӣ (нарасидани китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ; нарасидани дастурҳои методӣ; нарасидани омӯзгорон ва ғайра).

Хулоса, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим субъекти асосӣ айни ҳол омӯзгор мебошад ва ба мудирони кафедраҳо зарур аст, ки омӯзгорони варзидаро ба кор ҷалб намоянд.



*Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР,*
*рӯзноманигор,*
*директори Китобхонаи ба*
*номи Абулқосим Лоҳутӣ*

# ИСЛОМ ИСЛОҲОТ МЕХОҲАД!

Бо гузашти бештар аз 1400 соли интишори Ислом Муҳаммадӣ аз ваҳдату ҳамдилию ҳамбастагии мусалмонони сайёра нишоне намондаву ояти "Мӯъмин бародари мӯъмин аст", ки сарчашмаи ваҳдатзову яке аз омилҳои пирӯзии ин дини муқаддас буд, ҳазорон афсӯс, ки дигар ба шоҳу оятуллоҳ, олиҷоҳу олампаноҳ беасар аст. Ислом поку воҳидро пора-пора, ба мазҳабу фирқаву ҷараёну аҳзоб тақсим намудаву садсолаҳост, ки мусалмон мусалмонро рӯҳану ҷисман террор мекунад. Намояндагони динҳои дигар дар таҳайюранд, ки мусалмонон агар як Худову як паямбару як Қуръон дошта бошанд, пас, дигар чӣ чизро бояд тақсим карду чаро асрҳо бо нидои "Аллоҳу акбар" хуни ҳамдигар мерезанд?

Баъзе дишиносони ғарбу шарқ рахна ба ягонагии Исломро аз хулафои рошиддину (Абубакру Умару Усмону Алӣ) имомони худбин медонанд. Тавре мегӯянд: "Ба гузашта салавот" ва ё "Гузаштаҳо гузашта"...

Пешниҳод менамоям, ки вазъи нигаронкунандаи олами Исломро ба назар гирифта, ба эҳтироми Худову расул ҳар чи зуддтар ҷаласаи ғайринавбатии Созмони конфронси исломӣ даъват ва бо иштироки роҳбарон ва намояндагони 57 кишвари узви ин ташкилот ислоҳоти ин дини башариро шурӯъ намоянд. Хуб мешуд, ки ба ҷуз Қуръон, аҳодиси Паямбар ва 5 аркони Ислом, дигар омӯзишу фаъолияти тамоми таълимоту адабиёт ба созмону ташкилоту ҳаракату ҷараёнҳои мазҳабиро, ки миёни мусалмонон тафриқа эҷод мекунанд, боздоранд. Сулҳу суботу ҳамдигарфаҳмиро миёни тамоми кишварҳои мусалмонӣ таҳким ва равобиту ҳамкории ҳасанаро барқарор ва ба роҳ монанд ва он рӯзи шарифи имзои муоҳидаи мусалмонони дунёро ҳамасола ҳамчун "Рӯзи ваҳдати уммати Расул" дар фазои сулҳу бародарӣ таҷлил намоянд, вагарна мо мусалмон дар ҳарду дунё сархаму шармандаву бадном хоҳем буд...

# ТАЪЙИНОТИ МИЛЛӢ ВА САРҚОНУНҲО

## (андар ба эътидол овардани вазъи динию миллӣ)



*Ҷумъахон АЛИМӢ,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи журналистика*

### Ҳувияти миллӣ

Ҳувияти миллӣ - яке аз арзишҳои инсонӣ аст ва мансуб ба миллати муайян мебошад, ки тавассути он мансубияти шахсият ба миллати муайян, кишвар, давлат ва фазои фарҳангӣ эҳсос карда мешавад.

Ҳувияти миллӣ хислат ва хусусияти модарзодӣ набуда, он вобаста ба шуурнокии ҷамъиятӣ, умумияти фарҳангӣ, таърих ва забони миллат мебошад. Ба ин гурӯҳ ҳамчунин эҳсоси мансубият ба давлати муайян, пайравӣ аз ҳувияти давлатӣ, идеяи миллӣ ва рамзҳои давлату давлатдорӣ низ тааллуқ дорад. Ба ибораи дигар, агар мо хоҳем, ки ҳувияти миллии шаҳрвандон ҳамчун арзиши муҳимтарини миллат боқӣ монад ва ҷою мақоми онро дар ҷомеа хурофоту хурофотпарастӣ, радикализму экстремизм ва ҳаросафканию ифротгароӣ нагирад, пас зарур аст, ки зиёиён ва омӯзгорон ба тарғибу ташвиқи арзишҳои миллии тоҷикон ва тарзи солими зист бештар даст зананд, то пояҳои давлату давлатдории мо маҳз тавассути таҳкиму тақвияти идеяҳои миллии мо пурзӯртар гардад, зеро ба ҳамагон маълум аст, ки **демократия ва ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ ҷараён (протсес) аст, на идеология.** Таърихан собит шудааст, ки мардуми Машриқзамин тафаккури исломӣ ва шарқӣ дошта, бидуни доштани ҳадафу мақсади мушаххас, оромони аслӣ ва дар маҷмӯъ идеологияи муайян сарсону саргандон мешаванд.

Аз ин ҷост, ки имрӯз дар тамоми дунё ифодаи мусбию созандаи эҳсосот, ки бо ҳувияти миллии шахс вобаста ва алоқаманд аст, ватандӯстию ватанпарварӣ ва ба ибораи дигар патриотизм номида мешавад.

### Ҳувияти динӣ

Аммо дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки ҳувияти динӣ низ ҷой дорад, ки он яке аз шаклҳои шуури инфиродӣ ва ё ҷамъиятӣ аст, ки дар асоси мансуб донистани худ ба ин ё он дин ташаккул ёфта, тасаввуроти инсонро оид ба худ ва дунё тавассути догмаҳои мутобиқи динӣ муайян мекунад. Яъне аз ин нуқтаи назар ҳам мафҳуми ҳувияти миллӣ (национальная идентичность) нисбат ба ҳувияти динӣ хеле арзишманд ва васеътар аст.

### Баҳсҳо оид ба ҳувияти динӣ

Дар адабиёти илмӣ зикр карда мешавад, ки мафҳуми ҳувияти миллӣ дар замони ахир ба тариқи васеътар истифода мегардад. Карло Кардиа мафҳуми "ҳувият" (идентификатсия)-ро танҳо дар ҳифз кардани суннату анъанот ва истифодаи рамзҳои динӣ медонад. Мутобиқи андешаи А.Н. Крилов ҳувияти диниро бояд дар диалектикаи тавсифи он ҷустуҷӯ намуд, ки иборат аз нуктаҳои умумӣ ва мухолиф буда, ҳамдигарро пурра мекунанд. Аз як ҷониб, дин мӯҳтавои раванди ҳувиятӣ низ буда метавонад. Инсон ҳувияти худро тавассути меъёрҳои динӣ, ҳақиқату воқеият ва таълимотҳо дарку фаҳм карда метавонад. Дин ба инсон кӯмак мерасонад, ки худро дарёбад, ҷою мақоми худро дар ҷомеа муайян кунад, ба саволу масъалаҳои нозуктарин ҷавоб пайдо кунад. Аз ҷониби дигар, дин воситаест байни раванди ҳувиятӣ. Тавассути дин инсон мансубияти худро ба гурӯҳ, насл, миллат ва кишвар муқаррар менамояд. Дин як воситаи ҳифзу нигоҳдошти меъёрҳо, суннату анъанот ҳаст, ки дар раванди ҳувиятсозӣ нақши муҳим дорад. Баъзе аз муҳаққиқон ҳувияти диниро бо ҳувияти миллӣ тавъам медонанд. Дар корҳои таҳлилӣ ҳувияти динӣ ҳамчун падидае фаҳмида мешавад, ки шуурнокии инфиродию ҷамъиятиро дар худ фаро мегирифт.

### Алоқа бо ҳувияти миллӣ

Дар давлати миллати ягонаю воҳиддошта ҳувияти шаҳрвандӣ бо ҳувияти миллӣ тавъам аст. Дар забони расмӣ дар бархурд нисбати мафҳуми миллат ҳамчун марҳилаи рушди этнос, мафҳумҳои ҳувияти миллӣ ва ҳувияти шаҳрвандӣ тавъам нестанд ва наметавонанд ҳамдигарро нисбати мардумони унвондор пурра намоянд.

Масъалаҳои вобаста ба ҳувияти миллӣ мансуб ба масъалаҳои мураккабтарину маҷмӯии улуми ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ин мавқеъ ва нуқтаи назар бояд маълумотҳои илмҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ бо ҳаёт тавъам гардонида шаванд. Масалан, Бенедикт Андерсон ба тариқи хеле равшану возеҳ миллатро ҳамчун ҷамоаи тасаввуршаванда (Imagined Community) баррасӣ ва арзёбӣ намуда, хусусиятҳои таърихӣ ва иҷтимоии равандеро, ки инсонҳоро ба ҳувияту асолати дастаҷамъонаи миллӣ овардa мерасонад, мавриди таҳлил қарор додааст.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки метавонад дар ин раванд мусоидати мусбӣ намояд, Сарқонуни ҳар кишвар мебошад. Ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба тариқи фавқулодда аз нуқтаи назари дар он инъикос кардани вижагиҳои асосии ташаккули ҳувияту асолати ҳар як фард ва ҳатто ҳар як давлат муҳим мебошад. Мутаассифона, на ҳар Сарқонун метавонад чунин маводи заруриро дар худ дарҷ карда бошад. Аксаран Сарқонунҳоро чунин таҳия мекунанд, ки сирф ҳуҷҷати юридикӣ шуда мемонанд, баъзан бояд дар сарқонунҳо рӯҳияи миллат, мардум ва ҳатто тамаддунҳо низ инъикос карда шаванд.

### Умумияти сарнавишт ва худтаъйинкунӣ

Қабл аз ҳама дар сарқонунҳо бояд омили умумияти сарнавишти таърихӣ ва худтаъйинкунӣ дарҷ карда шаванд. Тасдиқу таъкиди мавҷудияти давлат ҳамчун натиҷаи рушди умумии таърихӣ ва худтаъйинкунӣ аксаран як нуктаи муҳими Сарқонунҳо шуморида мешаванд. Масалан, дар Сарқонуни Ҷумҳурии Федеролии Олмон гуфта мешавад, ки заминҳои мутааддиди таърихии Олмон тавассути худтаъйинкунии озоду ихтиёрии худи олмониҳо муттаҳид гаштаанд. Умумияти таърих ва умумияти сарнавишт дар ҳуқуқҳои конститутсионии Албания, Андора, Қазоқистон ва Белорус зикр ва таъкид карда шудаанд.

### Ҳувияти тамаддунӣ

Ҳуввияту асолати пурқуввати тамаддунӣ дар сарқонунҳои Чин, Камбоҷа, Лаос, Ветнам эҳсос карда мешавад. Дар онҳо таваҷҷӯҳи хоса ба тамаддуни махсус, таърихи бисёрасра, дастовардҳои азими кишварҳо зоҳир карда шудааст. Қобили тазаккур аст, ки дар Сарқонуни Камбоҷа саҳафоти фоҷеабори таърихи кишвар бо гузаштаи бузурги тамаддуни Ангкор ва ояндасозӣ таъкид карда шудааст. Раванди таърихӣ аз худ як бутунияту томиятро зоҳир мекунад, гузаштаи бузургу пурифтихор бояд пуле дар роҳи аз мусибатҳои ахир нисбати сохтани ояндаи дурахшон бошад. Моҳиятан, дар ин маврид дар конститутсия мо ишораеро барои тамоми ҷомеа мебинем - ҳадаф эҳёи кишвар, баробару мувофиқ гаштан ба шарафи ниёгон, ифтихори миллӣ ва бузургманишӣ дар асоси хотираю ёддошт ва ёдкардҳо нисбати тамаддуни бузург бояд бошад.

### Ҳувият ва асолати тамаддунии фарокишварӣ

Дар ҳуқуқҳои конститутсионии давлатҳои хориҷӣ дигар намунаҳои беҳтарини вижагиҳои ҳуввият ва асолати миллӣ низ вуҷуд доранд: эҳсоси ягонагию якпорчагии тамоми умумиятҳои инсонҳо ва шаҳрвандон, ки бо аҳолии кишвари худ маҳдуд нагаштаанд. Дар моддаи аввали қисми якуми сарқонуни доимии давлати Қатар махсус таъкид карда мешавад, ки аҳолии ин кишвар - қисми миллати араб мебошад.

Эҳсоси мансубият ба умумият ва ҷомеаи васеътар, ки фақат бо марзҳои як кишвару давлат маҳдуд намегардад, ҳамчунин дар Сарқонуни Кувайт низ таъкид карда мешавад, ки дар асоси муқаддимаи он аз эътимоду эътиқод ба нақшу мақоми ин кишвар дар мусоидат ба рушди минбаъдаи миллатгароии арабӣ дар маҷмӯъ зоҳир мешавад.

Таъкид ва такяи махсус дар ягонагии умумиарабӣ, мансубият ба тамаддуни арабӣ ва умумияти фарокишварии арабӣ ҳамчунин дар Сарқонуни Либияи соли 1969 таъкид шуда, ки аз номи мардуми араби кишвар қабул ва тасдиқ карда шуда буд, ки шаҳрвандони он тибқи сарқонун "..азми қатъӣ доштанд, ки маҳдудиятҳоеро бишкананд, ки монеи рушду пешрафти онҳо мегарданд ва тавъаму ҳамроҳ бо тамоми бародарони худ аз тамоми қисматҳои миллати араб бармехезанд ва дар мубориза барои барқарории ҳар ҳар як ваҷаби замини Араб қарор мегиранд, ки тавассути империализм доғдор гашта буд ва тамоми маҳдудиятҳоро рафъу маҳв мекунанд, ки барои ягонагии Араб аз Халиҷ то Уқёнус халал мерасонанд".

Муқаддимаи Сарқонуни Ҷумҳурии Исломии Мағриб низ ягонагии умумиарабӣ ва мусалмониро фаро гирифтааст: "Мардуми Мағриб зарурати таҳкиму тақвияти робитаҳоро бо мардумони бародар, мағрибиҳо, мусалмонҳо, африқоиҳо, мардумони араб бошуурона дарку фаҳм намуда, эълом медоранд, ки барои муяссар шудан ба ягонагии Мағриби Бузурги миллати араб ва Африқо ба хотири ҳифзи сулҳ дар тамоми ҷаҳон кор мекунанд". Махсусан, дар ин ҷода нақшу мақоми Ислом ва вижагиҳои тамаддуни Мағриб таъкид карда мешавад.

Чунин таъкиду ишораҳо нисбат ба ягонагии умумиарабӣ дар чорчӯбаи Мағриб ҳамчунин дар қисмати муқаддимавии Сарқонуни Марокаш низ мушоҳида карда мешавад, ки дар он Шоҳигарии Марокаш ҳамчун қисмати Марокаши Бузурги Араб ва ҳамчун давлати Африқо таъкид карда мешавад ва дар баробари дигар аҳдоф, ҳамчунин татбиқи ягонагии африқоиро низ талқин мекунад.

Сарқонуни Миср ҳамчунин муайян кардааст, ки мардуми Миср як қисмати миллати араб буда, барои ягонагии умумӣ кӯшиш хоҳанд кард.

Сарқонуни Баҳрайн ҳамчунин ҳамбастагии умумиарабии ин шоҳигариро муайян кардааст: "Шоҳигарии Баҳрайн - пурра ва комилан соҳибихтиёр ва соҳибистиқлоли давлати арабӣ аст, ки аҳолии он як қисмати миллати араб буда, ҳудуди он - қисмати ватани бузурги арабҳо мебошад".

### Бархӯрди ҳувияту асолатҳо: ҳуқуқи миллатҳо барои худмуайянкунӣ ва мушкилоти ҳудудии давлатҳои сермиллат

Зимни таҳлили муқоисавии ҳуқуқҳои конститутсионӣ масъалаи асосӣ - масъалаи ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ ва масъалаи ҳифзи тамомияту бутунияти давлатҳои сермиллат мегардад, масъалаи бархурди ҳувияту асолатҳо, асоснок намудани ҳувияту асолати қавии шаҳрвандию ҳуқуқии миллӣ низ арзишманд аст, ки метавонад барои ҳифзи бутунияту якпорчагӣ ва сермиллатӣ низ мусоидат кунад. Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба зарурати мубориза барои ҳифзи муттаҳидӣ ва якпорчагии миллӣ таъкид карда шуда, чунин зикр мегардад: ".. ҳам ба муқобили миллатгароии миллати бузург, бо ҳама шовинизми бузургхонӣ, ҳам миллатгароии маҳаллӣ мубориза бояд бурда шавад". Ҳамзамон, дар Сарқонуни Чин оид ба ягонагии дастоварду муваффақиятҳо ва саҳми тамоми мардумон дар сохтмону пешрафти Чин ишора карда мешавад.

### Фаҳмиши шаҳрвандию ҳуқуқии ҳувияту асолати миллӣ

Дар Испания, ки бо сепаратизми минтақавӣ рӯ ба рӯ гаштааст, худмуайянкунӣ зикр карда намешавад. Дар қисмати муқаддимавии Сарқонуни Испания оид ба чигунагии ҳам "испаниҳо" ва ҳам "тамоми мардумони Испания" ҳамчун "миллати испанӣ" (ҷанбаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқии ҳувияту асолати миллӣ) дар маҷмӯъ барои таъмини татбиқи ҳуқуқҳои инсон, рушди маданияту фарҳанги худ, забонҳо ва институтҳо гуфта мешавад. Дар матни Сарқонуни Испания мубориза ҳокимиятҳои кишвар барои ҳувияту асолатҳои умумииспании миллӣ ба маънои миллат-шаҳрванд, миллат-давлат таъкид карда шудааст.

Бозтоби майлу кӯшишҳо нисбати ҳувияту асолати шаҳрвандӣ-ҳуқуқии миллӣ дар Сарқонуни Македония ҳам мавҷуд аст ва дар матни он ҳатто ба ҷумҳурии Крушевский, ки ҳатто ҳамагӣ 10 рӯз вуҷуд дошт (аз 3 то 13 август), низ ишора карда шудааст. Он замон дар рафти шӯришу хезиши зиддиусмонӣ муборизаи худро булғориҳо, юнониҳо ва валаххо муттаҳид гардониданд, манифесте қабул ва нашр карда шуд, ки тамомии аҳолии Македонияро, аз ҷумла, албаниҳо ва туркҳоро, новобаста ба тафовутҳои этникӣ даъват мекард, ки дар мубориза бо усмониҳо якҷо бошанд.

Дар Сарқонуни Молдова кӯшиши дарку фаҳми шаҳрвандӣ-ҳуқуқии миллат чунин нигошта шудааст: "Асоси давлатро ягонагии мардуми Ҷумҳурии Молдова ташкил мекунад. Ҷумҳурии Молдова ватани умумӣ ва ҷудонашавандаи тамоми шаҳрвандони он мебошад".

Яке аз намунаҳои барҷастаи кӯшиши қонунгузрон оид ба ташаккули ягонагии миллӣ Сарқонуни Афғонистон мебошад, ки дар он мустақиман оид ба он гуфта мешавад, ки Афғонистон иборат аз тамомии афроду ашхоси он мебошад, ки дар маҷмӯъ шаҳрвандони ин давлат мебошанд. Мунтаҳо, гурӯҳҳои этникие ҳам зикр карда мешаванд, ки ба миллату мардуми Афғонистон мансубанд, аммо мушаххастар карда мешавад, ки калима ва мафҳуми "афғон" ба тамомии сокинони кишвар тааллуқ дорад.

### Ҳувият ва асолати фарҳангию забонӣ

Дар Сарқонуни Литва рӯҳия, забони модарӣ, хат ва урфу одату анъанот ба сифати асосу заминаи ҳувияту асолати миллӣ тасдиқ ва эътироф карда шудааст. Нақшу мақоми забон, махсусан дар Сарқонуни Белгия қайд ва таъкид карда шудааст. Кишвар дар худ се ҷамоаро фаро гирифтааст: фаронсавӣ, фламандӣ, олмонизабонҳо ва боз 4 минтақаи забонии дигар: фаронсавӣ, нидерландӣ, олмонӣ ва минтақаи дузабонаи Брюссел-пойтахт.

### Ҳувият ва асолати динӣ

Таваҷҷӯҳи хосаро падидаи ҳуввияту асолати динӣ талаб мекунад. Агар ба таърихи тағйиротҳо дар ҳуқуқҳои конститутсионии кишварҳои аврупоӣ назар кунем, метавон ошкор намуд, ки ангезаи динӣ тадриҷан аз сарқонунҳо як навъ шуста мешаванд ва маълум мегардад, ки мавқеи ҳувияту асолати динӣ дар Ғарб моҳияту арзиши худро аз даст дода истодааст. Дар байни сарқонунҳои амалкунанда бо унсури динии қавӣ метавон сарқонунҳои Юнон ва Арманистонро зикр кард. Арзиш ва аҳамияти дин дар ҳувияту асолати миллӣ дар сарқонуни Арманистон тавассути эътирофи он нукта баён гардидааст, ки новобаста ба "…рисолати истиснoии Ибодатгоҳҳои Арманистон ҳамчун ибодатгоҳҳои миллӣ дар ҳаёти рӯҳонии мардуми Арманистон дар умури рушди фарҳанги миллӣ ва ҳифзу нигоҳдошти худшиносии миллӣ" махсус таъкид карда шудааст.

Арзиш ва аҳамияти дин ва ибодатгоҳ барои худшиносии юнониён ва ташаккули давлати Юнон дар матни сарқонуни Юнон, ки 11 июни соли 1975 бо чунин ибораю ифодаҳо оғоз меёбад, қувваи эътибор пайдо кардааст: "Ба номи Сегонаи Муқаддас, моҳиятан Ягона ва Юнони Ҷудонашаванда!". Муносибати Ибодатгоҳ ва давлатро фасли 2-юми Сарқонуни Юнон дар банди 1-уми моддаи 3-юм чунин муайян кардааст: "Дар Юнон дини ҳоким - дини Ибодатгоҳи шарқӣ-православии Масеҳӣ мебошад. Ибодатгоҳи Православии Юнон, ки Исои Масеҳро роҳбари худовандии худ эътироф мекунад, дар конунҳои худ ба тариқи зич бо Ибодатгоҳи Константинопол ва дигар Ибодатгоҳҳои Масеҳии ҳамэътиқод алоқаманд буда, ҳамонанди онҳо конунҳои ҷомеи ҳаворӣ (апостолӣ) ва анъанаҳои муқаддасро риоя мекунад". Худшиносии миллии юнонӣ на фақат ҳамчун православӣ муайян карда мешавад, балки бо умумиятҳои васеътари насрониҳо - аъзоёни дигар ибодатгоҳҳои православии ҷаҳон алоқаманд аст.

Нақш ва мақоми калидии ибодатгоҳҳои католикӣ дар Сарқонуни Полша барои худшиносии миллӣ зикр ва таъкид карда шудааст.

Худдорӣ кардан аз унсури динии ҳувияту асолати миллӣ тавассути тағйиротҳо дар сарқонуни Ирландия соли 1937 мушоҳида мешавад.

Ҳувияту асолати миллӣ тавъам ва дар як қарина бо дин дар давлатҳои исломии Қатар, Мағриб ва Марокаш мушоҳида карда мешавад.

Аз намунаҳои мазкур маълум мешавад, ки чӣ гуна сарқонуни давлат - конститутсия метавонад вижагиҳои мушаххас ва нуктаю ҳолатҳои асосии ҳувият ва асолати миллиро дар ҳар як ҷомеаи мушаххас дар марҳилаи муайян инъикос намояд. Ҳуқуқҳои конститутсионии кишварҳои хориҷӣ сарчашмаи беназири маълумот оид ба он масъалаю мушкилоте ҳастанд, ки дар соҳаи ҳувияту асолати миллӣ ба ҳисоб мераванд ва ҳар як давлат метавонад бо онҳо рӯ ба рӯ гардад.

Кору фаъолиятҳое, ки оид ба ташаккули аҳдофи миллӣ ва худшиносии миллӣ марбут мебошанд - вазифаи ташаккули маънию моҳиятҳо мебошад. Дар навбати худ ин вазифа наметавонад ба тариқи умумӣ ва ба якборагӣ ҳаллу фасл гардад. Ҷомеа - организми зинда ва тағйиру таҳаввулпазир аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки барои нигоҳдошти амалкарди муътадили он ба тариқи доимӣ бояд ба равандҳои муайян таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Яке аз чунин равандҳо дар ҷомеа таъмин кардани мувофиқат ва тавозуни нерӯҳо, ҳамбастагӣ мебошад, ки муҳити муттаҳидгари маънавиро таъмин карда метавонад. Чӣ гуна бояд ба он муваффақ шуд - масъалаи таҳлилии мушаххас аст, ки метавонад намунаи зиёди кишварҳои хориҷӣ ба он мусоидат кунад.

Биноан, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва яке аз давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳилаи нави рушди таърихии худ ворид шудааст ва метавонанд дар ин марҳила бархӯрди ақидаю андешаҳои миллию динӣ ба вуҷуд оянд. Барои пешгирии чунин амалҳои ноҷатлуб, агар қобили қабул бошанд, мо пешниҳодҳои зеринро матраҳ карданием:

-Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон сареҳан нақшу мақоми Ислом ва хосатан мазҳаби Ҳанафия дар ҷомеа ва тамаддуни мо бояд бозтоби худро ёбад ва дигар муғризон натавонанд ба дину мазҳаби ягонаи мо рахна зананд;

-Тоҷикон ва Тоҷикистон бояд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи мардумони ориёинажод дар Сарқонун махсус зикр карда шаванд;

-Арзишҳои миллӣ аз арзишҳои динӣ тафовут дода шаванд;

-Дар Сарқонун нақш ва мавқеи мазҳаби ҳанафия ҳамчун мазҳаби ҳоким дар қаламрави кишвар эътироф ва тасдиқ карда шавад;

-Ба Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон рангу тобиши тамаддунию таърихӣ ва миллӣ бахшида шавад, зеро дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа аксаран он рангу тобиши сирф "юридикӣ"-ро доро гаштааст;

-Дар интихоб ва таъйини мутахассисону кадрҳо ба вазифаҳои калидию пурмасъул тоҷик будани шахс ба эътибор гирифта шавад;

-Ҷашнҳои бостонию таърихие, ки аз ниёкони мо аз ибтидои оламу одам боқӣ мондаанд, муайян ва муқаррар карда шуда, гузаронидани онҳо дар доираи риояи танзими ҷашну маросимҳои миллӣ ҳатмӣ ҳисобида шаванд;

-Хизмати Модар-Ватан баъд аз зинаи аввали таҳсил барои тамоми сокинон новобаста ба мақоми иҷтимоию ҳолати иқтисодии волидайн дар мадди аввал гузошта шавад;

-Ҳар шаҳрванди дигаре, ки нисбати намояндаи тоҷикон таҳқиру тавҳинро раво мебинад, мавриди пайгарди қонунӣ ва муҷозот қарор дода шавад;

-Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олии касбӣ, коллеҷу донишкадаю донишгоҳҳо омӯзиш ва таълими Қуръони Карим ва шариати Ислом ҷорӣ карда шаваад, то мардум миёни ҷоизу ботил, хурофоту ҳақиқат, суннату воҷиб фарқ гузошта тавонанд ва раҳгум назананд.

Ҳадаф аз ироаи ин матлаб пешгирии зуҳуроти бегонагароӣ, пойдории сулҳу субот, оромишу осоиш, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию динӣ ва баробар намудани таносуб ва тавозуни миллияту диният дар ҷомеа, даст кашидан аз хурофотпарастию ифротгароӣ, пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро мебошад.

Шояд баъзе аз пешниҳодҳои мо қобили қабул набошанд, аммо дар ҳар сурат мо хостем андешаҳои шахсии худро сирф ҷиҳати таҳкиму тақвияти пояҳои давлату давлатдории худ ироа намоем, зеро аллакай ҷумҳурии мо гомҳои устуворе дар роҳи таҳкиму тақвияти сулҳу суббот гузошта, вориди давраи пешрафтҳо гаштааст.

*Мактабаш дар зиндагӣ донанд зиндонро абас,*
*Ғоибона хондани он беҳтарин роҳ асту бас!*

Анвори дониш
№11 (263) 4 декабри 2017

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ



*Сафаралӣ БОЗОРЗОДА, иштирокчии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Телевизиони Кӯлоб*

12-уми феврали соли 1990 нахустин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирдиҳамоӣ ба вуқуъ пайваст, ки сабабгори марги чандин нафар сокинони кишвар гардид. Новобаста ба вазъи сиёсии ҷомеа 9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолият ба даст оварда, ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эътироф гардид. Ин дастоварди миллӣ барои мардуми Тоҷикистон хеле гарон афтод. Гурӯҳҳои бадхоҳ бо нияти ба шуру шар овардани мардум гирдиҳамоиҳои ғайрирасмиро дар маркази шаҳри Душанбе мунтаззам барпо намуданд. Оқибати ин нобасомониҳо ба он оварда расонид, ки Қаҳҳор Махкамов, Сафаралӣ Кенҷаев, Қадриддин Аслонов, Раҳмон Набиев аз вазифаҳои масъули роҳбарӣ истеъфо доданд. Дар як муддати кӯтоҳ тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардида, амнияти мардумро касе таъмин карда наметавонист.

Аввали соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъият бениҳоят муташанниҷ гардид. Роҳҳо ба вилояти Кӯлоб баста шуда, аҳолӣ дар муҳосираи иқтисодӣ қарор гирифт, дар ҷумҳурӣ беҳокимиятӣ авҷ гирифт. Хушбахтона, моҳи ноябри соли 1992 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси вилояти Кӯлоб интихоб шуда, нахуст суханҳои худро чунин иброз дошт. **"Агар хоҳем, ки Тоҷикистонро хифз намоему миллати тоҷикро пароканда накунем, бояд сулҳ бибандем. Ман Тоҷикистонро бе Бадахшону Вахшонзамин, Зарафшону Рашт ва Ҳисори шодмон тасаввур карда наметавонам".**

Албатта дар он шабу рӯз касе ҷуръат намекард, ки чунин суханҳоро ба забон меовард, вале муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо боварии комил бароиояндаи дурахшони Тоҷикистон андешаҳои худро баён дошта, ҷасурона мардумро ба якдигарфаҳмӣ ва иттифоқӣ даъват намуд, ки ҳама интизораш буданд. Шахсан дар қалби ман муҳаббат баояндаи нек ҷой гирифта буд.

Рӯзи 2-юми ноябр раиси вилояти Кӯлоб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маро ба ҳуҷраи корияшон даъват намуда, дастур доданд, ки аз бойгонии Телевизиони Кӯлоб якчанд фиттаҳое, ки аз ҳолатҳои ногувори ҷанги хонумонсӯз сабт шуда буд, бурда ба мардуми вилояти Суғд (собиқ Ленинобод) намоиш диҳем, то мардуми он минтақа низ аз ин даҳшат огаҳӣ дошта бошанд. Ман ҳамроҳи Абдураҳим Исмоилов ба вилояти Суғд сафар кардем ва бо кӯмаки директори маркази техникии Телевизиони вилояти Суғд Абдуалӣ Халилов рӯзи 4-уми ноябри соли 1992 наворҳоро тариқи Телевизиони Суғд нишон додем. Мардуми вилояти Суғд худ диданд, ки ҷанг чи даҳшат дораду чи оқибатҳои фоҷеаовар ва ба ҷуз ашки модарон, нолаю фиғони фарзандон ва харобию талхии рӯзгор дигар чизе ба бор намеорад.

Албатта, дар ин давраи мушкилу вазнин барои мардуми Хатлонзамин, аҳолии вилояти Ленинобод низ, ҳиммати баландӣ пеша намуда, аҳолии вилояти Кӯлоб ва гурезаҳои дар ин вилоят бударо бо хӯрока ва дигар маводҳои рӯзгор таъмин менамуданд. Муҳимтарин масъалае, ки тақдириояндаи ҳастии миллатро ҳал менамуд, ба ҳар восита хотима додан ба хунрезӣ ва парокандагӣ буд. Аз ин рӯ, масъала пеш омад, ки иҷлосияи навбатӣ баргузор карда шавад. Бинобар сабаби вазъи ноороми шаҳри Душанбе ва минтақи ҷанубии Тоҷикистон таклиф ба миён омад, ки Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор карда шавад. Рӯзи 13-уми



ноябри соли 1992 таҳти роҳбарии раиси вилояти Кӯлоб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вакилон Абдулмаҷид Достиев, Қурбон Мирзоалиев, Ғайбулло Афзалов, Ҷурахон Неъматов, Миралӣ Маҳмадалиев, Ҳайдар Шарифзода, Ҳикмат Шарифов, Адолат Раҳмонова, Нурулло Ашӯров ва дигарон аз вилоятҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа ба вилояти Ленинобод сафар намуданд. Рӯзи 16-уми ноябри соли 1992 Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12-ум ба кори худ оғоз намуд. Ман, ки бевосита дар баргузории иҷлосия ширкат доштам, мушоҳида мекардам, ки дар рӯзҳои аввал миёни вакилон ягдигарфаҳмӣ набуд. Қисме аз вакилон мақсад доштанд, ки иҷлосия баргузор нагардад, яъне ба ақидаи онҳо аввал пеши роҳи хунрезӣ гирифта шуда, амният пурра таъмин карда шавад ва сипас иҷлосия ба кори худ оғоз намояд. Лекин новобаста ба таклифу пешниҳодҳои ҷойдошта Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ идома бахшид. Дар Иҷлосия комиссияи депутатии муросо таъсис дода шуд, ки ба узвияти ин комиссия вакилон аз тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардида буданд ва тамоми санаду масъалаҳои бамиёномадаро барои баррасӣ пешниҳоди вакилон менамуданд. Бо назардошти вазъи сиёсии кишвар 18-уми ноябр Акбаршоҳ Искандаров ва раисони кумитаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияташонро супориданд. Рӯзи 19-уми ноябр масъалаи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокимаи вакилон қарор гирифт. Вакил аз ноҳияи Ҳисор Мирзоев Абдулвоҳид, ки аъзои комиссияи муросо буд, пешниҳод намуд, ки раиси вилояти Кӯлоб Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад. Ин таклиф аз ҷониби вакилон ҳаммовозӣ ва дастгирӣ ёфта, дар овоздиҳии пинҳонӣ вакилон ба тарафдории Эмомалӣ Раҳмон овоз доданд ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шумораи зиёди овозҳо Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ин лаҳзаҳои хотирмон дар дили тамоми аҳли толор ва мардуми азияткашидаи кишвар нури умед ба фардои некро бедор намуд ва дар ин лаҳзаҳои тақдирсоз барои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вакилони иҷлосия ва тамоми мардуми шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз намуд: **"Агар мо хоҳем, ки ба Тоҷикистон сулҳ биёрем, бояд тухми душманиро аз байн барем. Тоҷикистон бе Бадахшону Хатлон, Зарафшону Рашт, Вахшонзамину Хисори шодмон Тоҷикистон шуда наметавонад. Имрӯз бояд ақли солим боло гирад, то ки пеши хунрезӣ гирифта шавад. Ман тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар як хонадон барқарор шудани сулҳ равона менамоям ва кори худро аз сулҳ оғоз намуда, барои гулгулшукуфии ватани азизам садоқатмандона меҳнат менамоям, чунки ман баояндаи неки ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам боварӣ дорам".**

Рӯзи 24-уми ноябр баъди муҳокимарониҳои тӯлонӣ Парчами миллӣ тасдиқ гардид ва дар ин лаҳзаҳои хотирмон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахустин шуда чун рамзи эҳтирому садоқат ба Парчами давлатӣ арҷгузорӣ намуд. Иқдоми наҷибонаи дигаре, ки аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омад, масъалаи авфи ҳамаи он нафароне, ки аз моҳи апрел соли 1992 то 26-уми ноябри соли 1992 дар сангарҳо гуноҳ содир кардаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, рӯзи 26-уми ноябри соли 1992 ҳамчун Рӯзи Сулҳ ва рӯзи оштии миллӣ эълон карда шуд. Ин иқдоми ҷавонмардона маҳбубияти ӯро миёни мардум дучанд афзун намуд ва аз ҳамон рӯз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Асосгузори сулҳи тоҷикон ва Пешвои миллат будани хешро исбот намуд. Мавриди зикр аст, ки 25 сол дар саҳифаи таърих на он қадар тӯлонист, аммо барои миллати тамаддунофари тоҷик 25 соли муваффақият, комёбӣ, оромӣ, шодии тифлакон ва амалӣ гардидани орзуву ормони мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Месазад, ки ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ шукронаи ин сарзамин ва ин ободиву осудагӣ намуда, барои пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва амалӣ гардидани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми босазои хешро гузорад.

# ХИЁНАТКОР РӮЯШ ДАР ДУ ОЛАМ СИЁҲ АСТ!

Зиндагии шоистаи имрӯзаи мардуми кишвар тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва амалҳои созандаву бунёдкоронаи мардуми шарафманди Тоҷикистони азиз насиб гардидааст. Истиқлолият ва фазои амну субот Тоҷикистони биҳиштосои моро боз ҳам шукуфонтар сохтааст. Инро миллионҳо мардуми сулҳхоҳу рӯшанзамири олам эътирофу эҳтиром месозанд. Аммо чашми чанд тани ангуштшумори фарзандони ношукру тирадилу мансабхоҳи ватанфурӯш аз ин оромию пешравиҳо "сих" мезананд. Дар сархати ин хиёнаткорони миллат исми Муҳиддин Кабирию ҳизби наҳзати ӯ, ки феълан "мурда"-ву дар рӯйхати ташкилоти экстремистию террористӣ таҳти рақами 79 шомил шудааст, ном бурда мешавад. Аз ибтидо ТЭТ ҲНИТ ба ин миллату сарзамини аҷдодӣ нигоҳи нек надошт. Зеро бепарда аён буд, ки маҳз ҲНИТ ва саркардаҳои он ташкилотчӣ ва гунаҳкори асосии ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 90 - уми асри гузашта дар Тоҷикистон аст. Дар натиҷаи муқовимати шаҳрвандӣ зиёда аз 150 ҳазор нафар кушта шуда, беш аз 1 миллион сокини осоишта фирорӣ гардид. Ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз 7 миллиард доллари ИМА ҳисорот расид. Дар ҳамин давра, бо роҳнамоӣ ва пуштибонии ТЭТ ҲНИТ беш аз 500 нафар ҷавонони тоҷикистонӣ барои таълимгирӣ ба марказҳои террористии хориҷӣ фиристода шуданд. Айни замон аксарияти онҳо узви фаъоли созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ мебошанд. Мутаассифона, зиёда аз 1100 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон фирефтаи таблиғи дассисакорон гаштанд, ки бештари ин гумроҳон ҳамроҳи зану фарзандҳояшон дар кишварҳои ҷангзадаи Сурияву Ироқ ва дигар мамолики Ховари Наздик сарсону саргардон шудаанд. Ҳарчанд Ҳукумати нави кишвар ва шахсан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди даргириҳои дохилии солҳои 90- уми асри гузашта гуноҳи онҳоро авф кард, барои ба Ватан баргаштанашон мусоидат намуд ва умед доштанд, ки онҳо бо дилу нияти покиза ба давлату миллати хеш содиқона хизмат мекунанд, аммо онҳо аз роҳи хиёнат ва ниятҳои шуми хеш барнагаштанд. Ба таъбири мардумӣ "гургзода оқибат гург шавад" ва саркардаҳои ҲНИТ дигарбора хостгори куштору барангехтани кинаву адоват ва халалдорсозии авзои ҷомеа шуданд. Моҳи сентябри соли 2015 бо роҳбарии Муҳиддин Кабирӣ гурӯҳи хиёнаткори генерали ошӯбгар Абдуҳалим Назарзода даст ба табаддулоти давлатӣ заданд ва ин амали ноком оқибатҳои хунин дар пай дошт. Беҳтарин афсарони содиқи Ватан дар ин набард қурбон шуданд. Халқ рӯи сиёҳи хиёнаткорони Ватанро дигарбора дид ва нафрин хонд. Кабирию ҳамроҳонаш хиёнате дар зиндагӣ содир карданд, ки на танҳо имрӯзиён, балкиояндагон ҳам онҳоро намебахшанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки рӯйи хиёнаткор дар ду олам сиёҳ аст. Кабирию чанд нобакори пойбӯси хоҷагони аҷнабӣ роҳи гурезро пеш гирифтанд. Наҳзатиёни фирорӣ дар хориҷ ҳам бо "доира"-ҳои хоҷагони хориҷӣ "рақс" мекунанд. Ба воситаи шабакаҳои интернетӣ дар ҳаққи давлату мардуми тоҷик бӯҳтон мезананд ва сиёҳкории худро бешармона идома медиҳанд. Бадбахтӣ он аст, ки наҳзатиёни фирорӣ дар ҳудуди кишварҳои аврупоӣ барои амалӣ кардани мақсадҳои худ, бо ҷалби муҳоҷирон ба сафи гурӯҳҳои террористӣ, инчунин ташвиқоту тарғибот машғуланд. Дафтари онҳо барои пурра намудани сафи ҷангиёни ДИИШ ва дигар гурӯҳҳои террористӣ, ки дар кишварҳои Ховари Наздик меҷанганд, истифода мешавад. Дар ҳамин ҷо иртибот бо таблиғгарони гурӯҳҳои террористӣ барқарор мегардад, шартномаҳо ба имзо мерасанд, аъзои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ гурехтаи ҲНИТ паноҳ меёбанд. Фаъолияти ин ҳизби ғосибу қотил кунун дар Тоҷикистон қатъ шуда бошад ҳам, аммо дассисакории он бурун аз марз идома дорад. Ислом аз зуҳуроташ ба таблиғи ягон ҷамъият, иттиҳодия ва ё ҳизб эҳтиёҷ надошт ва нахоҳад дошт. Дини мубини Ислом аз пайдоишаш то кунун на ҳизб дошт ва на ягон таблиғгари сиёсӣ. Ислом пок аз орияти сиёсат буда, муҳтавои асосии он муқобили зӯроварӣ ва қатлу куштор аст. Пояи мусулмонӣ ин адл, рафоқат, инсоф, хайрхоҳӣ ва инсондӯстӣ аст, ки дар гиргашти Ҳизби наҳзатиён намечархад. Ин ҳизб тарғибгар ба даъвои бехудоӣ дошта ахиран ба ибораи маъмул атеизмро асос медиҳад. Назар фиканед, мебинед, ки ин аз атеистон ҳам фосиқтаранд. Агар онҳо даъвии ба материалистии ҳаёт бошанд, ин тоифаҳо қотили зархариданд, ки на танҳо Ватан, ҳатто модари худро бо зар мефурӯшанд. Инҳо аз номи дини мубини Ислом истифода намуда, даст ба ватанфурӯшӣ бо дархосту таълимоти хоҷагонашон мезананд. Ку мисоле оред, ки Ҳизби наҳзатиён чи иқдоми ободие дар кишвар намудаанд, ҳеҷ. Масҷиде ё беморхонае бунёд карда, аққалан китоби муқаддаси Қуръонро бе пул дар идҳо ба аҳли мусулмин инъом намудаанд, не. Худро боз мусулмони асил меноманд. Ин тоифа аз шайтон ҳам бадтар аст. Коре, ки ин тоифаи наҳзатиён бо роҳбарии Кабирӣ мекунанд, шайтон намекунад. Инсофи шайтон ва раҳму шафқаташ аз ин тоифа болост. Инҳо на мусулмонанд ва на молику ҳомии дин, балки хоину ватанфурӯше беш нестанд. Агар даст ба қудрат мерасиданд аввал хеш, баъд ақориб ва вопас тамоми мардуми кишварро ба хоҷагонашон мефурӯхтанд. Инҳо ҳамон ҳоҷисавдогаронеро мемонанд, ки бо номи худо савганд хурда, ҷайби хешро бо пули ҳаром пур менамоянд. Дар охир ҳамин нуқтаро оварданиям, ки осоиштагии кишвар бе Кабирӣ ва ҳизби наҳзатиён дастболо мешавад. Мардум дассисаи ин тоифаро маҳз дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дарк намуда буд. Аз ин рӯ, дигар ҳаргиз фирефтаи "гандумнамоёни ҷавфурӯш" намешаванд ва дар ваҳдату ягонагӣ зери Парчами миллӣ саф ороста, ливои Тоҷикистон ба даст гирифта, ба хушбахтии насли ояндa ҳамрайъи Пешвои маҳбуби миллат ба пеш, ба сӯи ободкориву созандагӣ устуворона қадам мезананд. Дигар ҳеҷ дассисаи ватанфурӯшон наметавонанд сади роҳ шаванд, зеро давлати мо комилан қудрати дифои хешро молик аст!



***Араби ДӮСТМУРОД, шоир***

●Бахшида ба 80-солагии олими фарҳехтаи тоҷик, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Иззатуллоев Кӯган

# ОЛИМ, ТАШКИЛОТЧӢ ВА МАРДИ НАКӮКОР



*Ислом ҒУЛОМОВ,*
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор,*
*Ходими шоистаи маорифи Тоҷикистон,*
*собиқадори меҳнат*

24-уми декабри соли ҷорӣ дотсенти кафедраи педагогика ва математикаи таълими ибтидоӣ Иззателлоев Кӯган 80 сола мешавад. Солҳои зиёдест, ки бо ҳам ошноӣ дорем. Соли 1958 ҳангоми қабул ба шуъбаи физикаю математикаи Институти давлатии педагогии Кӯлоб тавассути бародараш Иззатуллоев Раҳматулло (рӯҳаш шод бод!) шиносоӣ пайдо кардам. Ду соли таҳсил дар институт наздикӣ ва дӯстии моро хело мустаҳкам намуд. Дар байни донишҷӯёни курсҳои дуюм Р.Акбаров, Н.Ҳазратқулов, ва К.Ҳошимов (аз ноҳияи Совет (Темурмалики ҳозира), М.Қурбонов аз беҳтаринҳо ба шумор мерафтанд. Ба толибилмони курсҳои якум ва дуюм аз фанҳои мухталифи математика ҳамон як ҳайати омӯзгорони факульта (Ш.Умаров, Ш.Раҳмонов, Х.Қодиров, М.Чиликина, Н.Токарева ва дигарон) дарс мегуфтанд. Онҳо пешравии ҳар як донишҷӯи фаъоли курсҳои дуюмро дар рафти машғулиятҳо нақл карда, моро барои беҳтар аз худ намудани донишҳо ба ваҷд меоварданд.

Гурӯҳе, ки дар он Кӯган Иззатуллоев таҳсил мекард, дар корҳои ҷамъиятии факулта ва институт фаъолона ширкат меварзиданд. Ёд дорам, ки охирҳои моҳи ноябр ва аввалҳои моҳи декабри соли 1959 барфи зиёд борид, ҳаво аз ҳад зиёд сард шуд, пахта зери барф монд, сатҳи майдони назди институт аз кӯракҳои чидашудаи марди деҳқон пур шуда буд, колхозҳо мӯҳтоҷи ёрӣ буданд…

Ана, дар ҳамин вазъият роҳбарияти институт як гурӯҳи комсомолон (ҷавонон)- и фаъолро ба кӯракчинӣ сафарбар намуданд, ки дар байни онҳо муаллифи ин сартҳо, Р.Акбаров ва К.Иззатуллоев низ буданд. Барфҳоро аз пояи пахта бо бонд резонда, рӯзе 1 тонна қашқа мечидем. Ҳамон сол ба мукофоти ҳукуматӣ - Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон банда ва Р.Акбаров барои нишондиҳандаҳои баланди меҳнатӣ дар маъракаи пахтачинӣ ва хониши хубу аъло мушарраф гаштем.

Соли 1960 Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба филиали Институти давлатии педагогии Сталинобод ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) табдил ёфт ва чанд сол алоқамандии мо аз байн рафт.

Кӯган Иззатуллоев пас аз хатми филиал омӯзгори мактаби миёнаи №7 "Комсомол"-и ноҳияи Данғара шуда, 10 сол фаъолият кард. Дар он ҷо ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон математикаро омӯзонд. Бе сабаб нест, ки ӯро муаллими Президент ном мебаранд. Аз ин рӯ, Иззатуллоев К. дар байни донишҷӯёну омӯзгорон ва аҳли зиёии кишвар ба обрӯ ва эътибори хоса соҳиб гаштааст. Ин ифтихори мост!

Соли 1970 Кӯган Иззатуллоев ба ҳайси муаллими кафедраи методикаи таълими ибтидоии Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба кор қабул карда шуд. Он вақт банда дар курси дуюми аспирантураи Инситутути давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил мекардам.

Омади корро бинед-а, ҳамон сол (ноябри 1970) барои гузаронидани таълими эксприменталӣ аз рӯи китоби таълимии таълифнамудаи камина "Масъалаҳои мунтахаби ҳисоббарорӣ" (Душанбе: УДТ ба номи В.И.Ленин, 1970) дар чор гурӯҳ (иборат аз 88 донишҷӯ) ҳамроҳи мудири кафедраи методикаи таълими математика Шарифов Ҷумъа (ҳоло доктори илмҳои педагогӣ, профессор), омӯзгорон Сайдаҳмадов Ҷумъа (рӯҳаш шод бод!), Одинамадов Қ. (рӯҳаш шод бод) ва Ҳасанов Хушвахт (рӯҳаш шод бод!) Иззатуллоев Кӯган иштирок намуда, боиси пешравии кор гардид. Хислати накӯмардии шахс ҳам дар ҳамин гуна лаҳзаҳо пайдо мешавад.

Солҳои 1970-1980 чандин мақолаҳои методии ӯ дар саҳифаҳои маҷаллаи "Мактаби Советӣ" нашр шуданд ва барои хизмати басамараш бо медали "Барои меҳнати шуҷоатнок ба муносибати 100 - солагии рӯзи таваллуди В.И.Ленин" (1970) ва бо нишони "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (1974) сарфароз гардидааст.

Азбаски Кӯган Иззатуллоев ба омӯзиш ва тадқиқ шавқу рағбат дошт, ӯро соли 1980 барои таҳсил ба аспирантураи Институти тадқиқоти илмии мазмун ва методҳои таълими АИ ИҶШС ба шаҳри Москва фиристоданд. Соли 1983 ба Институт баргашт. Се сол ҳамчун ҷонишини декани факултаи омӯзгорӣ адои вазифа намуд. Дар ин фосила, соли 1984 дар мавзӯи "Методикаи истифода бурдани масъалаҳои матнӣ дар таълими математикаи мактаббачагони синни хурди мактабӣ" рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, соҳиби унвони номзади илмҳои педагогӣ гардид. Муддати зиёд (қариб 10 сол) мудири кафедраи педагогика ва методикаи таълими ибтидоиро ба ӯҳда дошт.



Дар ин солҳо Кӯган Иззатуллоев ба меҳнати омӯзгорӣ содиқ буданашро пеш дошта, пайваста ба кори илмӣ-методӣ машғул буд. Азму иродаи қавӣ ба ин марди фозил имкон дод, ки паси ҳам кичанд дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ таълиф намояд: "Нишондодҳои методӣ ба вариантҳои корҳои хаттӣ аз математика барои донишҷӯёни китобхон" (Кӯлоб, 1987), "Ташкил ва гузаронидани таҷрибаи бардавоми донишҷӯёни факултаҳои омӯзгории мактабҳои олӣ" (Кӯлоб, 1988), "Маҷмӯаи масъалаҳо аз математика (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои омӯзгорӣ)" (Душанбе, 2000, ҳаммуаллиф) ва ғайра.

Соли 1995 Ҳукумати ҷумҳурӣ ӯро барои хизматҳои шоистааш дар соҳаи тадқиқ ва тадриси донишҷӯён бо унвони "Кормандони шоистаи Тоҷикистон" сазовор донист, аммо К.Иззатуллоев ҳамчун марди содиқ ба роҳи пешгирифтааш аз комёбиҳои бадастовардааш қаноатманд намешуд. Тазаккур бояд кард, ки барои такмили танҳо як китоби дарсии "Математика синфи 2" ӯ бо ҳамроҳии Ҳалимов Ғ. (рӯҳаш шод бод!) зери роҳбарии олими намоён, доктори илмҳои психологӣ, профессор Р.Атохонов аз озмоиш (соли 1992) то нашри охирини он (соли 2003) 11 сол мунтазам тағйироту иловаҳо ворид намуда, натиҷаи тадқиқоти илмӣ-методиашонро васеъ истифода мебурд.

Соли 2005 К.Иззатуллоевро декани факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин намуданд. Дар муддати чор соли фаъолияти худ ҳам барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси оянда ва ҳам барои омода намудани дастуру китобҳои таълимӣ хизмати шоиста кардаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар навиштан ва ба нашр омода намудани китоби дарсии "Алгебра ва ибтидои анализ барои синфи 10" (Душанбе: Маориф, 2005; Муаллифон: И.Ғуломов, Р.Акбаров, Ғ.Ҳалимов ва Т.Маҳмудов) зери роҳбарии камина фаъолияти ташкилотчии ӯ баръало намоён шуда меистод. Дилаш месӯхт, ки дастнависи асар ҳарчи барвақттар ба итмом расад, сифати хуб дошта бошад, дар мӯҳлати муқарраргардида ба Вазорати маорифи Тоҷикистон супорида шавад. Аз ин рӯ, шахсан худаш ташаббускор ва роҳбалади чандинкаратаи рафтуои ҳамкоронамон Ғ.Ҳалимов ва Т.Маҳмудов ба шуъбаи таҳрир ва китобҳои вазорат буд.

Китоби "Таълими математика дар синфи 2" (Душанбе, 2011; ҳамқалам) ва чанде дигар асарҳои ӯ, ки солҳои охир чоп шудаанд, солҳои сол манбаи дониш ва маҳорати муаллимони массисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шогирдон шуда мемонанд.

Кӯган Иззатуллоев дар ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ ва берун аз он ҳам фаъолона ширкат меварзад, зеро фаъолияти илмию педагогӣ ва ҷамъиятиашон ба ҳамдигар робитаи қавӣ доранд. Ӯро борҳо ба ҳайати ташкилотҳои ҳаизбию касабавӣ интихоб намудаанд. Солҳои тӯлонӣ ба раванди корҳои тарбиявии факултаи омӯзгорӣ назорат мекард.

Дар ҳамаи вазифаҳои интихобшудааш ҳамеша кӯшиш мекунад, ки пурсамар кор кунад, масъалаҳои ба ухдааш вогузоштаро одилона, оқилонаю холисона ҳаллу фасл намояд.

Роҳбарияти донишгоҳ дар симои Кӯган Иззатуллоев шахсеро дида тавонист, ки ӯ бо фаъолияти ҷамъятӣ ва дорои собиқа дар роҳбарият қадру мартабаи баланд дошта, намунаи ибрат аст. Аз ин рӯ, соли 2009 Иззатуллоев Кӯган ба вазифаи мушовири ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ лоиқ дониста шуд ва то имрӯз ин мансабро ба ӯҳда дорад.

Кӯган Иззатуллоевро ҳамчун марди ҳалиму накӯкор ҳама мешиносад. Хислати дигари ӯ хоксорист. Ба аксарият маълум аст, ки ин марди қоматбаланди солхӯрда ҳар рӯз масофаи байни хонаю донишгоҳро (агар он тақрибан 4 километр бошад!) камаш ду маротиба пиёда тай маекунад.

Ҳар гаҳ ба суоли ман, ки "Чаро ба нақлиёт савор намешавад?" ҳамоно бо табуссум ҷавоб медиҳад:

- Барои фаъолияти босамари ҳар шахс, бавижа омӯзгор, рӯзе ҳашт километр роҳ паймудан шарт аст. Аз ин талабот ман ҳам истисно нестам.

Ин хислат ба ӯ ғалаба карда, ба одат табдил ёфтааст.

Кӯган Иззатуллоевро ба муносибати ба синни мубораки 80 қадам гузоштанаш самимона муборакбод гуфта, барояшон тамоми хушиҳои зиндагиро таманно макунем ва дар зиндагиаш баракат мехоҳем.

**80-солагӣ муборак, эй инсони фозил ва намунаи беҳтарини олим!**



*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

# ПУЛ

Имрӯз пул муайянкунандаи ҳама чиз шудааст. Муносибат, рафтор, гуфтор ва тамоми ҳаракату ишораҳои моро ба дигарон пул муайян мекунад. Мо он қадар пулдӯстдорем, ки тамоми муқаддасотро бо пул чен мекунем, дар ҳоле ки қадру қимати як инсон ва ҳурмату эҳтиромаш аз миллион доллар боло меистад. Ҳама чизро дар пул мебинем: шуҳрат, обирӯ, илму маърифат ва ғайра. Тамоми фикру зикрамон дар пул аст. Гуфтан дуруст аст, ки ҷойи зиндагиро пул гирифтааст. Бовар кунед, ҳатто аз Худо ҳам зиёд пулро ёд мекунем.

Мо, инсонҳо дар доштани узвҳои бадан аз ҳамдигар ҳеҷ фарқе надорем. Фарқ танҳо дар илм, тафаккур, андеша ва сару либоси мост. Имрӯз ҳамсӯҳбати мо либоси моро дида чӣ гуна сӯҳбат карданашро муайян мекунад. Баъзеамон онқадар такаббуру нописандем, ки як инсони дигар дар тан либоси замонавӣ надоштаро ҳамроҳаш сӯҳбат ҳам намекунем. Либос дигар ҳасту замири инсон дигар. Румии бузург мегӯяд:

***Мо бурунро нангарему қолро,***
***Мо дарунро бингарему ҳолро.***

Дар бурунҳои зебо дарунҳои касифро имрӯз бисёр мебинем. Сурат зебо, аммо сират... Аз ин хотир, мо бояд дар ҳеҷ сурат ба беэҳтиромии дигарон роҳ надиҳем.

Ҳоло ҳар куҷо, ки ба кор дароем, аввал пулашро ба инобат гирифта, сипас корро оғоз мекунем. Кам инсоне ҳастанд, ки ба хотири дӯст доштани касбаш кор кунад. Дӯст доштани касб оҳиста-оҳиста арзишашро гум карда, ҷояшро пул гирифта истодааст. Ҳама корҳо рӯякӣ шуда истодаанд. Тамоми ҷидду ҷаҳди мо танҳо барои пулдор шудан аст! Обрӯ ва эътибор охириндараҷа шудан дорад. Ҳар чизи буда арзишашро гум карда истодааст, зеро ҷойи тамоми муқаддасотро танҳо пул гирифтаасту халос. Дар бисёр мавридҳо мо танҳо саҳнасозӣ мекунему халос. Зиндагӣ якранг ва бемаъво.

Қадру қимати инсонро дар пулдории ӯ мебинем. Пул дорӣ, ҳурматат мекунанд, эҳтиромат мекунанд ва бологузар мешавӣ. Ин чӣ хел инсонгарист? Мо, ки ҳамдигарро ҳурмату эҳтиром накунем, пас, кӣ бояд моро эҳтиром кунад? Мо, ки ба қадри ҳамдигар нарасем, кӣ ба қадрамон мерасад?

Бовар кунед, муносибати ҳатто наздиктарин шахсонат (оила) аз пурдории ту вобаста аст. Зану фарзанд ҳам танҳо дар он сурат ҳурмату эҳтиромат мекунад, ки ту пул дошта бошӣ. Чаро зиндагии мо билкул ғалат аст? Муҳаббат, дӯст доштан, ҳурмату эҳтиром оҳиста-оҳиста аз байн рафта истодааст. Одамгарӣ ҳам моро падрӯд мегӯяд...

Ҳама дар назди Яздон баробарем ва ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кунем, ки марг ҳама гуна инсонҳоро новобаста аз миллат, нажод, ҷусса, бойгарӣ ва ғайра хабар хоҳад гирифт. Мо, онҷунон зиндагӣ дорем, ки гӯё намирандаем. Дар ин умри дурӯзаи пур аз фитнаву фасод чаро ба умқи зиндагӣ сарфаҳм намеравем? Ҷанозаи садҳо нафарро дида ва ҳатто хондаем, аммо ҳиҷ бовар надорем, ки рӯзе ҷанозаамонро мехонанд.

Дунё... Ин одамон он қадар туро (маънои дунё пул аст) дӯст медоранд, ки ҳама чизро фаромӯш кардаанд. Аммо набояд фаромӯш кунем, ки қадри инсон дар замири поки ӯст. Камбахтона, инсонҳои нек хеле каманд.

***Расми ситами чархи ҷафокор кифоят,***
***Эй дӯст, ҳалимӣ бикун, ин шева нашояд!***

Ин тасаввуроти банда ҳаст. Шояд нигоҳи мо ба зиндагӣ хато бошад. Шояд андешаи мо қобили қабули дигарон набошад, аммо лоақал бимонед, то тафаккур кунем! Магар мо ҳаққи фикр кардан надорем, пулпарастони худфиреб?

*Ин дил ба усули хеш дорад бозӣ*
*Фарқаш набувад, муқобилам ё розӣ.*

Анвори дониш
№11 (263) 4 декабри 2017

# ХУШБАХТИРО ДАР ЧӢ МЕБИНЕД?

*Инсон хушбахтиро худ ба даст меорад. Одамон хушбахтиро ҳар гуна тасаввур мекунанд. Инсон бо доштани мансаб, пул, дороӣ ва сарвату бойгарӣ хушбахт буда наметавонад. Зиндагии як оилаи деҳот шояд аз зиндагии як миллиардер зеботару гуворотар бошад. Агар барои хурсанд намудани 10 ва ё 15 нафар ҳар рӯз кӯшиш намоем, ин аллакай хушбахтии бузург аст. Хушбахтии комил азоби виҷдон накашидан аст. Ба роҳи рост рафтан ва касеро озор надодан зиндагии шоиста аст.*
*Аз ин рӯ, хостем аз чанд равшанфикр ба саволи "Хушбахтиро дар чӣ мебинед?" пурсон шавем.*



***Моҳира ҒУЛОМОВА, лаборанти кафедраи математикаи олӣ.***

Паҳлӯҳои хушбахтӣ хело зиёданд. Масалан, вақте ки фарзанд ба воя мерасад ва мактабро хатм мекунад, ин хушбахтии падару модар аст ва ё вақте ки шахс аз рӯи меҳнаташ ба мавқеи муносиб сазовор мешавад, инро ҳам хушбахтӣ гуфтан мумкин аст. Ба фикри ман хушбахтии ҳар як фард аз оромии ҷомеа вобастагӣ дорад. Агар оромию осоиштагӣ бошад, ҳар як фард ба фаъолияти дӯстдоштааш машғул мешавад. Хулоса, хушбахтиро дар оилаи солим ва фарзандони тануманд мебинам.



***Муродалӣ НАЗАРОВ, ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ.***

Хушбахтии одам дар оромиву осудагии ватани азизаш ҳаст. Осудаҳолии ҷомеа аз беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва муваффақиятҳо дар фаъолияти худи шахс дарак медиҳад. Шахсе, ки ҳурмати падару модарро ба ҷо меорад, оилаи солим ва фарзанди солимро дар ҷомеа ба воя мерасонад, хушбахт аст. Мутаассифона, баъзан шахсоне ҳастанд, ки ба қадри ин неъматҳо намерасанд ва нисбат ба ҷомеа ва оилаи худ бетарафӣ зоҳир менамоянд.



***Бунафша ШАРИФОВА, мутахассиси шуъбаи тарбия.***

Ба фикри шахсии ман хушбахтии инсон дар доштани Ватани тинҷу ором, саломатию солимӣ ва хонаи обод аст. Хушбахтӣ касб ҳам шуда метавонад, ки аз рӯи ин касб зиндагиашро пеш мебарад ва онро дӯст медорад.

***Шаҳрбонӯ БОБОХОНОВА, саромӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинг.***

Хушбахтиро дар тинҷию оромии кишвар, хонаи обод, тани сиҳати фарзандон ва муҳити солими ҷои кор мебинам. Шахсе, ки дар чунин кишвари зебо умр ба сар бурда, тани сиҳату хонаи



ободу фарзандони солеҳ дошта бошад, аз ӯ хушбахтар касе дар ҷаҳон буда наметавонад.



***Малоҳат МИРЗОЕВА, ассистенти кафедраи математикаи олӣ.***

Ҳар як инсони комил пеш аз ҳама барои худ хушбахтиро мехоҳад, вале ҳар як шахс хушбахтиро дар ҳар чиз мебинад. Яке ба ҳадафи худ расидан, дигаре соҳиби чизе шуданро хушбахтӣ меномад. Бо итминони комил гуфта метавонам, ки хушбахтиро пеш аз ҳама дар осудагии диёр, хандаи беғами тифлакон ва доштани оилаи солим мебинам.



***Бахтиёр ШАФИЕВ, мутахассиси шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот.***

Хушбахтиро аслан дар оилаи солим мебинам. Агар оилаи солим ва якдигарфаҳмӣ бошад, фикр мекунам аз ҳама хушбахтии беҳтарин аст, чунки ҳар як шахс вақте бо табъи хуш ба хона меравад, ин нишонаи хушбахтист. Саломатии инсон низ хушбахтии бузург аст. Пул, мол ва саломатӣ дошта бошиву оилаат нооором бошад, ҳеҷ гоҳ хушбахт шуда наметавонӣ.

***Абдураззоқ ҲАКИМОВ, муовини декан оид ба таълими факултаи иқтисод ва идора.***

Хушбахтӣ аз ҳама чизи муҳим барои ҳар як фард маҳсуб мешавад. Ман хушбахтиро дар осудагии оила, ноил шудан ба комёбиҳои эҷодӣ, ҳидоят намудани ҷавонон ба роҳи рост ва шукуфоии Ватани азизамон мебинам. Агар оила осуда набошад, комёбиҳои илмию эҷодӣ ба назар нарасанд ва ҷавонон, киояндаи миллатанд, ба роҳи рост ҳидоят



нагарданд, зинҳор гулгуншукуфоии Ватан ба назар нахоҳад расид.



***Шаҳбози РУСТАМШОҲ, ҷонишини декан оид ба таълими факултати филологияи тоҷик ва журналистика.***

Доштани падару модар хушбахтии бузург аст. Хушбахт касе буда метавонад, ки тани сиҳат дорад ва дар Ватани сулҳу субот ва амниаташ тинҷу ором чун Тоҷикистон зиндагӣ мекунад. Хулоса, хушбахт касест, ки дӯстони зиёд ва самимӣ дорад.



***Адолат СИҶОАТОВА, коргузори шуъбаи дабирхона.***

Хушбахтӣ ин доштани тани сиҳат, хонаи обод, фарзандони солим, мулки тинҷу осуда, дониши баланд ва ҷои кори хуб аст. Инсон агар тани сиҳат дошта бошад, барои худ хушбахтиро таъмин карда метавонад. Агар тамоми бойгарии дунёро дар даст дошта бошиву танат сиҳат набошад, хушбахт буда наметавонӣ.



***Давлатбӣ ОДИНАЕВА, ҳуҷҷатгузори шуъбаи дабирхона.***

Андешаҳо оид ба хушбахтӣ гуногун аст, вале ман хушбахтиро пеш аз ҳама дар доштани тани сиҳат ва рӯҳу ҷони солим мебинам. Баъдан, тинҷию осудагии кишвар, ки Худованд онро барои мардуми шарифи Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзонӣ додааст, мебинам. Ҳамчун зан-модар хушбахтиро дар солимии фарзандон, хонаи обод ва муҳити хуби корӣ мебинам. Қайд кардан ба маврид аст, ки агар инсон тани солим дошта бошаду барои расидан ба мақсадҳои хуб ва қонеъ намудани талаботҳо аз рӯи инсоф ва росткорӣ меҳнат намояд, орзуҳояш амалӣ мешаванд.



***Маҳрамбӣ АКБАРОВА, ассистенти кафедраи риёзӣ-табиатшиносӣ ва методикаи таълими он.***

Мо, халқи тоҷик хушбахт аз он ҳастем, ки Пешвои муаззами миллат чун Эмомалӣ Раҳмонро дорем. Хушбахтиро дар сулҳу субот, фазои тинҷу осуда ва амнияти кишвар мебинам. Вақте ки меҳан ором аст, халқ осуда зиндагӣ мекунад, ҷавонон дар ҳама самтҳо ҳуқуқ ба таҳсил доранд, ин аллакай хушбахтист. Барои халқу миллати хеш зистан ин хушбахтист, аммо танҳо барои худ зистан бошад, ин нишонаи бадбахтист. Мо, ҳамеша бояд саъй кунем, ки барои халқу миллати хеш зиндагӣ кунем, на танҳо барои хеш. Ман ҳамчун омӯзгор дар он ҳолат хушбахт мешавам, ки шогирдам аз ман чизе омӯзад.



***Файзалӣ ТОИРОВ, ассистенти кафедраи фалсафа.***

Омилҳои хушбахтӣ зиёд ҳастанд. Доштани фазои сулҳу субот ва парафшонии парчами миллат, доштани Сарқонун ва қонунҳои сиёсию иҷтимоӣ ва меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои баробарӣ дар ҳама табақаҳои ҷомеа, сарфаҳм рафтани зиндагӣ дар ҳаёти имрӯза хушбахтӣ мебошад. Ман хушбахтиро дар он мебинам, ки ҳангоми дарс додан донишҷӯ маро хуб фаҳмад ва хуб қабул кунад. Инчунин, хушбахтиро дар хондани китоб ва тамошои филмҳои ҳуҷҷатӣ мебинам.

***Бахтовар ШАРИФОВ, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултаи омӯзгорӣ.***

Хушбахтии ҳар як шахс пеш аз ҳама дар саломатии ӯ мебошад. Ман хушбахтиро дар тинҷ будани Ватан, осуда будани миллату давлат, арҷ гузоштан ба арзишҳои муқаддаси миллат мебинам. Мутафаккири бузург Муҳаммад Ғазолӣ гуфтааст: "Ҳеҷ чизе арзанда-



тар аз огоҳӣ, ҳеҷ ганҷе шоистатару волотар аз хирад ва ҳеҷ ифтихоре ҷуз хештаншиносӣ нест".



***Дилшод БОЙМАТОВ, ассистенти кафедраи фалсафа.***

Баъзан одамонро мебинем, ки дар ҳолати танқисии иқтисодӣ қарор доранд, лекин лабонашон пур аз ханда аст. Агар мо аз таҳти дил хушбахтиро ба даст овардан хоҳем метавонем.

***Ғарқи ваҳдат бош, агар***
***осуда хоҳӣ зистан,***
***Моҳиёнро ҳарчи бошад,***
***ғайри дарё оташ аст.***

Ман хушбахтиро дар фазои орому осудаи оила ва ваҳдату ягонагии ватанамон мебинам. Шахс бояд хушбахтии худро худ ба даст биорад, на ин ки интизор шавад, то дигарон ӯро хушбахт созанд. Мардум хушбахтиро дар доштани зару ҷавоҳироти бисёр, хӯрданҳою нӯшиданиҳои бешумор ва ба воситаҳои савории гуногун медонанд. Хушбахтӣ дар пулу мол ва бойгарӣ нест.



***Ҷамшед РАШИДОВ, сармутахассиси раёсати таълим.***

***Умр агар хуш гузарад,***
***зиндагии Хизр кам аст,***
***В-арна ноҳуш гузарад,***
***ними нафас бисёр аст.***

Байти мазкур дар худ маънии амиқ дорад ва ба умқи ин маънӣ сарфаҳм рафтан аз одамият дониши саҳеҳу мукаммалро тақозо менамояд. Ҳар як инсон аз хурдӣ дар дил орзуи ҳаёти хушро мепарварад, вале баҳри расидан ба ин орзуҳо марҳилаҳои гуногунро паси сар менамояд, то ки ба орзуҳо ва ҳадафҳояш расад. Яке аз ин марҳилаҳои муҳими зиндагӣ бунёди оила мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки оила рукни асосии ҷомеа ба шумор рафта, устувории он дар заминаи муҳаббат, садоқат, иззату ҳурмат ва сабру тоқат имконпазир аст. Назар кардан бар гузашта қадаме ба ояндаи нек мебошад. Агар дар гузашта ғаму андӯҳ ва норасоиҳо бештар бошанд, ин мушкилҳоро оромона таҳлил кардан зарур меояд, аммо фаромӯш набояд кард, ки танҳо бо ёди гузашта зиндагӣ карда намешавад. Андешаҳои гузашта танҳо барои беҳтар намудани оянда лозим мегарданд. Барои ҳамин аз нигоҳи ман асоси хушбахтӣ дар оилаи солим зоҳир мегардад.

*Таҳия*
***Самариддин НАБИЗОД***
***Манучеҳр ЛАТИФОВ***

*Ҳолам чу дилам ба дафтари хеш навишт,*
*Мастона гаҳе ханда заду гоҳе гирист.*





## БЕҲРӮЗИ ХОҶАЗОДА: ЧЕМПИОН БАЪДИ 42 СОЛ

Аз 9 то 12-уми ноябри соли ҷорӣ мусобиқаи ҷаҳонии самбо байни 93 давлати дунё дар шаҳри Сочии Русия баргузор шуд. Дар ин сабқати ҷаҳонӣ варзишгари 22-солаи тоҷик Беҳрӯзи Хоҷазода нишони тиллоро дар вазни 74 кило аз они худ кард ва қаҳрамонии ҷаҳонпаҳлавон Саидмуъмин Раҳимовро баъди 42 сол такрор намуд.

Ба ин тартиб, варзишгарони тоҷик бо 5 нишон, як тилло ду нуқра ва ду биринҷӣ ба ватан баргаштанд ва мавҷи хушбахтиҳоро бо худ оварданд. Ғолибияти Беҳрӯзи ҷавон бар рақиби овозадору ботаҷрибаи беларусаш Степан Попов то дер боз дар хотири мардуми тоҷик нақш хоҳад баст.

Беҳрӯз, ки сокини ноҳияи Варзоб аст, аз синни 11-солагӣ ба гуштӣ машғул аст ва асосан зери раҳбарии мураббиаш Садриддин Обидов тамрин мекунад.

Дар рӯзи дувуми мусобиқот чаҳор паҳлавони тоҷик рақобат карданд. Ба ҷуз Беҳрӯзи Хоҷазода, Акмалиддин Каримов дар сабқати самбои варзишӣ дар вазни 57 килограм мақоми дувумро гирифт ва бо медали нуқра сарфароз гашт.

## МАНИЖА ВА ЁСУМАН



*Тошболтаева ва Ёсуман Исмонзода, ду тан аз толибилмони Маркази омӯзишии "Империяи дониш" ҳастанд, ки номашон чанд рӯзи охир вирди забонҳо гардидаасту ҳар як тоҷику тоҷикистонии меҳанпараст аз ин ду ҷавондухтар бо ифтихор ёдоварӣ мекунанд. Ҳатто Пешвои миллат зимни суханронӣ дар ҷамъомади тантанавие, ки ба муносибати азнавсозӣ ва ба истифода супоридани Боги фарҳангу фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гашта буд, аз пирӯзии ин ду ҷавондухтар дар озмуни "Кӯдакони нобиға" ("GeniusKid-2017")-и шабакаи телевизионии "Россия-1" бо самимияти хосса ёдоварӣ карда, эшонро мояи ифтихори мардуми Тоҷикистон номиданд.*

Пешвои миллат дар ин маросим аз боби ҳувияти миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ ҳарф зада, ғалабаи Ёсуман ва Манижаро дар чунин озмуни байналмилалӣ боиси ифтихор номиданд.

Бояд гуфт, ки Ёсуман Исмонзода ва Манижа Тошболтаева дар озмуни "Кӯдакони нобиға" ("GeniusKid-2017"), ки рӯзи 3-юми ноябр дар Москва оғоз ёфт, дар байни 250 ширкаткунанда аз 11 кишвар мақоми аввалро соҳиб шуданд. Ин ду духтари навраси тоҷик баъди намоиши истеъдодашон дар телевизиони давлатии Русия ба чеҳраҳои маъруф дар шабакаҳои иҷтимоӣ табдил ёфтанд.

Бар иловаи ҷоизаҳои моддие, ки ғолибони озмун мегиранд, Манижа барои ширкат дар марҳилаи баъдии озмуни "Арифметикаи зеҳнӣ" роҳхат гирифт, ки қарор аст, моҳи декабри имсол дар Африқои Ҷанубӣ баргузор шавад.

Манижа Тошболтаева дар ин барнома суръати мошини дар ҳоли ҳаракатро мушаххас гуфт ва бинандагонро дар ҳайрат гузошт. Ёсуман Исмонзода бошад, бо қобилияти фавқулода доварони барномаро шигифтзада кард: дар муддати камтар аз ду дақиқа 100 шумораи даҳӣ ва садиро бо пешниҳоди ҷавоби дуруст ҷамъу тарҳ кард.

Ёсуман Исмонзода хонандаи синфи 9 -и Литсейи равияи табиии риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст.

Дар озмуни "Кӯдакони нобиға" дар баробари Манижа ва Ёсуман 10 навраси дигар ҳам ширкат дошт ва дар маҷмуъ онҳо аз ин сабқат бо 13 медал баргаштанд.

Ёсуман ва Манижа дар гузаштаи на чандон дур аз фанни риёзӣ мушкил доштанд. Баъзан ҳалли мисолу масъалаҳо ҳам барояшон бо ашкрезӣ анҷом меёфт. Як соли ахир зиндагии онҳо тағйир кард. Ёсуман Исмонзода, ҳоло соҳиби 7 медали тилло аст.

**Бахшида ба Соли ҷавонон**

## ДУ КАШФИЁТИ ҶАҲОНИИ ХИМИКИ ҶАВОНИ ТОҶИК



Махсуд Саидаминов аз ноҳияи Исфара мебошад ва ҳамагӣ 29 сол дорад. Бо ду кашфиёти нодираш дар илми химия дар доираҳои илмии ҷаҳонӣ ҳамчун як олими оянддор эътироф шудааст. Махсуд Саидаминов, ки ҳоло дар Донишгоҳи Торонтои Канада кор мекунад, аз ангуштшумор олимони тоҷик аст, ки мақолаҳои илмиаш дар маҷаллаҳои мӯътабари "Nature" ва "American Chemical Society" чоп шудаанд.

Махсуд Саидаминов, олими ҷавони тоҷик дастпарвари литсейи маърӯфи Абдулҳафиз Азизов, хушномтарин устоди фанни химия дар Тоҷикистон мебошад.

Махсуд Саидаминов бо вуҷуди ҷавониаш алакай дар доираҳои ҷаҳонии илми химия як олими ҷавони умедбахш дониста мешавад. Ӯ бо беш аз 40 гурӯҳи илмии пешқадами байналмилалӣ, аз ҷумла, бо гурӯҳҳои илмии донишгоҳҳои Оксфорд, Нотрдам, Торонто, MIT (ИМА), ETH (Сюрих, Шветсария) ҳамкориҳои зич дорад. Сабаби чунин таваҷҷӯҳ ба ин олими тоҷик кашфиётҳои илмии ӯст.

Махсуд Саидаминов нахустин шуда ҳалшавии барьакси перовскитҳоро дар маҳлулкунандаҳои гуногун муайян кард ва дар асоси ин кашфиёт роҳи ҷадиди кристалликунонии перовскитҳоро кашф кард. Ин кашфиёт, ки барои такмили батареяҳои офтобӣ муҳим аст, ҳоло аз ҷониби гурӯҳҳои илмии пешқадами дунё истифода мешавад.

Кашфиёти дигари ин олими ҷавони тоҷик сорбенти магнитии нафт аст, ки дар ҷамъоварии маводи нафтии дар пайи садамаҳо ба дарёву кӯл ва баҳру уқёнус рехта зарур мебошад. Як грамм сорбенти кашфкардаи Махсуд Саидаминов барои аз об ҷудо кардани то 80 грамм нафт кофист. Ин кашфиёт бахусус дар пасманзари фалокатҳои экологие, ки ҳангоми истихроҷи нафт аз умқи баҳру уқёнус зиёд рух медиҳанд, аҳамияти зиёд касб мекунад.

Махсуд Саидаминов ҳоло аз ҳамроҳи ҳамсараш Нозанин ва писараш Амир дар шаҳри Торонтои Канада зиндагӣ мекунад, чунки дар ибтидои соли 2017 барои кор дар Донишгоҳи Торонто даъват шуд. Ҳукумати Канада имсол аз байни беш аз 1000 довталаб ин олими ҷавони тоҷикро дар қатори 23 олими ҷавони дунё бо ҷоиза дар доираҳои илми мӯътабари Бантинг сарфароз гардонд.

Махсуд Саидаминов 23 марти соли 1988 дар оилаи олими шинохта профессор Исматбой Саидаминов ба дунё омада, соли 2005 литсейи рақами яки шаҳри Исфараро, ки бо номи Литсейи Абдулҳафиз Азизов машҳур аст, бо медали тилло хатм кардааст.

Махсуд Саидаминов дар солҳои таҳсил дар литсейи Азизов се дафъа - солҳои 2003-2005 - дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ аз фанни химия медали тилло ба даст оварда, соли 2005 дар олимпиадаи байналмилалии Менделеев соҳиби ҷои сеюм ва медали биринҷӣ шуда буд. Ба ин далел, ба Махсуд Саидаминов соли 2005 Стипендияи президентӣ доданд.

Махсуд Саидаминов соли 2005 ба факултаи химияи Донишгоҳи давлатии Маскав дохил шуда, соли 2010 ин донишгоҳро низ бо дипломи сурх хатм кард ва дар ҳамин ҷо рисолаи номзадиашро ҳимоя кард. Ӯ ҳангоми таҳсил дар Маскав низ сазовори стипендияи президенти Русия шуда буд.

Махсуд Саидаминов солҳои 2013-2016 дар Донишгоҳи илмӣ-технологии ба номи Малик Абдуллоҳи кишвари Арабистони Саудӣ ҳамчун "Postdoc"-докторант фаъолият дошт. Аз моҳи январи соли 2017 дар Донишгоҳи Торонтои Канада, яке аз мактабҳои олии мӯътабари дунё ба ҳайси корманди илмӣ ба кор пардохтааст.

*Бознашр аз нашрияи "Насими Исфара"*

*Дили ман дар таҳаммул беназир аст,*
*Наменолад, агарчанде асир аст...*

Анвори дониш
№11 (263) 4 декабри 2017

# МУНОСИБАТ БА ИЛМ БОЯД



*Сафарализода Хуҷамурод ҚУДДУСӢ, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашри Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**(Талабот оид ба таҳияи мақолаи илмӣ)**

Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи маҷаллаҳои илмӣ ба системаҳои индексатсионии замони муосир хеле афзун гардида истодааст. Ҳамзамон қисми зиёди онҳо барои ворид гардидан ба системаҳои мазкур кӯшиш намуда истодаанд ва бо ин мақсад онҳо ба таври ҷиддӣ омодагӣ мебинанд. Чунин таваҷҷуҳи хос ба он хотир мебошад, ки баъди ворид гардидани маҷаллаи илмӣ ба системаҳои мазкур маҷалла обрӯ ва нуфузи баландтареро соҳиб мегардад. Зеро системаҳои мазкур нисбат ба маҷаллаҳои илмӣ талаботеро ҷорӣ намудаанд, ки онҳо барои беҳтар намудани сифати маводи чопӣ, баланд бардоштани илмияти мақолаҳо ва нигоҳ доштани обрӯ ва эътибори илм равона гардидаанд. Бинобар ин, маҷаллаҳое метавонанд ба системаҳои мазкур ворид гарданд, ки агар ба талаботи онҳо ҷавобгӯ бошанд. Инчунин талаботи ҷоринамудаи системаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки сифати мақолаҳои илмӣ низ баланд бардошта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба таври мушаххас пешкаши хонандагон ва муҳаққиқон гардонида шаванд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун маркази омода намудани кадрҳои илмию омӯзгорӣ ба пешбурди фаъолияти илмии аспирантону унвонҷӯён ва ҳайати устодони худ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Бо ин мақсад барои беҳтару хубтар намудани муҳтавои илмии маҷаллаҳои илмии донишгоҳ ва марҳила ба марҳила ба системаҳои мазкур ворид намудани онҳо чораҷӯӣ намуда истодааст. Ин аст, ки айни замон маҷаллаҳои илмии "Паёми ДМТ" дар системаи Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид гардида, аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Русия ҳамчун маҷаллаҳои илмии тақризшаванда эътироф гардидаанд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани мавқеи илм ва хубтару беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти илмии хеш дар марҳилаҳои навбатии пешбурди фаъолияти илмӣ барои ворид намудани маҷаллаҳои илмӣ ба системаҳои индексатсионии дигар, ба монанди "Scopus", "Web of Science", "Springer" ва "GeoRef" қадамҳои устувор гузошта истодааст. Аммо таҳлили маҷаллаҳои ба ин системаҳо воридгардида ва омӯзиши талаботи системаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам маҷаллаҳои мамлакат ба таври бояду шояд ба талаботи онҳо ҷавобгӯ нестанд. Аз ҷумла, маҷаллаҳои илмии донишгоҳ барои ворид гардидан ба системаҳои мазкур як қатор стандартҳои байналмиллалии соҳаи илмро бояд ба инобат гирад ва минбаъд таҳияи маводи илмиро бо назардошти онҳо амалӣ созад. Бо ин мақсад Раёсати донишгоҳ ва Маркази табъу нашр барои қабули мақолаҳои илмӣ аз оғози соли 2018 талаботи нав ҷорӣ менамояд. Аз ин рӯ, дар ин шумораи рӯзномаи "Ба қуллаҳои дониш" тасмим гирифтем ба муаллифони мақолаҳои илмӣ талаботи таҳияи мақолаи илмиро ёдоварӣ намоем. Зеро талаботи ҷадид маҳз бо назардошти меъёрҳои мазкур ва бо мақсади беҳтару хубтар намудани сифати мақолаҳои илмӣ амалӣ мегарданд.

Мақолаи илмӣ ҳамчун маводи чопӣ ва натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар асоси талаботи мушаххас таҳия мегардад ва он одатан аз чунин унсурҳои таркибӣ бояд иборат бошад:

- аннотатсия ё худ фишурдаи мақола (аз 25 то 30 сатр);
- калидвожаҳо (аз 7 то 10 ибора ва ё мафҳумҳои калидӣ);
- муқаддима ва ё пешгуфтор (1 ё 2 саҳифа);
- қисми асосӣ (аз 5 то 7 саҳифа);
- хулоса ва пешниҳодҳо (1 ё 2 саҳифа);
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (аз 10 то 20 номгӯи адабиёти илмӣ).
- маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон).

| | |
|---|---|
| ***– Унвони мақола***<br>***– Аннотатсия***<br>***– Калидвожаҳо*** | *Ҳангоми таҳияи ин қисми мақола бояд дар назар дошт, ки дар системаҳои индексатсионӣ номи мақола, аннотатсияи пурмуҳтаво ва калидвожаҳои дуруст имкон медиҳанд, ки мақолаи шуморо дигарон иқтибос оваранд. Бинобар ин ҳангоми таҳияи онҳо се меъёр бояд ба инобат гирифта шаванд: мазмуни зиёд, диққатҷалбкунанда будани масъала ва таҳқиқоти бонатиҷа)* |
| ***– Матни мақола (IMRAD):***<br>***I - Introduction – муқаддима;***<br>***M- Methods – усулҳои таҳқиқот;***<br>***R- Reluts – натиҷаҳои таҳқиқот;***<br>***A -and – ва...***<br>***D-Discussion – муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот.*** | *Дар шароите, ки дастрасии одамон ба шумораи зиёди маҷаллаҳо имконпазир гардидаанд, хонанда барои мутолиаи мақолаҳои калонҳаҷм наметавонад вақти пурқимати худро сарф намояд. Бинобар ин, муаллифон бояд кӯтоҳбаёнию мухтасарбаёниро самаранок истифода намоянд.* |
| ***–Рӯйхати адабиёти истифодашуда***<br>***–Маълумот дар бораи муаллифон*** | *Масъулияти муаллиф ва шахсияти муаллиф бояд муайян карда шавад.* |

### Аннотатсия

Аннотатсияи мақолаи илмӣ одатан фишурдаи ин навъи маводи чопӣ мебошад. Муаллиф бояд ба воситаи аннотатсияи мақолаи худ хонандагонро бо муҳтавои мақола шинос намояд. Бинобар ин, дар аннотатсияи мақола идеяҳои асосии он муайяну мушаххас гардонида шуда, дар алоқамандии якдигар нишон дода мешаванд. Аннотатсия ҳамчун ифодагари муҳтавои асосии мақола бояд чунин масъалаҳоро фаро гирад: аҳамияти омӯзиши ин ё он масъала, идеяи марказии мақола, масъалагузории муаллиф, роҳҳои ҳалли масъала, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф. Ҳар кадоме аз ин қисмҳои аннотатсия бояд бо як ё ду ҷумла баён карда шаванд. Аз ин рӯ, омода намудани аннотатсия аз муаллиф мушаххасбаёнию қобилияти хулосарониро талаб менамояд. Гузашта аз ин, ба воситаи аннотатсияи мақола масъулиятшиносию қобилиятнокии ин ё он муаллифро муайян намудан мумкин аст.

Ҳангоми омода намудани аннотатсия истифодаи ибораҳои маъмули шарҳдиҳанда, аз қабили ибораҳои "мавриди баррасӣ қарор додан", "мавриди омӯзиш қарор додан", "таҳлилу таҳқиқ намудан", "асоснок кардан ё асоснок гардидан", "пешниҳод намудан ё пешниҳод гардидан", "дар асоси таҳлили муқоисавӣ чизеро мушаххас намудан" ва монанди инҳо хеле муҳим мебошад. Ҳангоми таҳияи аннотатсия муаллиф бояд кӯшиш намояд, ки факту далелҳои мушаххас ва ҷумлаҳои шарҳдиҳандаро истифода набарад.

Қобили зикр аст, ки дар Тоҷикистон аксари муаллифон аннотатсияро бо ду ё се ҷумла таҳия менамоянд. Шояд баъзеҳо ба воситаи се ҷумла моҳияти мақолаи худро ифода карда тавонанд. Аммо агар аннотатсия бо назардошти талаботи асосии худ каме пурмуҳтаво ва дар ҳаҷми 20-25 сатр омода гардад, муҳаққиқони давлатҳои гуногун бо истифода аз системаҳои индексатсионӣ метавонанд бо муҳтавои мақолаҳои илмии ин муаллифон шинос гардида, мақолаҳои онҳоро иқтибос оваранд, ки чунин ҳолат ҳам барои нуфузи илмии муаллиф ва ҳам барои баланд гардидани нуфузи маҷаллаи илмӣ хеле аҳамиятнок мебошад. Ин аст, ки муҳаққиқони хориҷӣ маводи чопии муаллифони моро иқтибос намеоранд. Яъне, онҳо аз муҳтавои таҳқиқоти мо бехабар мемонанд.

Бояд ёддовар шуд, ки тахминан 100-150 сол пеш одамон бинобар сабаби ҳанӯз рушд накардани соҳаиноширӣ қариб, ки барои мутолиа намудан маводи чопӣ пайдо карда наметавонистанд. Имрӯз бошад, иттилоот ва соҳаи дониш чунон рушд намудааст, ки одамон дигар намедонанд чиро мутолиа намоянд. Дар шароити кунунӣ одамон то охири умр маводи чопии як шохаи илмро пурра мутолиа карда наметавонанд. Махсусан, шумораи мақолаҳои илмӣ он қадар зиёд гардидааст, ки мутолиа намудани онҳо вақти хеле зиёдро талаб менамояд. Аз ин рӯ, бо назардошти чунин вазъият ду даҳсола пеш олимон дар баробари омода намудани мақолаи илмӣ инчунин таҳияи фишурдаи онро дар шакли аннотатсия тавсия намудаанд. Хонанда агар барои мутолиаи мақола як соат сарф намояд, барои мутолиаи фишурдаи мақола ҳамагӣ 5 ё 10 дақиқа сарф менамояду бо муҳтавои мақола шинос мегардад. Агар муҳтавои мақола ба самти таҳқиқоти илмии ӯ мувофиқ бошад, онро пурра мутолиа менамояд, агар не вақти пурқимати худро барои хондани мақолаи ғайритахассусӣ сарф намекунад. Бинобар ин, таҳия намудани аннотатсияи пурмуҳтаво аллакай аз талабот дида ба яке аз меъёрҳои ахлоқии соҳаи илм табдил ёфтааст. Яъне, агар мо аннотатсияи пурмуҳтаво тартиб диҳем, ба хонанда имкон медиҳем, ки дар як муддати кӯтоҳ бо муҳтавои мақолаҳои зиёд шинос шавад ва маводи мавриди назари худро пайдо намуда мутолиа намояд.

Бояд гуфт, ки айни замон барои маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матни аннотатсияро асосан бо се забон омода менамоянд (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия бошад, аннотатсияи русӣ ва англисиро ҳатмӣ медонад. Воқеан, бо забонҳои русӣ ва англисӣ омода намудани матни аннотатсия ҳатмӣ мебошад. Зеро, бе онҳо аввал ин ки маҷаллаи илмӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Русия эътироф намегардад, дувум ин ки бе аннотатсияи русию англисӣ ворид намудани маҷаллаи илмӣ ба системаҳои индексатсионӣ ғайриимкон аст. Ҳар қадаре ки аннотатсияи мақолаҳо пурмуҳтаво, босифат ва бо талаботи таҳияи ин қисми мақола омода гардида бошад, ҳамон қадар имконияти иқтибосоварии мақолаҳои мазкур зиёд мегардад. Гузашта аз ин, омода намудани аннотатсияи пурмуҳтаво ва босифат яке аз талаботҳои асосии системаҳои индексатсионӣ мебошад.

### Калидвожаҳо

Инчунин, барои мақолаи илмӣ омода намудани калидвожаҳо низ зарур аст. Калидвожаҳо мафҳумҳое мебошанд, ки онҳо ифодагари идеяҳо ва масъалаҳои марказии мақола ҳастанд. Одатан, дар мақолаи илмӣ аз 7 то 10 калидвожа нишон додан ҷоиз аст. Баъзе муаллифон шояд аз худ пурсанд, ки ҳамин калидвожаҳо барои чӣ лозиманд. Посух ба ин савол чунин аст: калидвожаҳо барои системаҳои индексатсионӣ омода карда мешаванд. Дар системаҳои индексатсионӣ ҳангоми ҷустуҷӯи ин ё он масъала ба воситаи калидвожаҳо мақолаҳои зарурӣ пайдо мегарданд. Масалан, РИНС, Scopus ва монанди инҳо ба ин гуна системаҳои индексатсионӣ мисол шуда метавонад. Бо назардошти ин, омода намудани калидвожаҳо ба забони тоҷикӣ ҳеҷ аҳамиятеро бархӯрдор нест. Зеро дар Тоҷикистон системаи индексатсионии тоҷикӣ вуҷуд надорад. Аммо таҳияи калидвожаҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ ҳатмӣ мебошад. Зеро маҷаллаҳои илмӣ маводи нашрии худро ба системаҳои гуногуни индексатсионии русзабон ва англисзабон ворид менамоянд.

### Муқаддимаи мақола

Дар оғози мақола муаллиф бояд аҳамият ва муҳиммияти масъалаи омӯзиширо асоснок намояд. Инчунин, дар ин қисми мақола мақсади муаллиф ва вазифаҳои ӯ барои хонанда бояд мушаххас бошад. Аҳамияти омӯзиши масъала дараҷаи муҳиммияти онро нишон медиҳад, ки айни замон ва дар шароити мушаххас бояд бо роҳҳои самаранок ҳаллу фасл карда шавад. Сатҳу сифати ин қисми мақола аз қобилияти масъалагузорӣ карда тавонистани муаллиф вобаста мебошад. Бояд хонанда аз мутолиаи ин қисми мақола эҳсос намояд, ки масъалаи матраҳшаванда на танҳо ба омӯзиш, балки ба ҳалли оқилонаи худ ниёз дорад. Инчунин, муаллиф дар ин қисми мақола метавонад навоварии худро низ нишон диҳад. Чунин амал бо роҳи муқоисаи корҳои то ин дам мавҷудбуда ва аз ҷониби дигарон анҷомдодашуда роҳандозӣ мегардад.

### Қисми асосии мақола

Муаллифон ҳангоми таҳияи матни асосии мақола, ки он ҷавҳари мақоларо ташкил медиҳад, бояд чунин амалҳоро иҷро намоянд: а) таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмие, ки ба мавзӯи омӯзишӣ дахл доранд; б) ба вуҷуд овардани фарзияи таҳқиқот; в) анҷом додани таҳқиқи масъалаи марказӣ ва ба вуҷуд овардани натиҷаҳои таҳқиқот; г) мушаххас гардонидани натиҷаҳои таҳқиқот ва шарҳи онҳо; д) ташаккул додани тавсияҳои амалӣ. Ҳангоми таҳияи ин қисми мақола бояд доимо мақсади таҳқиқот ба инобат гирифта шавад ва ҳар далелу мадраки таҳлилшаванда бо идеяи марказии мақола алоқаманд гардонида шавад.

Номи мақола унсури асосии он ба шумор меравад. Номи мақола бояд мундариҷаи маводро ифода намояд. Бинобар ин, аксари муҳаққиқон баъди анҷоми таҳқиқот номи мақоларо бо мундариҷаи он мувофиқ мегардонанд.

### Хулоса ва пешниҳодҳо

Дар хулосаи мақолаи илмӣ ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шуда, дар кадом соҳаи фаъолият истифода гардидани он асоснок карда мешавад. Дар ин қисми мақола муаллиф метавонад, пеш аз ҳама, ба муҳаққиқони ин масъала тавсияҳои илмию назариявӣ пешниҳод намояд. Инчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалӣ низ, дар ин қисми мақола нишон дода мешаванд.

Дар мақолаҳое, ки натиҷаи таҳқиқоти тӯлонӣ ва дар асоси озмоишҳои лабораторӣ омода гардидаанд, нишон додани хулосаҳои таҳқиқот ҳатмӣ мебошад.

# ҶИДДӢ БОШАД!

Аммо дар маҷмӯъ, хулосаи масъалаи таҳқиқшаванда бояд ба таври фишурда натиҷагирӣ карда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки дар матни мақола худи ибораҳои "муқаддимаи мақола", "қисми асосии мақола" ва "хулоса ва пешниҳодҳо" навишта намешаванд, балки бо назардошти онҳо баррасии масъала бо тартиби муайян баён мегардад.

### Рӯйхати адабиёти истифодашуда

Рӯйхати адабиёти истифодашуда яке аз қисмҳои ҳатмии мақолаи илмӣ мебошад. Дар рӯйхати мазкур танҳо номгӯи сарчашмаҳое ҷойгир карда мешаванд, ки онҳо дар ҳақиқат дар раванди таҳқиқот истифода гардидаанд. Рӯйхати адабиёт, одатан, баъди матни мақола ҷойгир карда мешавад. Мушоҳидаи рӯйхати адабиёт имкон медиҳад, ки мазмуни илмию назариявии мақола муайян карда шавад. Инчунин, ба воситаи рӯйхати адабиёт мавқеи илмии муаллифро низ муайян намудан мумкин аст.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда дар асоси талаботи мушаххаси стандартҳои давлатӣ таҳия мегардад. Ҳар як навъи маводи чопӣ дар асоси қоидаҳои мушаххас нишон дода мешавад. Масъулони таҳияи ҳар як маҷаллаи илмӣ бо назардошти талаботи амалкунанда барои муаллифон намунаи омода намудани рӯйхати адабиётро пешниҳод менамоянд ва муаллифон бояд дар асоси талаботи тавсияшуда рӯйхати адабиёти истифоданамудаашонро таҳия намоянд.

Бояд таъкид намуд, ки мақолаи илмӣ дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводи илмӣ омода ва ба нашр пешниҳод карда мешавад. Мувофиқи муқаррароти стандартҳои давлатӣ ба маводи илмӣ чунин навъи корҳои илмиро дохил менамоянд: монография, мақолаи илмӣ, мақолаи маҷмӯаҳои илмӣ, маводи конференсия, фишурдаи маърузаҳои конференсияи илмӣ, диссертатсия (рисолаи илмӣ) ва автореферати диссертатсия. Бо назардошти навъҳои мухталифи маводи илмӣ дар рӯйхати адабиёт низ 70-80% адабиёти истифодашударо маводи илмӣ бояд ташкил диҳад. Аммо дар амалия мақолаи илмиеро дидан мумкин аст, ки дар он ҳатто ягон маводи илмӣ истифода нашудааст. Айни замон як қатор маҷаллаҳои илмӣ аз муаллифон талаб менамоянд, ки аз мақолаҳои илмие истифода намоянд, ки онҳо дар системаҳои индексатсионӣ ворид гардидаанд. Махсусан, маҷаллаҳое, ки дар оянда мақсади ба Scopus ва Web of Science ворид шуданро доранд, ба муаллифони мақолаҳо тавсия менамоянд, ки аз мақолаҳои дар ин системаҳо воридшуда ба таври ҳатмӣ истифода намоянд. Зеро ҳангоми ворид шудан ба системаҳои номбаршуда нишондодҳои мазкур ҳамчун нишонаи баланд будани сифати илмии маводҳои маҷалла ба инобат гирифта мешаванд.

Бояд хотирнишон намуд, ки дар ҳеҷ яке аз стандартҳои давлатӣ шумораи адабиёти истифодашуда барои мақолаи илмӣ таъкид нагардидааст. Аммо таҳлили таҷрибаи омода намудани мақолаҳои илмии маҷаллаҳои илмии номдор нишон медиҳад, ки дар раванди омода намудани мақолаи илмӣ на камтар аз 10 ва на бештар аз 20-25 адабиёти илмӣ бояд истифода бурда шавад. Аммо дар тафсирҳои илмӣ (мақолаҳои обзорӣ) истифодаи зиёда аз 50-80 адабиёти илмӣ низ иҷозат дода мешавад. Инчунин, мақолаи илмӣ бояд дар асоси таҳлилу омӯзиши адабиёти илмии 5-8 соли охир омода карда шавад. Истифодаи адабиёти илмии 20-30 сол пеш чопшуда дар баъзе ҳолатҳои зарурӣ ва танҳо дар шароити мушаххас (масалан, ҳангоми таҳлили ягон давраи таърихӣ) қобили қабул аст.

Дар мақолаи илмӣ ҳеҷ гоҳ адабиёти истифодашударо дар поварақ нишон намедиҳанд. Дар поварақ нишон додани адабиёти истифодашуда хосси китобҳои илмӣ ва рисолаҳои илмӣ мебошад. Дар мақолаи илмӣ ҳангоми иқтибосоварӣ рақами тартибии адабиёт, ки дар рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷойгир карда шудааст, дар дохили қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода мешавад. Инчунин, дар дохили қавси чаҳоркунҷа дар баробари рақами тартибии адабиёт дар аксар маврид саҳифаи мушаххаси маводи истифодашуда низ нишон дода мешавад. Намунаи истифодаи адабиёти иқтибосовардашуда дар дохили матн чунин аст: [4, с.125] Яъне, адабиёти №4, саҳифаи 125.

Дар рӯйхати адабиёт нишон додани саҳифаи умумии китоб ҳатмӣ мебошад. Баъзеҳо дар рӯйхати адабиёт саҳифаи истифодашудаи китобро нишон медиҳанд, ки ин хато аст. Саҳифаи мушаххас танҳо дар дохили матн ҳангоми иқтибосоварӣ нишон дода мешавад.

Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда ҳеҷ гоҳ як адабиёт ду маротиба нишон дода намешавад. Инчунин, навиштани иборҳои "Ҳамон ҷо", "Ҳамон асар", "Там же", "Он же" ва монанди инҳо низ, дар рӯйхати адабиёт ҷоиз нест. Дар рӯйхати адабиёт як сарчашма як бор нишон дода мешавад ва дар дохили матн, ҳар кучое, ки истифода бурда шавад, ишора ба рақами тартибии он карда мешавад.

Аз рӯи талаботи стандартҳои аврупоӣ дар рӯйхати адабиёт баъди нишон додани маводи истифодашуда рақамҳои DOI низ нишон дода мешавад. Барои мисол:

Богатов В.В. Формирование институтов социальной помощи в России / В.В.Богатов // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: история и политические науки. - 2017. -№3. -С.106-114. DOI: 10.18384/2310-676X-2017-3-106-114

DOI - digital object identifier (муайянкунандаи маводҳои электронӣ ва рақамӣ). Нишон додани рақами DOI дар рӯйхати адабиёт маънои онро дорад, ки ҳар як нафари завқманд адабиёти мазкурро ба осонӣ пайдо карда, мутолиа менамояд. Ба воситаи рақами DOI дар сомонаи http://doi.org ба осонӣ пайдо намудани маводи зарурӣ хеле созгор мебошад. Нишон додани рақами DOI дар давлатҳои ғарбӣ яке аз талаботи ҳатмии таҳияи рӯйхати адабиёти истифодашуда мебошад. Аммо дар давлатҳои пасошӯравӣ он қадар ҳатмӣ нест. Зеро 99% маҷаллаҳо ва дигар навъи маводи чопӣ ҳанӯз дар системаи мазкур сабти ном нашудаанд ва DOI надоранд. Аммо гуфтан мумкин аст, ки дар ояндаи наздик нишон додани DOI ба яке аз талаботҳои муҳимми таҳияи рӯйхати адабиёт табдил меёбад. Бинобар ин, ҳангоми истифодаи маводи маҷаллаҳое, ки DOI доранд, нишон додани рақами он хеле аҳамиятнок аст. Зеро бо нишон додани рақами DOI мо кори хонандагон ва муҳаққиқонро хеле осон менамоем ва онҳо дар баробари мутолиаи мақолаи шумо, инчунин, имкон пайдо менамоянд, ки адабиёти истифоданамудаи шуморо низ дастрас ва мутолиа намоянд.

Дар охири мақола дар бораи муаллиф (муаллифон) маълумот дода мешавад. Ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонем, ки дар ин қисми мақола онҳо ба тартиби навиштани ному насаби худ диққати махсус диҳанд. Кӯшиш намоянд, ки бо тартиби ному насабе, ки дар РИНС ба қайд гирифта шудаанд, мақола чоп намоянд. Масалан, агар дар РИНС Шарипов Диловар Шарипович бошаду, дар мақола Диловар Шарипов нависад, баъди чопи мақола дар РИНС онро дар номи худ пайваст карда наметавонад. Махсусан, риояи чунин талабот хоси Тоҷикистон мебошад. Зеро мардуми Тоҷикистон бинобар сабаби шоиртабиат буданашон дар аксар маврид ному насаби худро ба таври гуногун, яъне пешу қафо менависанд.

Ғайр аз ному насаб, инчунин, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ (агар дошта бошад), номи муассисае, ки муаллиф дар он кор мекунад, вазифаи ишғолнамудаи муаллиф, нишонии ҷойи кори ӯ, почтаи электронии муаллиф низ бояд нишон дода шавад. Яъне, хонанда бояд донад, ки мақолаи киро хонда истодааст. Баъзан дар амалияи илмӣ ва ҳангоми таҳияи маводи чопӣ дида мешавад, ки дотсентон ва ё профессорон мақолаҳои магистрантон ё аспирантонро иқтибос меоранд. Аммо вазъият бояд баръакс бошад. Маълумоти мукаммал дар бораи муаллиф имкон медиҳад, ки мавқеи илмии муаллифон ва дар кадом зинаи илм қарор доштани онҳо муайян карда шавад.

### Якчанд сухан дар бораи маҷаллаҳои тақризшавандаи замони муосир

Маҷаллаҳои илмии тақризшаванда маҷаллаҳое мебошанд, ки дар онҳо мақолаҳои илмӣ тибқи талаботи мушаххас омода гардида, баъди ташхиси муқарризи соҳаи илми мушаххас ва бо тавсияи ҳайати таҳририя ба нашр мерасанд. Дар маҷаллаи илмии тақризшавандае, ки тибқи талаботи ин навъи маҷалла амал менамояд, тахминан 30 % маводи ба чоп пешниҳодшуда бо сабабҳои гуногун ба муаллифонашон баргардонида мешаванд ва ба онҳо нисбати чопи маводашон баъзан ҷавоби рад медиҳанд. Сабабҳои рад гардидани мақолаи пешниҳодшуда одатан чунинанд:

1) агар дар матни мақола бе нишон додани сарчашмаи мавод муаллиф маводҳои бегонаро истифода намуда бошад (муайян гардидани плагиат);

2) агар мазмуни мақола бо самти илмии маҷалла мувофиқат нанамояд (айни замон маҷаллаҳои илмӣ аз рӯи се соҳаи илм ё панҷ гурӯҳи ихтисосҳо мақолаи илмӣ чоп менамоянд);

3) агар муқарриз ба илмияти мақола ва услуби нигориши муаллиф баҳои манфӣ дода бошад (баъзеҳо мақолаи илмиро ба мисли мақолаи оммавӣ таҳия менамоянд);

4) агар маводи барои чоп пешниҳодшуда дар маҷаллаи дигар чоп гардида бошад (баъзеҳо унвони як маводро тағйир дода, дар чанд маҷалла чоп менамоянд);

5) агар дар мақолаи илмӣ шумораи зарурии адабиёти илмӣ истифода нагардида бошад (баъзе мақолаҳои илмиеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳатто ягон адабиёти илмӣ надоранд).

6) дар маҷаллаҳои илмии сатҳи ҷаҳонӣ риоя нагардидани талаботи "Имрад" сабаби рад гардидани мақола мегардад.

### Сухане чанд дар бораи стандарти "Имрад"

Бояд гуфт, ки дар миёни олимону муҳаққиқони сатҳи байналхалқӣ ҳангоми таҳияи мақолаи илмӣ стандарти "Имрад" (IMRAD) истифода мегардад. "Имрад" (IMRAD) ҳамчун стандарти таҳияи мақолаи илмӣ аз номи панҷ меъёри таҳияи мақолаи илмӣ пайдо гардидааст, ки онро ба таври зерин маънидод менамоянд:

I - Introduction - муқаддима;

M- Methods - усулҳои таҳқиқот;

R- Results - натиҷаҳои таҳқиқот;

A-and - ва...

D-Discussion - муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот.

"Introduction" чун анъана муқаддимаи мақола ба шумор рафта, дар ин қисми мақола сухан дар атрофи мақсади таҳқиқот ва сабабҳои интихоби мавзӯъ меравад, ки дар ин ҷо асоснок намудани муҳимияти омӯзиши масъала хеле зарур дониста мешавад.

"Methods" яке аз қисмҳои навбатии мақола ба шумор рафта, мувофиқи талаботи он истифодаи усулҳои таҳқиқот ба самаранокии онҳо дар самти омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда нишон дода мешаванд. Муаллифон дар матни мақола номи методҳои таҳқиқотиро ёддоварӣ наменамоянд, аммо ҳангоми навиштани ин қисми мақола принсипҳои илмӣ ва меъёрҳои илмиро бояд ба инобат гиранд.

"Results" қисми муҳимми мақола ба шумор рафта, дар он ба таври мушаххас ва мухтасар нишон дода мешавад, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур моҳият ва хусусиятҳои кадом масъалаҳо равшан гардонида шудаанд. Инчунин, дар ин қисми мақолаи илмӣ муаллифон метавонанд мавқеи худро нисбат ба масъалаи омӯзишӣ бо андешаҳои шахсӣ баён намоянд.

"Discussion" қисми ҷамъбастии мақола ба шумор рафта, одатан тибқи талаботи он муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада ва масъалаҳои омӯхташуда хулосаронӣ карда мешаванд. Баъзан, ин қисми мақола бо қисми пештара метавонад омезиш ёбад.

Инчунин, номи мақола, аннотатсия, калидвожаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва маълумот дар бораи муаллифон низ ба маводи таҳқиқотӣ бояд илова карда шаванд, ки дар натиҷа сохтори мақолаи илмӣ чунин зоҳир мегардад:

### Сохтори мукаммали мақолаи илмӣ мутобиқи талаботи стандарти ИМРАД (IMRAD)

Аксари маҷаллаҳои илмии аврупоӣ ва амрикоӣ ба таври қатъӣ аз муаллифон риояи меъёрҳои ИМРАД-ро талаб менамоянд. Меъёрҳои Имрад на танҳо ифодагари сохтори мушаххаси мақолаи илмӣ мебошанд, балки дар заминаи услуби илмӣ омода намудани мақолаи илмиро низ талаб менамоянд. Дар заминаи меъёрҳои ИМРАД сохтори мантиқии матни илмӣ ташаккул дода мешавад. Масалан, мутобиқи пешниҳоди стандарти ИМРАД асоси ҳар як матни илмиро идеяи марказие ташкил медиҳад, ки асоснок намудани он хеле муҳим мебошад. Дурустии идеяи мазкур ба воситаи далелҳои мушаххас исбот карда мешавад. Дар охири матн дар асосии таҳлили илмӣ ва таҳқиқоти анҷомёфта баҳогузории масъала анҷом дода мешавад. Махсусан, дар фишурдаи мақола, ки онро дар шакли "резюме" омода менамоянд, ҳатман, идеяи марказии мақола бояд нишон дода шавад. То ҷойе, ки аз фаъолияти маҷаллаҳои илмии сатҳи ҷаҳонӣ огоҳӣ пайдо намудем, муқарризон мақолаҳоеро, ки дар онҳо ягон идея дида намешавад, барои чоп тавсия намекунанд.

Ҳамин тариқ, барои чоп омода намудани мақолаи илмӣ заҳмати хеле зиёдро талаб мекунад. Инчунин, риояи талаботи таҳияи мақолаи илмӣ низ хеле зарур ба шумор рафта, масъулиятшиносию ҷиддияти муаллифонро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, аз устодон, роҳбарони илмӣ, аспирантону унвонҷӯён хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми таҳияи мақолаи илмӣ талаботи ин навъи маводи чопиро риоя намоянд. Зеро рушди илм то дараҷаи муайян аз сатҳу сифати маводи чопӣ вобаста мебошад ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ ҷамъияти ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум дар заминаи рушди илм ба амал меояд.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки рушди илми ватанӣ яке аз манфиатҳои ҳаётан муҳими мамлакат дониста мешавад ва бо беҳтар намудани сатҳу сифати маводи чопӣ дар таъмини амнияти илмии мамлакат метавонем саҳми арзанда гузорем. Бинобар ин, бо назардошти меъёрҳои соҳаи илм ва бо риояи талаботи мавҷуда омода намудани мақолаи илмӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини кормандони илмӣ, олимону муҳаққиқони ватанӣ дониста мешавад.

# РУШДИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА АНДРАГОГИКА



*Мунир САФАРОВ,*
*номзади илмҳои педагогӣ, декани факултаи физика-математика*

Андрагогикаро аслан аксари муҳаққиқин илм ё таълимот оиди кушодану муайян кардани зарфиятҳою тавонмандиҳои нуҳуфта эътироф мекунанд.

Андрагогика (юн. andros - инсони ба балоғатрасида, мард; agogain - пешбурд) - бахш ва фасли назарияи таълим аст, ки қонунмандиҳои махсуси азхудкунии донишу малакаҳои субъекти калонсоли фаъолияти таълимию омӯзишӣ ва махсусан, вижагиҳои раҳбарӣ ва идории ин навъи фаъолиятро тавассути педагоги касбӣ ва коршиносои хоса мавриди тадқиқу баррасӣ қарор медиҳад. Мафҳуми "андрагогика" дар муомилаи илмӣ соли 1833 тавассути муаррихи педагогика А. Капп ворид карда шуда буд.

Таи даҳсолаҳои ахир таваҷҷӯҳ нисбати андрагогика ба тариқи муназзам афзоиш меёбад ва ин амал вобаста ба афзоиши талабот ва имконоти муназзаму мураттаби беҳбуди сатҳу дараҷаи тахассус, бозомӯзию такмили тахассус, азнавтаълимгирӣ ва табдили касбу ҳирфаҳои шаҳрвандон, ҳамчунин имконот ва талабот нисбати таълиму омӯзиши калонсолон дар робита ба дархостҳои муназзаман афзояндаи фарҳангию арзишмандиҳо, дарку фаҳми талабот ва ниёзу эҳтиёҷот нисбати таълиму омӯзиши имконпазир ва тавассути шуур дарку фаҳм кардани арзишҳои нав ҳамчун ҷузъу унсурҳои асосию таркибии тарзи ҳаёти солим мебошад, ки мабнӣ бар ин талаботу арзишҳо тайи солҳои мустақилият ташкил, созмондеҳӣ ва гузаронидани машғулиятҳои назарию амалӣ бо калонсолон ба тариқи миқдорӣ ва сифатӣ афзоиш ёфта истодааст. **Баромади мафҳуму таъйинот.** Дар энсиклопедияи педагогии русӣ (соли нашраш 2003, тахти тахрири Б. М. Бим-Бад) чунин таъйинот ва таърифи "андрагогика" оварда шудааст: "Яке аз номхои соҳаи илму таълимоти педагогика, ки масъалаҳои назарию амалии маърифату маълумот, таълим ва омӯзишу тарбияи калонсолонро фаро мегирад"[ (Бим-Бад,1972,26). Ҳамзамон бо истилоҳи "андрогогика" дар адабиёт истилоҳоти мусовии "педагогикаи калонсолон", "назарияи маърифати калонсолон", "назарияи таълими калонсолон" истифода мегарданд (Бим-Бад,1998,18).

Худи истилоҳ дар ибтидо муҳокимаю мунозираҳои зиёдеро дар байни муҳаққиқин ба бор оварда буд. Мусаллам аст, ки бар зидди худи идеяи омӯзиш ва рушду такомули маълумоти калонсолон ба сифати предмети махсус яке аз файласуф ва педагогҳои машҳур бо номи Гербарт баромада буд (Гербарт, 1976, 72).

Дар ибтидои аввали садаи нӯздаҳум маълумоти калонсолон миқёсу ҳудуди васеътару бештаре касб карда натавонист ва худи истилоҳ ҳам густариши зиёд пайдо карда натавонист.

Солҳои 1920 - ум маълумоти калонсолон соҳаи назария гашта монд, аз ҷумла, дар Олмон чунин сурат гирифта буд. Истилоҳи "андрагогика" аз сари нав эҳё гашт, ҳоло маҷмӯи андешаю мулоҳизаҳо оиди он ки чиро, бо кадом роҳ ва барои чӣ ба калонсолон таълиму омӯзиш дод мавриди баррасию муҳокимаҳо қарор гаштааст.

Имрӯз дар Аврупо асосан се навъи ташреҳу тафсири истилоҳ мавҷуд аст.. Аввалан, дар аксари кишварҳо дарку фаҳми андрагогика ҳамчун бархӯрду муносибати илмию тадқиқотӣ нисбати раванду ҷараёни таълими калонсолон афзоиш ёфтан дорад. Ба ин маънӣ "андрагогика" - илму таълимот оиди дарку фаҳм (назария) ва дастгирию пуштибонӣ (амалия) - и маърифату маълумоти калонсолон дар тамоми умр мебошад.

Сониян, аз ҳама муҳим он аст, ки дар ИМА, мутобиқи анъанаи Малколм Ноулз, "андрагогика" - ро бархӯрд ва муносибати махсуси назариявию амалӣ меҳисобанд, ки ба асоси консепсияи башардӯсонаи мутааллимини худмухтор (автономӣ) ва муаллимон - фасилитаторони раванду ҷараёни омӯзишу таълим медонанд.

Саввум, дар тафсиру ташреҳи "андрогогика" тафриқаю фарқиятҳо аз "амалияи маълумоти калонсолон", "арзишҳои мавриди майлу хоҳиш", "методҳои махсуси таълим" то "фанни академӣ" ва "муқобили педагогикаи кӯдакона" вуҷуд доранд.

Дар Федератсияи Россия "андрогогика" дар натиҷаи иқтибосот аз консепсияи андрагогикаи М. Ш. Ноулз пайдо шудааст. Омӯзиши адабиёт оиди ин масъала шаҳодат медиҳад, ки аксари муҳаққиқони русӣ онро ҳамчун илму таълимоти мустақил ва фанни илмӣ медонанд, дар корҳои мухталиф муаллифон андрагогикаро ҳамчун соҳаи донишҳои илмӣ ва соҳаи илму таълимоти педагогика, ҳамчун соҳаи донишҳои иҷтимоӣ ва соҳаи башарии дониш эътироф мекунанд. Дар тамоми тадқиқотҳои марбут ба "андрогогика" он аз ҷиҳату паҳлӯ ва ҷанбаҳои мухталиф мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода мешавад: ҳамчун самте дар низоми илм оиди маориф ва маърифат, фанни таълимӣ, илму таълимот оиди маълумот ва маърифати калонсолон. Масалан, Б. М. Бим - Бад ва С. Н. Гавров ин маҷмӯъро тавассути экскурсҳо аз таърихи ақидаҳои педагогии ғарбӣ, "ҳамчун кӯдаки падари кӯҳансол" медонанд". Чунин тафриқавӣ будани андешаю ақидаҳо оиди зарурати омӯзиши минбаъдаи андрагогика дар мисолу намунаи Россия шаҳодат дода метавонад.



Худи ҳаёт ҳар як инсонро водор мекунад, ки худро бо донишу мафҳумҳо мусаллаҳ гардонад. Дарку фаҳм кардани ҳаёти муҳити атроф - ин нахустин вазифаи инсони маълумотноку маърифатнок аст. Инсони маълумотноку маърифатнок - ин инсонест, ки соҳиби ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи хосаи худ мебошад, андешаю ақидаҳои худро оиди тамоми тарафҳо ва соҳаҳои ҳайёт ва муҳити атроф дорост. Барои он ки инсон зинда монад бояд тамоми паҳлуҳои ҳаётро арзёбӣ ва баррасӣ карда тавонад, барои ин бошад малакаҳои андешаю мулоҳиза ронда тавонистан, дарку фаҳм доштан, ҷаҳонбинии васеъ, баландӣ мутобиқи рушду такомул зарурати воқеиянд.

Тамоми таърихи ташаккул ва таҳаввули таълим ва омӯзиши инсон ҳамчун яке аз соҳаҳои мустақили фаъолияти он далолат мекунад, ки таълиму омӯзиш бояд ба тариқи муназзам ва мутобиқу мувофиқ ба роҳ монда шавад. Бинобар сабабе, ки ходимони муассисаҳо инсонҳои болиғу калонсол мебошанд, таълиму омӯзиш низ бояд бо назардошти хусусият ва вижагиҳои синнусолӣ, иҷтимоию рӯҳӣ, миллӣ ва дигар вижагиҳо ба роҳ монда шаванд. Маҳз ба ҳамин ҳадаф самту соҳаҳои махсуси илму таълимоти педагогика таҳти унвони "андрагогика" равона карда шудааст: самту соҳаи таълимоти педагогика, ки масъала ва мушкилоти назарию амалии таълиму омӯзиш, тарбия ва маълумоту маърифати инсонҳои болиғу калонсолро дар тамоми тӯли умри ӯ фаро мегирад.

Ба маънии васеъ андрагогикаро ҳамчун илму таълимот оиди худтатбиқкунии шахсияти инсон дар тамоми тӯли умр дарку фаҳм кардан дурусттар аст. Чуноне ки мусаллам аст, қисме аз инсонҳо дар даврону айёми ҷавонӣ агар татбиқ гарданд, аммо аксари дигари одамон ба тариқи тадриҷӣ қобилиятан кушода мешаванд, донишу малака, таҷрибаи худро дар тамоми тӯли умр ғанӣ мегардонанд. Андрагогика барои чунин кушодашавии шахсият мусоидат карда, кӯмак мерасонад, ки ҷою мақоми худро дар ҳайёт муайян ва муқаррар намуда, қобилиятҳои ниҳонии худро кушода истифода намояд.

Андрагогика формулаи қадимтарини таълиму омӯзиш: non scholae, sed vitae discimus - "На барои таълимгоҳ, балки барои ҳайёт таълим мегирем!"-ро таъйину тасдиқ менамояд.

Ҳамчун илму таълимот андрагогикаро аз педагогика - таълиму тарбияи тифл (юнонии paidos - тифл, кӯдак) ҷудо карда меистад, зимнан аксари натиҷаҳо воқеан ҳам фақат барои мактабу таълимгоҳ муҳиму муфид буда мемонанд.

Нахсутин маротиба истилоҳи "андрагогика" соли 1833 тавассути муаррихи олмонии давраи Маърифат - А. Капп ворид карда шуд. Мунтаҳо алайҳи бархӯрду муносибат нисбати таълиму омӯзиши муназзам хеле рақибу мухолифон низ вуҷуд доштанд, чаро ки на ҳама зарурат ва имконоти онро дуруст ва оқилона дарку фаҳм карда метавонистанд. Масалан, файласуфи олмонӣ, психолог ва педагог, асосгузори мактаби педагогикаи олмонии садаи нуздаҳум Г. И. Фридрих норизоятию ноқаноатмандии худро вобаста ба "номукамаллии абадии қонунишуда" - и инсон иброз намуд (Фридрих, 1982, 24).

Садаи нуздаҳум Э. Л. Трондайк нишон дод, ки қобилият нисбати таълиму омӯзиш дар давраи аз 22 то 45 солагӣ оҳиста - оҳиста коҳиш ёфтан мегирад ва барои интеллекти поёнтару пасттар на зуддтар нисбати болотар сурат мегирад.

Соли 1970 М. Ш. Ноулс асари бунёдии худро оиди андрагогика таҳти унвони "Амалияи муосири таълими калонсолон. Андрагогика зидди педагогика" таълиф ва нашр намуд Ноулс, 1970). Он ҳолатҳои асосии андрагогикаро чунин таъйину ташхис карда буд:

- дар ҷараёни таълим нақшу мавқеи асосӣ хоси мутааллим аст, на муаллим;

- ӯ шахсияти ташаккулёфта маҳсуб буда, дар назди худ ҳадафҳои мушаххас гузошта, нисбати мустақилият, худтатбиқкунӣ ва худидоракунӣ кӯшишу ғайрат мекунад;

- инсони калонсол таҷрибаи касбиятӣ ва ҳайётӣ дошта, бо донишу малакаҳое, ки зимни ҷараёни таълим заруранд, мусаллаҳ мебошад;

- шахси калонсол истифодаи донишу малакаҳои худро ҳарчӣ зудтар дар ҷараёни таълим ҷустуҷӯ мекунад;

- ҷараёни таълим ба андозаи зиёдтар тавассути омилҳои замонӣ, фазоӣ, маишатӣ, касбиятӣ ва иҷтимоӣ таъйину ташхис мегардад, ки ё онро маҳдуд мекунанд ва ё ба он мусоидат мекунанд;

- ҷараёни таълим дар шаклу навъи фаъолияти муштараки мутааллим ва муаллим дар тамоми давраҳои он ташкил ва созмон дода мешавад.

Ҳолатҳои асосии андрагогика дар тафовут бо педагогикаи анъанавӣ дар он зоҳир мегардад, ки нақшу мавқеи калидиро дар раванду ҷараёни таълиму омӯзиш на муаллим, балки мутааллим иҷро мекунад. Вазифаи асосии муаллим дар ин маврид расониданӣ кӯмак ва ёрӣ ба мутааллим мебошад, ки нисбати ошкорнамоӣ, муназзамнамоӣ, ба шаклдарории таҷрибаи шахсии мутааллим, мушаххаснамоӣ ва такмили донишу малакаҳои он зоҳир мешавад. Дар ин маврид табдили афзалиятҳои усулҳои таълиму омӯзиш ба вуҷуд меояд. Андрагогика ба ҷои усулҳои маърӯзавӣ (лексионӣ) аз усулҳои озмоишию таҷрибавӣ ва амалӣ истифода менамояд, ки аксаран ҷанбаи озмоишӣ доранд, муҳокимаю баррасиҳо, бозию машқҳои корӣ, ҳаллу фасли вазифаҳои истеҳсолӣ ва масъалаҳоро фаро мегирад. Гузашта аз ин бархӯрду муносибат нисбати дастрасӣ ба донишҳои назариявӣ табдил меёбад. Ба ҷои аввал фанну мазмунҳое мебароянд, ки маводи ҳамнишину ҳамгирою ҳамоишшуда (интегратсиявӣ) - ро оиди якчанд самту соҳаҳои мухталифи дониш мебарояд. Аммо дар ҳар сурат бояд мутазаккир шуд, ки раванду ҷараёни дарку фаҳм, ба ёд гирифтан, тафаккур дар инсони калонсол ба мисли кӯдакону наврасон на он қадар маҳсулноктар сурат мегиранд. Зимнан муҳимияти авалиндараҷаро методология, методҳо, васойит ва васойили таълиму омӯзиш, масалан, истифодаи воситаҳои мнемоникӣ дар хотира ҳифз кардан касб мекунанд.

Мутаассифона, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар кишвару давлатҳо консепсияи ягонаю воҳиди таълим ва омӯзиши калонсолон ба тариқи доимӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳол он, ки дар ин ҷода аз таҷрибаи пешқадами масалан Олмон, Финландия ва Шветсия баҳраманд шуда омӯхтан мумкин аст. То дараҷаи зарурӣ тадқиқотҳои ҷиддӣ мутобиқ чӣ барои ҷомеа ба тариқи умумӣ ва чӣ дар дараҷаҳои маҳаллӣ барои ходимону кормандони муассисаҳои истеҳсолию тавлидотӣ пеш бурда намешаванд. Дар ин робита зимнан хеле зарур аст, ки созмонҳои ғайрирасмӣ бо шахсони манфиатманд муттаҳид гардонида шаванд, ки бо ин мавзӯъ ва масъалаҳо машғулу масруф мебошанд.

# КОНСТИТУТСИЯ - КАФИЛИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

*"Конститутсия ба сифати қонуни олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор дода, асосҳои ҳуқуқии рушду такомули минбаъдаи чунин муносибатҳоро фароҳам меорад."*

*Эмомалӣ РАҲМОН*



*Бахтиёр НАЗАРОВ,*
*ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ*

6-уми ноябри соли ҷорӣ мардуми ҷумҳурӣ 23-солагии қабули муҳимтарин ва волотарин санади ҳуқуқии кишвар Конститутсияро, ки бо мақсади бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ қабул шуда буд, ҷашн гирифт. Қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи даврони Истиқлолият ба шумор рафта, рӯйдоди дар ҳақиқат бузург ва тақдирсоз мебошад.

Имрӯз бо итминони комил гуфта метавонем, ки Конститутсияи мо барои ифодаи ҳадаф ва рушду такомули давлату давлатдории навин омили асосӣ гардида, дар дигаргунсозии бунёди тамоми муносибатҳои сиёсиву иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон нақши муассир дорад. Он ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат дода, асосҳои сохти ҷамъият, шакли идоракунӣ ва ташкилӣ, ҳудуди давлат, асосҳои таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, салоҳият ва муносибати онҳоро муайян менамояд. Дар Конститутсия ин масъалаҳо бо назардошти хусусиятҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, давлативу ҳуқуқӣ, милливу таърихӣ ва анъанаву суннатҳои мардумии кишварамон дарҷ ёфтаанд. Конститутсияи мо санади ифодакунанда ва ҷавобгӯи ормону орзуи халқи Тоҷикистон аст.




Томас Пейн, яке аз мутафаккирони амрикоӣ ҳанӯз дар қарни XVIII ёдовар шудааст, ки Конститутсия қабл аз давлат арзи вуҷуд дошт ва давлат зодаи Конститутсия мебошад. Аз ин ҷост, ки "Конститутсия" санади давлат набуда, балки санадест мутааллиқ ба мардум. Аз ин рӯ, миллати тоҷик низ бахтномаи худро бо даст ва нияти поки хеш таҳия ва қабул намуда, меъёрҳои онро арзиши оли ва муқаддас шумурда, риоя, ҳифз ва эътирофи онро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

Бояд қайд намуд, ки дар радифи дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсия пешбинӣ гардидааст, ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ низ мавқеи хосаи худро дорад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи нави миллӣ хизмати давлатӣ низ яке масъалаи мубрам ва айни замон аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди давлату давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои миллӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши муҳим мебозад.

Бо назардошти ин яке аз дастоварҳои муҳимтарин, ки дар меъёрҳои Конститутсияи ҶТ пашбинӣ гардидааст ин дар сатҳи Конститутсия инъикос гардидан ва кафолат додани ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ аст, чунки бидуни танзими муносибатҳои соҳаи хизмати давлатӣ ташаккул ва рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишварамон ғайримкон аст.

Зикр намудан зарур аст, ки сол аз сол шароитҳои амалӣ, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ бо ташаббуси бевоситаи Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Давлатов Ҷумахон беҳтар гардидаистодааст ва боварии комил дорам, ки ин амал дар оянда низ идома ёфта, имкониятҳои боз ҳам мусоид фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 23 соли арзи вуҷудаш тавонист, ки барои қавию ғанӣ гардонидани пояҳои давлату давлатдорӣ, қонуният, волоияти қонун ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон хизмат карда, симои сиёсӣ ва обрӯю эътибори Тоҷикистонро дар ҷаҳони муосир муаррифӣ намуда, таҳкурсӣ ва чашмаи хушкнашаванда дар сарсабзиву гулгулшукуфоии ниҳоли хизмати давлатӣ саҳмгузор буда, нақши назаррас гузаштааст.

# ПАРЧАМ - РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар ҷаҳони муосир доштани Парчами миллӣ нишони истиқлолият ва яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Парчами миллӣ ифодагари иқболу истиқлол, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳуввияти миллии мардуми кӯҳанбунёду фарҳанги мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷиконро инъикос намудааст. Парчам аз замонҳои хеле қадим ҳамчун рамзи давлатдорию ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳои ҳар як сарзамин шинохта шудааст.

Давлатдории тоҷикон таърих ва суннати қадима дорад. Бозёфтҳо ва навиштаҷотҳои бостоншиносӣ, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, аз он гувоҳи медиҳанд, ки аҷдодони мо ҳанӯз аз замони Каёниён соҳиби Парчам будаанд. Аввалин Парчами қадимаи тоҷикон "Дирафши Ковиён" ном дошт, ки он ҳамчун рамзи ваҳдат ва ягонагии давлатдории Ориёӣ қабул карда мешавад. Гузаштагони мо дар Парчам рамзҳои мухталифи оини ҷавонмардиву тавоноиро истифода менамуданд. Масалан, дар ливои Куруши Кабир тасвири уқоб, ки нишонаи қудрату тавоноист, нақш гардида буд, ҳамчунин метавон аз ливои Коваи бузург ёдовар шуд, ки нишонаи равшани меросияти муборизаву ҷоннисориҳои ниёгони мо мебошад. Ниёгони арҷманди мо ҳазорсолаҳо зери парчами хеш саф кашида, ватану миллат. номусу озодӣ, забону фарҳанг ва марзу буми аҷдодиро ҳимоя кардаанд. Яъне Парчами давлатӣ, баёнгари мавҷудияти миллати соҳибдавлати тоҷик дар тамоми ғановату асолати таърихиву фарҳангӣ ва ҳуқуқии он аст.

Парчами миллӣ имрӯз ҳамчун нишони азму иродаи устувори мардум барои ободии кишварамон ҳаммароми "Дирафши Ковиён" -и аҷдоди ориёнтаборамон бо тобиши се ранг, ранги сурх - озодиву истиқлол, ранги сафед - сулҳу оромӣ, ранги сабз - ободиву хуррамӣ ва дар байни он рамзи тоҷ ва ҳафт ситораи дурахшон, бори дигар аз соҳибдавлатӣ ва тамаддуну фарҳанги бостонии тоҷикон башорат медиҳад.

Имрӯз мо бояд аз Парчами миллии худ ифтихор дошта бошем, қадру манзалат ва эътибори онро ба фарзандон ва ҷавонони имрӯза талқин намоем.



*Умед АМРОЕВ,*
*ассистенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ ва тағйироти куллие, ки ба ҳаёти ҷомеаи кишвар ворид гардид, зарурати қабули Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро ба миён гузоштанд, зеро таҳия ва қабули Конститутсия ва қонунҳои ба талаботи шароити нав ва замони муосир ҷавобгӯ "яке аз омилҳои асосии устувории иҷтимоиву сиёсии ҷомеа" мебошанд.

Таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мантиқан натиҷаи амалӣ гардидани тадбирҳои мушаххаси роҳбарияти давлату ҳукумати Тоҷикистон, хосатан Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар давоми солҳои 1990-1991 эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар хусуси дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул гардиданд, ки раванди кори таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳуриро метезониданд.

Марҳилаи нави таҳияи лоиҳаи Қонуни Асосӣ баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барқарор шудани сохти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ ва таъсиси мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ оғоз шуд. Баъдан Иҷлосияи XVII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳи дохил намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990 "Дар бораи ташкили комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳайати нави Комиссияи конститутсиониро таҳти роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ намуд.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар худи ҳамин иҷлосия изҳор доштанд: "Муҳимтарин ҷиҳати ин вазифа то сатҳи юридикӣ ва маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва тадбирҳои универсалии онҳо баланд бардоштани қонунгузории давлатист. Аз ин ҷиҳат мо ба хулоса омадем, ки системаи ҷории қонунҳоямонро ба экспертизаи байналмилалӣ фиристем ва ҳам дар баррасии қонуни асосиамон аз кӯмаки машваратии муассисаҳои дахлдори байналхалқӣ истифода барем".

Ба ин тартиб, низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар пояи Конститутсияи он ташаккул ёфтааст, ба арзишҳои умумибашарӣ такя намуда, барои инкишофи минбаъдаи кишвар мусоидат мекунад.



*Бахтиёр БЕГНАЗАРОВ,*
*ассистенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР

Дар асри XX1, ки оғози ҳазорсолаи сеюм ба шумор меравад, масъалаи ҳифзи табиат ва муҳити зист яке аз масъалаҳои муҳими инсоният маҳсуб мегардад, зеро табиат на танҳо сарчашмаи асосии зиндагии инсон, балки манбаи дониш, маълумотгирӣ ва маҳорату малакаи инсонӣ мебошад. Чунки ҳифзи саломатии инсон, таъмини он бо маводи зарурӣ, тоза нигоҳ доштани муҳити атроф аз масъалаҳои мубрами замони ҳозира мебошад.

Дар миёни масоили гуногуни экологӣ масъалаи об, истифодаи оқилонаи он инчунин нигаҳдорию захираҳои оби тоза, ки яке аз омилҳои асосии ҳаёти зиндаи олами ҳайвоноту наботот ва инсоният мебошад, аз масъалаҳои марказӣ дониста шудааст. Об, ҳарчанд аз ҷониби файласуфони Шарқ яке аз чор унсури азал шинохта шудааст, ҳамчун сарвати бебаҳои табиат беохир нест. Агар захираҳои он нооқилона ва исрофкорона истифода гарданд, инсоният ва муҳити зист ба бисёр мушкилотҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Дар рӯи олам кишварҳое ҳастанд, ки аз набудани оби тоза танқисии бештаре доранд. Тибқи баъзе маълумотҳо 3 миллиард аҳолии кураи Замин аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Ҳар сол дар ҷаҳон ба сабаби истеъмоли оби ғализу ифлос 5 млн. нафар одамон ҳалок гашта, беш аз 3 млн. нафари дигар ба бемориҳои мухталиф гирифтор мешаванд.

Аҳамияти муҳим доштани ин масъаларо ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ "Тоҷикистон дар остонаи асри XX1" дар радифи дигар масоили сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба масъалаҳои глобалӣ экологии ҷаҳон дахл намуданд. Маҳз бо ибтикорот ва пешниҳоди Президенти кишварамон соли 2003 "Соли умумиҷаҳонии оби тоза", эълон шуд ва он дар сессияи 54 - уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, солҳои 2008-2018 даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" пешниҳод карда буд, аз ҷониби ин созмон пазируфта шуд, ҳамчунин дар мубоҳисоти умумии иҷлосияи 70 - уми маҷлиси умумии Созмони Милали Муттаҳид даҳсолаи об ба иҷрои ҳадафҳои рушди устувор шуда, солҳои 2018-2028 - ро Даҳсолаи "ҳадафҳои рушди устувор" - пешниҳод намуд, ки аз тарафи маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. Ҳамаи ин аз муҳим будани ин масъала ва аз муҳаббату эҳтироми мардуми сарзамини мо, алалхусус, Сарвари кишварамон нисбат ба об чун яке аз воситаҳои асосии ҳаёти мавҷудоти зинда гувоҳӣ медиҳад.



*Шарифхон БОЯҲМАДОВ,*
*ассистенти кафедраи риёзӣ, табиатшиносӣ ва методикаи таълими он*

# МИНБАРИ ДОНИШҶӮ



*Абӯалии МИРАЛӢ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

## ЭЙ ДУСАД ЛАЪНАТ БА ИН ТАҚЛИД БОД!

Тақлиди кӯркӯронаи бархе аз ҷавонони мо ба либосҳои аврупоӣ яке аз масъалаҳои доғ дар ҷомеаи кунунӣ гардидааст. Суоле дар сари мо чарх мезанад, ки ин тақлидкорӣ ва тарки либосҳои миллии тоҷикӣ дар зеҳни ҷавонони мо аз куҷо пайдо мешавад ва барои танзими ин кӣ вазифадор аст? Чаро ҷавонони дигар қавму миллатҳо ба либоспӯшии мо тақлид намекунанду мо ба онҳо пайравӣ мекунем? Воқеан ҷои нанг аст!

Охир миллати тоҷик ҳамчун як миллати қадима ва дорои фарҳанги хеле ғанӣ ба шумор меравад ва имрӯз кишварҳои ғарб дониш ва фарҳангу маърифати моро истифода мекунанду мо бошем баръакс думболи чизҳое ҳастем, ки метавонад дар наздиктарин лаҳзаҳо натанҳо худи моро, балки қавму қабила, давлат ва дигар дороиҳоямонро завол бахшад. Ин анъанаи барои миллати мо бегона ба андешаи бархе аз коршиносон бештар дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои кишвар ба назар мерасад. Ба андешаи ман он гурӯҳи ҷавононе, ки либосҳои аврупоӣ ба бар мекунанд (дар назар дорам либосҳои тангу кӯтоҳ ва титу парешон) гӯё аз дигар ҷавонон фарҳанг ва маърифати болотар доранду ҳамқадами замони муосиранд, аммо ин мутлақо ғалат аст. Ҷавонони ҳушманди мо бояд донанд, ки тақлиди кӯркӯрона ва ба бар кардани либосҳои ночаспони ғайру тарки либоси миллӣ ин нишони пешпо задани фарҳанги бузурги миллати худ аст. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар як шоҳбайти худ ба чунин гурӯҳи инсонҳои тақлидкор ишораи хубе кардааст:

*Халқро тақлидашон барбод дод,*
*Эй дусад лаънат ба ин таклид бод!*

Аз ин рӯ, ҳушёру зирак будан ва арҷ гузоштан ба суннатҳои миллӣ бояд вазифаи ҷонии мо бошад, зеро танҳо мо метавонем ин анъанотро ҳифзу нигаҳдорӣ намоем. Ман ҳамчун як ҷавони комилҳуқуқи Ватан ба иззати нафси касе расиданӣ нестам ва танҳо ин андешаи шахсӣ буд. Боқӣ қазоват аз Шумост!



*Муҳаммаддовуд ОДИНАЕВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи рус*

## АҶОИБОТ!

1. Падари Чингизхон Баҳодур Эсугейс буд.
2. Оё медонед, ки лаклак овоз баровarda наметавонад, чунки садопарда надорад.
3. Дар Австралия хонандагонро ба воситаи радио дарс медиҳанд.
4. Оё медонед, ки аз ҳама алифбои калонтарин алифбои хитоӣ мебошад, ки 72 ҳарф дорад.
5. Дар Мексика меҳмонхонаи зериобӣ аст.
6. Мурғобӣ дар баданаш бисту панҷ ҳазор пар дорад.
7. Дар Ҷопон нархи 1 дона тарбуз 100 долларро ташкил медиҳад.
8. Шаҳрванди Ватикан шахсе шуда метавонад, ки дар хизмати "Калисои муқаддас" мебошад.
9. Асосгузори ҷароҳии асаб дар Тоҷикистон Зикрулло Хоҷаев мебошад.
10. Аввалин давлате, ки истиқлолият ба даст овардааст, ин давлат Науру мебошад, ки соли 1368 истиқлолият ба даст овард.
11. Дар Австралия шумораи заргӯшҳо нисбат ба аҳолии Хитой зиёд аст.
12. Дар Шветсия меҳмонхонаи яхин вуҷуд дорад.



*Дилноза ШОЕВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

## ҲЕҶ КАС АЗ ПЕШИ ХУД ЧИЗЕ НАШУД!

Бе андеша кардан инсони комил фаъолияти мақсаднок дошта наметавонд. Ба мақсади худ расидан ва вақти пурқимати худро самаранок истифода бурдан маҳз илму дониши худро сайқал додан аст, чунки инсоният худ ҳамеша ба омӯзиш ниёз дорад. Ҳатто дар китоби муқаддаси мо "Қуръон"-и маҷид аввалин оят бо калимаи "бихон" оғоз шудааст.

***Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,***
***Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.***
***Ҳеҷ Мавлоно нашуд Мавлои Рум,***
***То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.***

Шахсе, ки дар зиндагиаш ҳунари волоии худро ба касе намеомӯзонад, ба монанди дарахти бесамаре ҳаст.

Ҳоло дар курси 2-юм таҳсил дорам ва ба мо беҳтарин устодон Мирсаидов М., Куганов Н., Гулов Р., Каримов Г., Шарипов Н. ва дигарон дар ҷодаи илми иқтисод дарс медиҳанд.

Дар рафти дарсҳои омӯзгорон мушоҳида менамоям, ки ҳамаи он нозукиҳое, ки дар илми иқтисод ҳаст, меомӯзам. Онҳо таҳлил ва дарки равандҳои иқтисодӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ, таъмини мувозинати макроиқтисодӣ ва роҳҳои паст кардани бекорӣ ва дигар масъалаҳои назариявии микроиқтисод, макроиқтисод ва иқтисоди ҷаҳониро ба таври сода мефаҳмонанд, ки дар ҳақиқат ҳар як дарси пурарзиши омӯзгорон моро ба илмомӯзиву донишандӯзӣ ҳидоят менамоянд. Бо шарофати панду ҳикмат ва дарсҳои устодони соҳибхирад инсон метавонад дар рафти зиндагӣ муваффақу комёб гардад ва дар соҳаи иқтисод ҳамчун иқтисодчии хуб ва дар ҷомеа мавқеи худро ёбад. Устодони мо чунон бофазилатанд, ки ҳамеша кӯшиш менамоянд, то шогирдони закӣ ва хушахлоқу ояндабин тарбия кунанд.

Имрӯз агар ба ягон комёбие ноил гаштаам, ин натиҷаи заҳматҳои устодони ман аст. Ҳамчун шогирди вафодор ва содиқ ҳамеша кӯшиш менамоем, ки эҳтироми устодони хешро ба ҷо орам ва ба сипозгузор ҳастам.



*Рустам КУГАНОВ,*
*донишҷӯи соли 4-ми факултаи молиявию иқтисодӣ*

## МУАММОҲОРО ЁБЕД!

1. Массаи хуни одами калонсол ба ҳисоби миёна 7,5%-и массаи умумии ӯро ташкил медиҳад. Агар массаи одам 72 кг бошад, вай чӣ қадар хун дорад?
2. 25% -и 3,2 ҳиссаи ҳавз 30 литр об мебарад, ин ҳавз чанд литр об мебарад?
3. Ба 5,2 ҳиссаи пули Камол китоб, ба 6,3 ҳиссаи боқимондааш дафтар, бо пули боқимондааш, ки 9 сомонӣ аст, қалам харида шуд. Камол чанд сомонӣ сарф кардааст?
4. Сабзӣ ба ҳисоби миёна 6% қанд дорад. Вазни қанди 1 кг сабзӣ ба чанд грам баробар аст?
5. Варзишгоҳи шаҳри Кӯлоб дар бозии футбол 20000 мухлис ҷамъ меояд, нархи чипта 3 сомонӣ мебошад. Агар нархи чиптаро 1 маротиба баланд бардорем, 30% мухлис кам мешавад. Ҳисоб намоед, ки то чанд маротиба баланд бардоштани нарх даромади баландтарин ба даст овардан мумкин аст?
6. Агар дарозии ҳар як тарафи квадрат 20% зиёд карда шавад, масоҳаташ чанд фоиз зиёд мешавад?



*Муҳаббат ҒАЙРАТОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*

## МОДАР - НОЁБТАРИН ГАНҶИ ЗИНДАГӢ

Модар чи калимаи гуворост, ки аз қалбҳои саршори пурмуҳаббати мо садо медиҳад. Модар худ бузург аст ва бо ин ҳама бузургиҳо моро водор месозад, то ба қуллаҳои баланди ҳаёт бирасем. Зан-модар шахси бузург аст. Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмон ва тамоми ҳастии ӯ нур меборад. Зан-модар офарандаи ҳаёту мамот мебошад.

Ривоят мекунанд, ки Худованд накҳат аз гул, нӯш аз ангӯбин, гармӣ аз офтоб, тароват аз борон, шукӯҳ аз осмон, борандагӣ аз абр, равшанӣ аз сӯбҳ, зебоӣ аз баҳор, хушилҳомӣ аз андалебро қатра-қатра ҷамъ оварду занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад.

Пас, биёед азизон, то ба қадри ин олиҳаи зебои офарандаи ҳаёт ва қиматтарин ганҷи зиндагӣ бирасем ва то ҷон дар бадан дорем, хизматаш ба ҷо биорем.



*Мақсуд ЗАБИРОВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

## ЧАРО БА ФАРҲАНГИ БЕГОНА РӮ ОРЕМ?

Таърих гувоҳ аст, ки аз давраи пайдоиш ва ташаккулёбии халқи тоҷик новобаста аз он ки онҳо борҳо дар зери тасаррруфи дигар халқияту қабилаҳо қарор гирифта бошад ҳам, аммо фарҳанги милии худро аз даст надодаанд. Баракс то ҷое тавонистанд фарҳанги миллии худро ба дигарон омӯхтаанд. Фарҳанги миллии халқи тоҷик хусусан дар давраи давлатдории Оли Сомон хеле ривоҷу равнақ ёфтааст. Дар замони муосир бошад, аз чи сабаб бошад, ки бархе аз ҷавондухтарон рӯ ба фарҳанги бегона овардаанд. Бисёртар онҳо тақлид ба фарҳанги мардумони давлатҳои ғарб мекунанд. Магар ин тақлиди онҳо ба рӯҳияи дигар ҷавонон таъсири нохуб намерасонида бошад? Оё онҳо фикр намекунанд, ки ин тақлиди онҳо фарҳанги миллии тоҷикро коста мегардонад? Мо, бояд ифтихор аз гузаштагони худ намоем ва доимо паравӣ ба онҳо кунем. Гузаштагони халқи тоҷик дар ҳеҷ гуна вазъият ба дигар халқу милатҳо тақлид накарда буданд.



*Фирӯз ШЕРАЛИЕВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*

## ШОМИЛШАВИИ БАРХЕ АЗ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ

Асри XXI-ро асри иттилоот мегӯянд. Дар миёни ин хатарҳо ҷои муҳимро дар солҳои охир амалиётҳои террористӣ ишғол мекунад, зеро он рӯз то рӯз авҷ гирифта, мардуми зиёдеро ба доми худ фурӯ бурдааст.

Дар шаҳри Кӯлоб ва манотиқи он шомилшавии бархе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ эҳсос мегардад. Дар вақтҳои охир 245 (дар семинари ВКД ва Кумитаи дин дар шаҳри Душанбе) ҳолати дар Сурияву Ироқ ҳузур доштани сокинони вилояти Хатлон муайян гардид, ки дар он миён 32 нафар занон ва 54 нафар ноболиғон буданд ва 21 нафарашон ҳамроҳи зану фарзандонашон ба Сурия рафтаанд. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷавонони мо маълумоти зарурӣ ва муҳимро нисбат ба ин ҳизбу ҳаракатҳо ва ҳодисаҳои дар Сурия буда надоранд.

Дар ин ҷода моро зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинарҳо, вохӯриву сӯҳбатҳо гузаронем, то сади роҳи гароиши ҷавонон ба ҳаракатҳои номатлуби ҷомеа гардем.

# ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Боиси хурсандист, ки хонандагон ба рӯзномаи "Анвори дониш" таваҷҷӯҳи хосса доранд. Ба кроссворди шумораи гузашта 19 нафар ҷавоб пешниҳод кард, ки хеле хурсанд шудем, аммо дар мавриди ғолиб шудан бояд эҳтиёткорона қаламро ба даст гирифт. Хулоса, аз 19 нафар 2 нафар кроссвордро бехато пур кардаанд, ки инҳоянд: Қурбонзода Рудобаи Исмоил, магистарнти соли 1-уми ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик (17.11.2017, соати 8:00). Ятимов Алишер, донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика (17.11.2017, соати 09:20).

Ғолиб **ҚУРБОНЗОДА РУДОБАИ ИСМОИЛ,** магистанти соли 1-уми ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик мебошад, ки аз ҳама пештар кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пешниҳод кардааст.

Дигарон Алиев Амирҷон (2 хато), Меҳринисои Садриддин (2 хато), Абдураҳмонова Ширинмоҳ (2 хато), Маҳмадалиев Насриддин (3 хато) Ҳакимов Абдулҳамид (3 хато), Сафаров Бахтиёр (4 хато), Саёҳати Ҳабибзода (4 хато), Давлатова Қаламнисо (4 хато), Куганов Рустам (4 хато), Гадоев Холаҳмад (5 хато), Абдуллоҳ Ғурбатӣ (5 хато), Шаҳбози Рустамшо (6 хато), Иброҳимов Одилшо (6 хато), Усмонов Муҳаммадалӣ (6 хато), Эсанов Акмал (6 хато), Ҳасанова Сафармо (7 хато), Бобоев Парвиз (8 хато) мебошанд.

***Ҳар касе, ки ҷавобҳои пешниҳодкардаашро аз назар гузаронидан мехоҳад, ба идораи рӯзнома ташриф оварад ва хатоҳои худро бубинад.***

***Хонандагони азиз! Саросема нашуда, кроссвордро дуруст пур кунед ва насиби мукофот дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!***

Шашлик
Номи маймуни Аладдин
Дастаи футболи шаҳри Ереван
Мувофиқи «Авасто» бояд нек бошад


...и Султон

Як навъи мактаби махсус
Мошини аввалини СССР
Гимнастикаи хитой


... Пател

Тасодуфан
Нерӯгоҳи обӣ дар кишвар
Ашёи зинати занона, браслет
Галаи паррандагон
Мошини «тоҷикони нав»
Ҷавонмард (ӯзб.)
Шутурмурғи австралиягӣ
Бозӣ бо қарта
Харчанги баҳрӣ
Қисми мошин, нармкунандаи зарба
Шавҳари Лак
Илм дар бораи одоб
Номи саг аз сериали олмонӣ
Дареғ
Азназаргузаронии бемор
Ангушти нишондиҳанда
Давлати муқтадири ҷаҳон
Помонак барои аспсавор
Бепулмонда
Асбоби мусиқии нафасӣ
Шаҳр дар ИМА
Майда, хурд
... Кихот аз асари М. Сервантес
Сустию харобии савдо
Гулоб, хушбӯй
Олоти қадимаи риштабофӣ


... Зоҳир

Ҳарфи алифбои арабӣ
Интиқомҷӯй
Муқобили «рафта»
Қаҳрамони латифаҳои тоҷик
Зани шӯдор
Даст бардоштан
Садои зоғ
Номи наваш Спитамен
Боксёри зуртарини асри 20
Ҷомаи миллии ҷопонӣ
Нуқтаи ҷанубтарини СССР (Туркманистон)
Мария ..., теннисбози рус
Бурҷи 12-юм аз бурҷҳои осмонӣ
Додар (лаҳҷа)
Ченаки дарозии англисӣ
Пойтахти Индонезия
Велосипеди мотордор
Зидмаънои назм
Тамғаи кафки ришгирӣ
Миллат дар Аврупо
Зодаи одамӣ, инсон
«Ҷаноб»-и эронӣ
Жанри шеъри чормисрагӣ
Убайдуллои ..., овозхон
Дар афсона кафши паррон дошт
... задан, худситой кардан
Пайвандак
Номи зодаи рӯзи ид
Матои нимабрешимӣ
Фотиҳа
Нобино
Дуои бади волидайн
Бахр, соҳилҳои Скандинавияро мешӯяд
Ҳиссачаи ишоратӣ
Сатри сураи Қуръон
Музояда
Хомӯш
Ранҷ, азоб
Овози баланди занона
Зананд, аз сар мепарад


Аловиддин ...

Ҳашароти асалпарвар
Диета
Эътибор, қадру қимат


... Раҷабова

... Ҷӯраев, сароянда
Бахшидани гуноҳ
Армен ..., ҳунарпешаи арманитабори Русия

# ДИҚҚАТ!

**Хонандае, ки сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ кроссвордро дуруст ва бехато пур карда ба идораи рӯзнома пешниҳод мекунад, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ қадрдонӣ карда мешавад.**

# ОДАМ НАШАВӢ!

*Падаре бо писаре гуфт ба қаҳр:*
*Ки ту одам нашавӣ, ҷони падар,*
*Ҳайфи он умр, ки ай бесару по,*
*Дар раҳи тарбиятат кардам сарф.*
*Дили фарзанд аз ин ҳарф шикаст,*
*Бехабар аз падараш кард сафар.*
*Ранҷ бисёр кашиду пас аз-он,*
*Зиндагӣ гашт ба комаш чу шакар.*
*Оқибат шӯҳрату волоӣ ёфт,*
*Ҳокими шаҳр шуду соҳибзар.*
*Чанд вақте бигузашту пас аз он,*
*Амр фармуд ба эҳзори падар.*
*Падараш омада аз роҳи дароз,*
*Назди ҳоким шуду бишнохт писар.*
*Писар аз гояи худхоҳию кибр,*
*Назар афканд ба саропои падар.*
*Гуфт: Гуфтӣ, ки ту одам нашавӣ,*
*Ту кунун ҳашмату ҷоҳам бинигар.*
*Пир хандиду сараш дод такон,*
*Гуфт ин нукта, бурун шуд аз дар.*
*Ман нагуфтам, ки ту ҳоким нашавӣ,*
*Гуфтам одам нашавӣ, ҷони падар.*

# СУХАНИ МОНДАГОР



*Садриддин АЙНӢ*
*Қаҳрамони Тоҷикистон*

**Ман дар ин қатори талабаҳои хурдсол ҳар шаб баъд аз шом дар рӯи саҳна нишаста, бо овози баланд дарс такрор мекардам. Мо, талабагон, дар шабҳои барф такрори рӯи саҳнаи худро тарк намекардем ва барфи рӯи сангро бо остин, ё барии ҷома рӯфта, ба рӯи санги яхмонанд ҷорзону ё дузону нишаста такрор кардан мегирифтем. Ин кор ба ман, ки либоси дуруст надоштам, бисёр зӯр буд. Бо вуҷуди ин маро он вақтҳо сармо назад ва ҳатто зуком ҳам нашудам.**



*Файзи АШӮР*

## НАСИҲАТ

*Эй ҷони падар, ҳуш ба сар доштанат беҳ,*
*В-аз ҳуш на зар, балки ҳунар доштанат беҳ.*
*Аз ҳарфи падар ҳеҷ зарар нест ба фарзанд,*
*Дар хотири худ ҳарфи падар доштанат беҳ.*
*Ноаҳл чи донад раҳи мардони накӯро,*
*Аз ҳамраҳи ноаҳл ҳазар доштанат беҳ.*
*Хоҳӣ, ки дар ин даҳр фару ҳанг биёбӣ,*
*Аз кӯчаи фарҳанг гузар доштанат беҳ.*
*Ҷойе, ки қаламро ба сари ҷаҳл асар нест,*
*Бар фарқи сари ҷаҳл табар доштанат беҳ.*
*Бе ёди худованд агар маъракае ҳаст,*
*Ду гӯш дар он маърака кар доштанат беҳ.*
*То кайфи ту сар дар қадами ҳайф намонад,*
*Аз кайфияти сағда хабар доштанат беҳ.*

# МАВЛУД МУБОРАК!

***Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки аз 1-уми декабр то 15-уми декабри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерумaнд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!***

***Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.***

1. **ҚУРАЕВ ҚАРАҚУЛ**, 1.12.1949, ассисенти кафедраи молия ва бонкдорӣ;
2. **НАЗАРОВ КАМОЛИДДИН**, 01.12.1979, ассистенти кафедраи мудофиаи шаҳрвандӣ;
3. **ЮСУПОВА МАЛОҲАТ**, 01.12.1972, танзимгари факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ;
4. **КОМИЛОВА ГУЛИСТОН**, 01.12.1975, фаррош;
5. **ОДИНАЕВ РАҲМАТУЛЛО**, 02.12.1957, комендант;
6. **ИСОЕВ УМЕД**, 02.12.1972, мутахассис;
7. **БЕГМАТОВА СОҲИДА**, 03.12.1992, ассистенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ;
8. **БОБОЕВА МАҲБУБА**, 4.12.1972, ассистенти кафедраи педагогика;
9. **ИЗЗАТОВ МУҲАББАТ**, 05.12.1970, китобдори китобхона;
10. **ШЕРМАДОВА МЕҲРИНИСО**, 06.12.1980, фаррош;
11. **САИДОВА МАДИНА**, 06.12.1992, лаборанти кафедраи молия ва бонкдорӣ;
12. **РАШИДОВ ҶАМШЕД**, 7.12.1986, мутахассиси раёсати таълим;
13. **БОБОҚУЛОВ ҶУМАХОН**, 9.12.1955, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР;
14. **БАРОТОВ НАМОЗАЛӢ**, 09.12.1969, муаллими калони кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
15. **САФАРОВ ШИРИНҶОН**, 10.12.1981, ассистенти тарбияи ҷисмонӣ;
16. **НУРИДДИНИ ШЕРАВГАН**, 10.12.1992, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
17. **РАҲИМОВА ФИРӮЗА**, 11.12.1984, фаррош;
18. **ХОЛОВ СИНО**, 13.12.1989, асиссенти кафедраи биология;
19. **СУФИЕВ САДРИДДИН**, 13.12.1983, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
20. **РАҲИМОВА ШАҲНОЗА**, 14.12.1987, ассистенти кафедраи забони англисӣ;
21. **ИСОЕВ СОБИР**, 14.12.1983, ассистенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
22. **РАҲИМОВА РУҚИЯ**, 15.12.1963, фаррош;

*ЗОДРӮЗ МУБОРАК, ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!*



# АКСҲОИ РӮЗ



*Гулбаҳакори Абдулмaнон бо либоси миллӣ*



*Донишҷӯдухтари мӯйдарози донишгоҳ*

АНВОРИ ДОНИШ
ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

МУАССИС:
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир РУСТАМ

Котиби масъул:
Эраҷ ДАВЛАТОВ

Хабарнигорони ихтиёрӣ:
Самариддин НАБИЕВ
Гулафзо ДАВЛАТОВА

Мушовирон:
Абдулло Ҳабибулло (профессор),
С.К. Каримов (академик),
М.О. Ибодов (профессор),
Ҷумъахон Алимӣ (профессор),
С.С. Холиқов (н.и.к.),
Ш.З. Худойдодова (н.и.ф.),
Д.Л. Сайдахмадова (н.и.п),
М.Х. Абдуллоев (профессор),
С.С Мирзоев (профессор),
Б. Ҷӯраев (м.к.)

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Саҳифабанд:
Баҳриддин САНГИМАДОВ

Рӯзнома дар ҶДММ "Мега-принт" ба табъ расидааст.
Адади нашр 3600

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

Нишонӣ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj

Телефон:
Қорӣ: (83322) 3- 31- 15
Мобилӣ: 918-13-99-68; 985 87 80 60